

Ҷабборова Мадина Ҷумъаевна

# ТАЪРИХИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

(Васоити таълимӣ)



Душанбе - 2016

65.9

Ҷ-13 Ҷабборова М.

Таърихи иқти-
содиёти мамла-
катҳои хориҷӣ
Душанбе - 2016с
127 саҳ

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШКАДАИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ
ТОҶИКИСТОН

ҶАББОРОВА МАДИНА ҶУМЪАЕВНА

# ТАЪРИХИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ
(Васоити таълимӣ)

ДОНИШКАДАИ МОЛИЯ В.
ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН
КИТОБХОНАИ № 1
Инв. 13349-13

Душанбе
«Ирфон» 2016

**ББК, 65.9 (4Ҷ8)+65.5+92я2**

**Ҷ - 13**

Дар ҷаласаи шӯрои илмӣ – методии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, суратҷаласаи №4/6.4 аз 23 ноябри соли 2016 ҷонибдорӣ шуда барои чоп тавсия гардидааст.

Муқарризон: н.и.и., дотсент Умаров Д.М.
н.и.и., дотсент Маъдиев С.
н.и.и., дотсент Муртазоев Н.

**Ҷабборова М.Ҷ.**
**Таърихи иқтисодиёти мамлакатҳои хориҷӣ. Душанбе, «Ирфон» 2016, 127 с.**

**Омӯзиши таърихи иқтисодиёт барои донишҷӯён ва умуман мутахассисони соҳаи иқтисодиёт муҳим буда, чунин васоити таълимӣ барои васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, такмили донишҳои таърихӣ-иқтисодӣ ва ғайра зарур мебошад. Таърихи иқтисодиёт дар раванди ташаккули ҷаҳонишиносию ҷаҳонбинии иқтисодии мутахассисони оянда мавқеи басо муҳим дорад.**

$Ҷ\ \frac{0606000000-252}{М\ 501\ (12)-2011}-2016$

ISBN 97899947-0-507

**ББК, 65.9 (4Ҷ8)+65.5+92я2**

**©. Ҷабборова М. 2016**

**Ба 70-умин солгарди**
**шодравон падари бузургворам,**
**Полковники милитсияи ВКД ҶТ**
**Ҷабборов Ҷумъа**
**бахшида мешавад**

# САРСУХАН

Таърихи башарият таърихи иқтисодиёт аст. Иқтисодиёт натиҷаи фаъолияти иқтисодии одамон маҳсуб мегардад. Дар давоми ҳазорҳо сол иқтисодиёт дар миқёси олам тадриҷан инкишоф меёфт. Омӯзиши таърихи иқтисодиёти ҷаҳон нишон медиҳад, ки чи гуна қувваҳои истеҳсолкунанда ва сохторҳои соҳавӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ ва шаклҳои ташкилкунии истеҳсолот, идоранамоии механизми хоҷагидорӣ ва сиёсати иқтисодии давлат, инчунин сохтори иҷтимоии ҷомеа аз ҷамоаи ибтидоӣ то давраи ҳозира иваз мешуданд.

Суръати инкишофи иқтисодиёти халқҳои гуногун аз идораи самарабахши хоҷагӣ вобаста буд. Дар навбати аввал, иқтисодиёти самарабахш аз фаъолияти иқтисодии ҳар як халқ, дараҷаи шуурнокии он, меҳнатдӯстӣ ва сатҳи худтарбиядиҳӣ вобаста аст.

Рушди хоҷагии халқҳои ҷаҳон дар натиҷаи пешрафти қувваҳои истеҳсолкунанда ба амал меояд. Иқтисодиёти давлат ба тафаккур ва менталитети аҳолии кишвар алоқамандӣ дорад.

Ба инкишофи иқтисодиёт дар кишварҳои гуногун омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасониданд. Омилҳои объективӣ ин муҳити атроф ва ҳамсоягӣ бо дигар халқҳо мебошад. Омилҳои субъективӣ бошад, фаъолияти иқтисодии халқҳо, урфу одати онҳо, вазъи иҷтимоии аъзоёни ҷомеаро дар бар мегирад.

Дар инкишофи мамлакат омили иҷтимоӣ, вазъияти иҷтимоии аҳолӣ нақши калонро иҷро мекунад. Чи қадаре ки халқ барвақттар аз ғуломӣ ва тобеияти крепостной

озод мешуд, ҳамон қадар тезтар иқтисодиёт рушду нумӯъ мекард.

Таърихи иқтисодиётро омӯхта истода, мо таърихи фаъолияти меҳнатии одамонро меомӯзем. Омӯзиши таърихи хоҷагидорӣ доираи назари донишҷӯро вусъат дода, дар баҳо додан ба муҳимтарин равандҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Зарурияти омӯзиши таърихи иқтисодиёт аз он иборат аст, ки ҷаҳонбинии иқтисодшиноси оянда васеъ гашта, фарҳанги иқтисодӣ дар ӯ ташаккул меёбад.

Омӯзиши таърихи иқтисодиёт дар кори омодагии ғоявию сиёсии иқтисодшинос аҳамияти зиёд дорад.

Ҳамин тариқ, таърихи иқтисодиётро тавзеҳ дода, муаллиф саъй кардааст натанҳо ҷараёни иқтисодиётро, балки саҳми мамлакатҳои пешбаранда, табақаҳои асосии иҷтимоиро дар рушди иқтисодиёти ҷаҳон нишон диҳад.

Китоби мазкур барои донишҷӯёне, ки фанҳои иқтисодиро меомӯзанд, пешниҳод гардидааст. Ҳадафи он, пеш аз ҳама, дар кори ба низом даровардани маводи таълимӣ, омодагии хуб дидан ба машғулиятҳои семинарӣ ва кори мустақилонаи донишҷӯён, дар низоми таълимоти кредитӣ мебошад.

# БОБИ I. ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ХОҶАГИДОРӢ

## 1.1. ФАН ВА МЕТОДИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ИҚТИСОДИЁТ

Таърихи иқтисодиёт ҳамчун илм фаъолияти мардуми кишварҳои ҷудогонаро дар асоси қонунҳои айнии объективии инкишофи ҷамъият, бо пайдарҳамии таърихии тарзҳои истеҳсолот, дар кулли доираҳову соҳаҳои хоҷагидорӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Мавзӯи омӯзиши фанни таърихи иқтисодиёт ба тасвири ҳаёти хоҷагии кишварҳои ҷаҳон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ вобаста мебошад. Ҳаёти хоҷагӣ бисёрҷабҳа буда, аз ин лиҳоз таърихи иқтисодиёт илмест, ки аз якчанд сатҳ иборат мебошад. Ба таркиби сатҳи илм дохил мешаванд:

- •ташаккули тарзи истеҳсолот;
- •таърихи механизми хоҷагидорӣ;
- •таърихи соҳаҳои хоҷагии халқ;
- •таърихи ҷараёни иқтисодии алоҳида;
- •таърихи созмонҳои иқтисодӣ (молиёт, нарх, қарз ва ғ.)

Ҳамин тариқ, таърихи иқтисодиёт метавонад иқтисодиётро дар маҷмӯъ ва ҳамзамон қисмҳои алоҳидаи онро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор диҳад (мисол, таърихи саноат, таърихи хоҷагии халқ, таърихи нақлиёт, таърихи бонкҳо, таърихи низоми молия ва ғ.).

Ба сифати субъектҳои омӯзиши таърихи иқтисод шаклу намудҳои хоҷагӣ, таркиби иҷтимоӣ, шаклҳои гуногуни робитаҳои берунии иқтисодӣ, сиёсати иқтисодии давлат ва ғайра дохил карда мешаванд.

Таърихи иқтисодӣ бо бисёр фанҳои ҷамъиятӣ - иқтисодӣ: назарияи иқтисод, иқтисодиёти саноат, иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ, иқтисодиёти нақлиёт ва ғайра робитаи доимӣ ва устувор дорад.

Таърихи иқтисодиётро дар вобастагӣ бо давраҳои инкишофи ҷомеаи инсонӣ омӯхтан зарур аст, чунки ҳадафи ин фан аз муайян намудани ҳарҷонибаи рушду нумӯи фаъолияти иқтисодии ҷомеа дар тӯли ҳазорсолаҳо иборат мебошад.

Таърихи иқтисодиёт илм оиди таҳаввули хоҷагии ҷаҳонӣ аз давраҳои қадим то давраи имрӯза мебошад. Объекти омӯзиши он ба маънои фарох хоҷагии ҷаҳонӣ, яъне хоҷагии тамоми қабилаҳо, халқиятҳову кишварҳо, инчунин ҷараёнҳои хоҷагидорӣ аз давраҳои қадим то давраи муосир мебошад. Предмети омӯзиши онро хусусиятҳо, равияҳо ва тамоюли таҳаввулоти рушди таърихии хоҷагии ҷаҳониро дар бар мегирад. Муҳимтарин унсурҳои дар ҷараёни таҳаввули хоҷагии ҷаҳонӣ соҳаи хоҷагии қишлоқ, саноат, мубодила ва савдо, қарз ва фаъолияти бонкӣ, пул ва муомилоти пулӣ, инчунин сиёсати молиявию иқтисодии давлат ва ҳукумат мебошад. Илми мазкур маводҳои зиёди молиявро оиди тамоми таҷрибаҳои молиявӣ ва хоҷагидориро дар бар гирифтааст. Ин хусусияти илм ақидаи паҳнгаштаи оиди дувумдараҷа ҳисоб намудани таърихи иқтисодиёт, дар омода намудани иқтисодшиносон ва молияшиносон дар мактабҳои Олӣ, рад менамояд.

Таърихи иқтисодиёт таҳкурсӣ, асос ва воситаи санҷиши ҳар кадом нуқтаи назар дар назарияи иқтисодӣ мебошад.

Маҳаки асосии тақсим ба марҳилаҳо ва давраҳои рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба зуҳур омадани ягон навигарӣ дар иқтисодиёт мебошад. Ин метавонад ҳам соҳаҳо ва ҳам гурӯҳи соҳаҳо ва ҳодисаҳои алоҳидаи беназири иқтисодӣ бошанд. Марҳилаи ибтидоии тараққиёти умумиҷаҳонӣ пайдоиши одами муосир ва фаъолияти хоҷагидории ӯ ва тараққиёти ҳоҷагидорӣ дар ҳамин асос ба ҳисоб меравад. Марҳилаи дуюмро давраҳои пайдоиши истеҳсолот, мубодила, қарз ва ашёҳое, ки ба ҳайси пул истифода бурда мешуданд ва вазифаҳои «пул»-ро иҷро мекарданд, асри X то асри II

пеш аз мелодиро дар бар мегиранд. Марҳилаи сеюм давраи пайдоиши пул, тиҷорат, фаъолияти бонкӣ ва тараққиёту паҳн гаштани онҳо аз ҳазораи I то солшумории мо инчунин то асри XV мелодӣ мебошад. Марҳилаи чорумро пайдоиши капитализми миллии бармаҳал дар мамлакатҳои алоҳида аз асрҳои XVI то XIX маъмул аст. Марҳилаи панҷумро бояд давраи пайдоиши капитализми фаромиллӣ дар асри XX ва тараққиёти он дар асри XXI пазируфт.

Таърихи иқтисодиёти ҷаҳон бо дигар фанҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ алоқамандии зич дорад. Дар системаи илмҳои иқтисодӣ, таърихи иқтисодӣ бештар бо назарияи иқтисодӣ ва таърихи афкори иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Ғайр аз фанҳои иқтисодӣ таърихи иқтисодиёти ҷаҳон бо ҳамаи фанҳои таърих, ҷуғрофия, демография, ҷомеашиносӣ, равониносӣ, сиёсатшиносӣ дар алоқамандӣ амал мекунад.

Таърихи умумӣ, асосан, ба сиёсати дохилию хориҷии ин ё он ҷомеа бахшида шудааст, ки чун поячои асосии тараққиёти ҷамъият дар заминаи инкишофи истеҳсолоти моддӣ баррасӣ мешавад. Илми иқтисод маҷмӯи муносибатҳоро, ки байни одамон дар мавриди истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли маҳсули меҳнат дар зинаҳои гуногуни тараққиёти ҷамъият ба вуҷуд меоянд, меомӯзад. Таърихи хоҷагидорӣ бошад, ҷараёни рушди иқтисодиётро дар дурнамои таърих меомӯзад. Барои таърихи иқтисодиёт на тафсилоти муборизаҳои сиёсиву муссалаҳона, на стратегияи ҷангӣ, балки сиёсати иқтисодӣ ва ҷанбаи иқтисодӣ, яъне дигаргуниҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа, ки ин ё он рӯйдодҳои сиёсӣ ба он боис мегарданд, муҳиманд.

Одамон, меҳнаткашон, оммаи халқ муҳимтарин қисми таркибии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа мебошанд. Бинобар ин, таърихи иқтисодиёт бояд ба инкишофи иқтисодиёт таъсир расонидани омилҳоеро, чун ҳайати иҷтимоии кормандон, идора кардани гурӯҳҳои истеҳсолӣ, қонеъ будан аз меҳнат, рӯҳия, рафтори кормандон ва ғайраро ба назари эътибор гирад. Натиҷаҳои иқтисодӣ

ин пеш аз ҳама натиҷаи фаъолияти одамон, меҳнаткашон, гурӯҳҳои истеҳсолкунанда мебошад. Одамон эҷодкори ҳақиқии таърихканд. Онҳо истеҳсокунандаи бевоситаи неъматҳои моддӣ-маънавӣ мебошанд, ки бе ин гуна неъматҳо пешрафти ягон ҷамъиятро таъмин кардан мумкин нест.

Иқтисод (дар юнонӣ oikonomia-экономия) маҳорату малакаи пеш бурдани хоҷагии хона мебошад. Иқтисод худ як ҷабҳаи илм оид ба ҳаёти ҷомеа аст.

Вазифаи илми таърихи хоҷагидорӣ аз он иборат аст, ки равандҳою ҳодисаҳои ҳаёти иқтисодии ҷомеаро дар марҳилаҳои гуногун омӯхта, таҳлил намояд.

Таърихи иқтисодиёт аз пайдоиши мол ва муносибатҳои бозоргонӣ, ҷудонамоии гурӯҳҳои одамоне, ки мавқеи гуногунро дар ҷараёни истеҳсолот ва мубодила ишғол менамоянд, аз ҷумла пайдоиши одамоне, ки худ бо истеҳсолоти моддӣ машғул нестанд, хуллас, ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодӣ, оғоз мегардад.

Гузаштагон гуфтаанд – «Таърих мураббии ҳаёт аст». Мутафаккирони муосир ақида ба он доранд, ки таърихи иқтисодиёт на танҳо асоси таърихи башарият аст, балки муҳимтарин қисмати назарияи иқтисодӣ, ки таркиби онро сиёсати иқтисодӣ ва тараққиёти таърихи афкори иқтисодӣ дар бар мегирад, мебошад.

***Ташаккул ва инкишофи илм.*** Нахустин асарҳо, ки ба ҷабҳаҳои алоҳидаи инкишофи иқтисодӣ бахшида шуда буданд, дар асрҳои миёна пайдо шуда, ба қалами олимони Шарқ ва Ғарб таалуқ доштанд. Дар асрҳои XVI-XVIII, ҳангоме, ки дар Аврупо инқилобҳои буржуазӣ сар мезаданд, таърихи молия, тиҷорат, хоҷагии қишлоқ, истеҳсолот, ҳунармандӣ ва фаъолияти саноатӣ, ки ба инкишофи илми таърихи иқтисодӣ сабаб гардиданд ва барои ташаккули он мусоидат намуданд ба масъалаҳои актуалӣ табдил ёфта буданд.

Масъалаҳои таърихи иқтисодӣ дар асари иқтисодӣ-омории Уиллям Петти «Рисола дар бораи боҷу хироҷ»

(соли 1662), дар асари олими шотландӣ Адам Смит ба унвони «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои сарвати миллат» (соли 1776) ба миён гузошта шуда буданд. Дар асри XVIII дар кишварҳои гуногун вобаста ба масъалаҳои марбутаи таърихи иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ тадқиқотҳои махсус гузаронида шуда буданд. Барои ҳамин асри XVIII-ро ҳамчун ибтидои ташаккули таърихи иқтисод эътироф мекунанд. Дар натиҷаи фаровасии капитализм тадқиқотҳо дар соҳаи таърихи иқтисодӣ боз ҳам мунтазам ва асоснок мегардиданд. Илми таърихи иқтисодиёт нисбатан ҷавон буда, дар миёнаи асри XIX шакли мустақилро гирифта, аз илми сиёсати иқтисодӣ ҷудо гардид. Дар рафти инкишофи илм мафҳумҳои эволютсияи иқтисодӣ, зинаҳои хоҷагӣ, марҳилаҳои инкишофи иқтисодӣ, шаклҳои таърихии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, шаклҳои таърихии саноатӣ, инқилоби иқтисодӣ ва ғайра истифода бурда мешуданд. Объекти таҳлили онро моделҳои иқтисодие, ки дар онҳо фаъолияти хоҷагидории инсон, механизми фаъолият, ба ҳам алоқаманду ба ҳам таъсиррасонандаи ин низомҳо ташкил медиҳад.

Ба ташаккулёбии таърихи иқтисодиёт ҳамчун илми мустақил як қатор омилҳо таъсир расониданд. Яке аз инҳо – ин пойдоршавии методи таърихӣ дар воқифияти падидаҳо ва ҷараёнҳои иқтисодӣ. Муттасилан принсипи таърихиро К. Маркс ва Ф. Энгелс коркард намуда, онро дар омӯзиши тамоми соҳаҳои воқеии объективӣ, аз ҷумла табиат, ҷомеа, тафаккур истифода бурданд.

Ғайр аз ин, ба инкишофи ин илм аз як тараф бӯҳрони классикӣ буржуазии сиёсати иқтисодӣ ва аз тарафи дигар рушди пурҷӯшу хурӯши иқтисодии Аврупои Ғарбӣ дар нимаи дуввуми асри XIX таъсир расонд.

Инкишофи илми таърихи иқтисодӣ дар нимаи дуввуми асри XIX ва аввали асри XX ба номи олимони англис А. Тойинби ва Дж. Эшли, олимони немис К. Бюхер, М.Вебер, В.Зомбрат, олимони рус М.М. Ковалевский ва П.Г. Виноградов сахт марбут аст.

Маҳз ба шарофати мактаби таърихӣ (иқтисодӣ)-и немис дар асри XIX илми нав – таърихи иқтисод пайдо гардид. Мактабҳои таърихии немисӣ, англисӣ ва русӣ на танҳо дар Аврупо, балки дар ҷаҳон шӯҳрат пайдо намуданд. Дар солҳои 20-40-уми асри XX дар Фаронса мактаби «Анналҳо» инкишоф меёфт.

Таваҷҷӯҳ ба таърихи иқтисод дар даҳсолаи охири асри XX беш аз пеш афзуд ва маҳз дар ҳамин давра (с.1993) олимони амрикоӣ Роберт Фогел ва Дуглас Норт барои таҳияи методҳои иқтисодии таърих сазовори Мукофоти Нобел гардиданд.

Андешаҳову пешниҳодот оид ба такомули ҳаёти иқтисодӣ, вазъи иқтисодии ин ё он давра дар тӯли қарнҳо-то қарни XX, дар осори илмиву адабии мутафаккирон ифода ёфта, мутобиқи талаботу тақозои илми муосир, давраи пешрафти илму техника,-ба миён омадааст.

***Даврабандии илмии таърихи иқтисодиёт***

Таърихи тараққиёти иқтисодии ҷомеаро бидуни даврабандии он таҳқиқ кардан аз имкон берун аст. Масъалаҳои даврабандии таърихи иқтисодиёт ба қатори масъалаҳои марказии илми таърихи иқтисодӣ дохил мегардад.

Даврабандӣ ин марҳилаҳои муқарраргардидаи муайяни пайдарҳамии хронологӣ дар инкишофи иқтисодиёти ҷомеа мебошад. Даврабандии илмии таърихи иқтисодиёт яке аз мураккабтарин масъалаҳост ва ба тарзи мухталиф тафсир дода мешавад.

***Модели сезинагии Гилдебрант - Бюхер***

Б. Гилдебрант ва К. Бюхер иқтисодшиносони буржуазии немис дар миёнаи асри XIX раванди тараққиёти иқтисодии ҷаҳониро ба се зина тақсим намуда буданд: 1) хоҷагии натуралӣ; 2) хоҷагии пулӣ; хоҷагии қарзӣ. Ба ақидаи онҳо, заминаи тақсимот ба давраи таърихии даври ҳаётии мол–маҳсулот, хизматро аз

истеҳсолкунанда (пешниҳодкунанда) то ба истеъмолкунанда дар бар мегирад:

«Табиӣ», хоҷагии натуралӣ-дар муовиза на пул, балки маҳсулот бевосита иштирок мекунад, яъне мустақиман маҳсулоти тавлидгардида ба якдигар мубодила карда мешавад;

«Пулӣ» ё хоҷагии шаҳрӣ-муовиза бо роҳи хариду фурӯш бо иштироки пул ба амал меояд;

«Қарзӣ» (кредитӣ), дар хоҷагии қарзӣ муовиза ба василаи қарз, яъне ғайринақдӣ амалӣ мегардад.

Олими америкоӣ У. Ростоу – муаллифи консепсияи «давраҳои инкишофи иқтисодӣ», ки онро дар солҳои 60-уми асри XX коркард намуд. Ба ақидаи ӯ, таърих ба панҷ марҳила ҷудо мешавад: 1) ҷомеъаи анъанавӣ, ки ба он истифодаи меҳнати дастӣ хос аст, инкишофи хоҷагии қишлоқ ҳамчун асоси иқтисодиёт, сатҳи пасти истеҳсолот, суръати сусти инкишофи техника; 2) даврае, ки барои тағйирот шароит омода гардидааст. Инкишофи илм, бозор, рақобати озод андӯхти сармоя ва афзоиши сармоягузорӣ ба хоҷагии халқ қувваҳои ҳаракаткунандае, ки ҷомеаро барои тағйирот омода намуда буданд; 3) марҳилаи тағйирот ё табоддулоти саноатӣ бо инкишофи босуръати соҳаҳои алоҳидаи саноатӣ ва ивази меҳнати дастӣ ба мошинӣ; 4) марҳилаи камолот - вақте, ки ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ ба рушди босуръат ва доимӣ расида буданд; 5) марҳилае, ки оммаи истеъмолкунандагонро дар сатҳи баланд таъмин менамояд. Аммо баъдан Ростоу дар солҳои 70-ум нақшаи худро бо марҳилаи шашум пурра намуд, ки тибқи он ҷомеа беҳдошти сифати шароити маишии инсонро мақсади асосии худ қарор додааст.

Аз тарафи К.Маркс назарияи форматсионӣ таҳия ва коркард гардид. Тибқи ин даврабандӣ инсоният панҷ форматсияи иҷтимоӣ-сиёсиро аз сар гузаронидааст: *ҷомеаи ибтидоӣ* (аз давраи пайдоиши одам то ҳазораи V то с.м.), ки иқтисодиёт дар ин давра дар сатҳи пасти тараққиёт қарор дошт. Замин воситаи асосии истеҳсолот

буда, моликияти ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Истисмори шахс аз ҷониби шахси дигар вуҷуд надошт. Муносибати асосии ҷамъиятӣ мубодилаи мол ба мол дар ҷамоа буд.

*Сохти ғуломдорӣ* (ҳазораи V то мелод – асри V мелодӣ), ки дар ин давра моликияти хусусӣ, аз он ҷумла, ба одамон (ғуломон) пайдо шуд, ки ба ғуломдорон арзиши изофа меовард. Қарздорон ва асиронро ба ғуломон табдил медоданд. Муносибати асосии иҷтимоӣ муносибати ғуломдорӣ буд. Синфҳои асосии ҷомеа иборат буданд аз ғуломон ва ғуломдорон. Зиддияти байни онҳо зиддияти ҳалнашаванда ва антагонистӣ буд.

*Сохти феодалӣ* (асрҳои V ва XVII-ро дар бар мегирад), дар ин давра деҳқон ба феодал (соҳиби замин) тобеъ гардид. Дар давраи феодалӣ замин воситаи асосии истеҳсолот ба ҳисоб рафта, хоҷагии натуралӣ ҳукмрон буд. Тавлидкунандаи неъматҳои моддӣ дар ин давра деҳқон буда, бар хилофи ғулом ва коргари кироя мустақилона хоҷагиро пеш мебурд.

*Сохти капиталистӣ* (аз миёнаи асри XVII то ҳозир дар кишварҳои мутараққӣ) - дар баробари ба вуҷуд омадани корхонаҳои саноатӣ моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот муқаррар гардид. Коргар вобаста ба он, ки моликияти хусусӣ ва ё воситаҳои дигари рӯзгузаронӣ надорад, маҷбур буд қувваи кории худро ба капиталист фурӯшад. Аз ин лиҳоз коргар, аз ҷониби капиталист истисмор мегашт. Муносибати асосии иҷтимоӣ арзиши изофа (сармоя - капитал) мебошад.

*Сохти коммунистӣ* (аввали асри XX то инҷониб, мисол, Куба, Хитой, Манголия), пас аз ғалабаи коргарон бар буржуазия фаро мерасад. Воситаҳои истеҳсолот ҷамъиятӣ мешаванд ва дар натиҷа истисмор аз байн меравад. Меҳнати тоқатфарсои маҷбурӣ ба ихтиёрӣ, эҷодӣ табдил меёбад. Дар ин замина истеҳсолот меафзояд ва талаботи ҳамаи аъзои ҷомеа қонеъ гардонида мешавад.

Омӯзиши таърихи иқтисодиёти ҷаҳон хусусияти махсус дорад чунки, ин илм аҳамияти калони амалӣ

дорад, зеро гузаштаи худро надониста, ба пеш қадам ниҳодан номумкин аст. Мисол, истифодаи модели монетаристӣ дар шароити як шакли моликият, рад намудани танзими иқтисодиёти давлатӣ, ҳарчанд аллакай дар аввали асри XX худтанзимкунӣ дар мамлакатҳои капиталистӣ рад гардида буд; либерализатсияи ҳама чиз, инчунин муносибатҳои берунӣ бе таъминоти раванди такрористеҳсол дар дохили кишвар, ҳарчанд ҳамаи давлатҳо дар давраи ташаккули иқтисодиёт ба протексионизм рӯй оварда буданд.

**ТЕСТ**

**1. Ҳадафи омӯзиши фанни таърихи иқтисодиёт:**

А) ҷустуҷуйҳои инсоният барои дарёфти роҳҳои беҳтарини инкишоф;

Б) пойдор намудани сулҳ дар тамоми ҷаҳон;

В) беҳсозии тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва кишварҳои ҷудогона;

Г) ба роҳ мондани тарзи қуллайтарини истеҳсолот.

**2. Ба шарофати кадом мактаби таърихӣ (иқтисодӣ)-и фанни таърихи иқтисодиёт ба вуҷуд омад:**

А) мактаби физиократҳо;

Б) мактаби меркантилистҳо;

В) мактаби таърихии немисӣ;

Г) мактаби иқтисодчиёни классик.

**3.Барои таҳияи методҳои иқтисодии таърих мукофоти Нобелро киҳо сазовор гардиданд?**

А) Роберт Фогел ва Дуглас Норт;

Б) А. Смит ва Д. Рикардо;

В) А.Маршалл, Ҷ. М. Кейнс;

Г) Б.Гилдебрант, К.Бюхер.

**4.Иқтисодшиносону таърихшиносони немис Б. Гилдебрант ва К. Бюхер таърихи хоҷагидориро ба чунин зинаҳо тақсим намудаанд:**

А) ҷамоаи ибтидоӣ, ҷамъияти ғуломдорӣ, феодализм, сохти капиталистӣ ва сохти сотсиалистӣ-коммунистӣ;

Б) табиӣ, пулӣ, кредитӣ;

В) соҳавӣ, хурд, калон, сохтмонӣ, дарозмуддат;

Г) технологӣ, инноватсионӣ, биотехнологӣ.

**5. Таърихи иқтисодиёт ҳамчун илм дар кадом аср ташаккул ёфт:**

А) асри XIV;

Б) асри XVIII;

В) асри XIX;

Г) асри XV.

## 1.2. ХОҶАГИИ ҶОМЕАИ ИБТИДОӢ

Тамоми халқҳои ҷаҳон марҳилаи сохти ибтидоӣ-ҷамоавиро тай кардаанд. Тадқиқотҳои зиёд нишон медиҳанд, ки сохтори ҷомеаи ибтидоӣ дар таърихи тараққиёти инсоният нахустин-форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, миллионҳо сол идома ёфта, давраи аз олами ҳайвонот ҷудо шудани инсон ва ба вуҷуд омадани ҷамъияти инсониро дарбар мегирад. Дар ин давра паи ҳам одамони қадим якдигарро иваз менамуданд. Зиндагии мардум дар ҷомеаи ибтидоӣ аз муҳити атрофу ҳодисаҳои табиӣ, боду ҳаво, ҳайвоноти ваҳшӣ ва ғайра вобаста буд. Олоти меҳнати онҳо сода буда, аз санг тайёр карда мешуд. Маҳз санг асоси тайёр намудани олоти меҳнат гардида, истифодаи он мӯҳлати тӯлониро – то ҳазораи IV-IIV дар бар мегирад. Барои ҳамин давраи ҷомеаи ибтидоӣ асри санг ва зинаи ибтидоии онро *палеолит* меноманд. Палеолити бармаҳал тақрибан 100 ҳазор сол пеш ба охир расид. Одамони ибтидоӣ тарзи ҳаёти галлаӣ, нимкучманчигӣ ба сар мебурданд, ғизояшон аз наботот, меваҷот, растаниҳо ва ҷонварон иборат буд.

Мақсади асосии онҳо таъмини рӯзгор ва зинда мондан буд. Онҳо ҳайвоноти калонро якҷоя шикор мекарданд. Ҳангоми шикор, мудофиа аз душманону ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҳодисаҳои табиӣ муттаҳид мешуданд. Ин иттиҳод шакли нахустини умумияти иҷтимоӣ ва як зина дар роҳи гузариш аз шакли галлаи ибтидоӣ ба қабилавӣ буд.

Асоси муносибатҳои истеҳсолии ҷомеаи ибтидоӣ меҳнати коллективӣ, моликияти ҷамъиятӣ будани олоти воситаҳои истеҳсолот ва тақсимоти баробар, хусусияти хоси сохти ҷамъияти ибтидоӣ буд. Асоси чунин хусусияти хоси ҷамъияти ибтидоиро дараҷаи пасти қувваҳои истеҳсолкунанда ташкил менамуд.[1]

Ҳамин тавр, меҳнати каммаҳсули одамони ибтидоӣ наметавонист ба ғайр аз воситаҳои зарурии зиндагӣ, дигар маҳсулоти изофа ба вуҷуд оварад.

Дар давраи неолит ба табиат таъсири фаъолона расонидани одами ибтидоӣ-ҷамоавӣ бахусус дар истеҳсоли ғизо ба амал омад, ки ин воқеаи басо муҳим буд. Маҳз дар давраи неолит хоҷагиҳои бузург, чун чорводорӣ ва деҳқонӣ, ром кардани ҳайвонҳои ваҳшӣ ва зери назорати инсон афзоиш ёфтани онҳо пайдо шуд. Зироаткорӣ аз ҷамъоварӣ ба вуҷуд омад. Зироатҳои деҳқонӣ ҷав, гандум, арзан, шолӣ, лӯбиё, ҷуворӣ, каду буданд. Оҳиста-оҳиста агротехника мукаммал мегардад. Усули зироаткорӣ тадриҷан дигар мешавад – аз заминкобӣ ба каланд кардан мегузаранд.

Аз шикору ҷамъоварӣ ба чорводорию деҳқонӣ гузаштанро бори аввал қабилаҳое амалӣ гардонданд, ки дар водиҳои дарёҳои Фурот, Нил, Ганг, Янзитсян, Осиёи Пеш ва қисми ҷанубии Осиёи Миёна умр ба сар мебурданд. Соҳаи асосӣ дар ҷомеаи ибтидоӣ чорводорию деҳқонӣ маҳсуб мегардид.

Минбаъд бо тараққии рӯзафзуни кишоварзӣ баъзе қабилаҳо, вобаста ба хусусиятҳои муҳити зисташон дар чорводорӣ, баъзеи дигарашон – ба деҳқонӣ тахассус пайдо карданд. Бешубҳа, яке аз созмонҳои таърихан ташаккулёфтаи иҷтимоӣ *тақсимоти меҳнат* буд.

Истеҳсолоти ҳунармандӣ ва олоти филизӣ-мисӣ, қалъагӣ ва биринҷӣ ба миён меояд.

Қадимтарин ҳунарҳо кулолгарӣ ва бофандагӣ ба ҳисоб меравад. Аз чорводорӣ ҷудо гардидани деҳқонӣ,

МОЛИЯ В.
КИТОБХОНАИ № 1
Инв.: 13 3749-13

[1] Таърихи иқтисод. Боқиев Ҳ., Боқиев М. Душанбе, «Ирфон», 2012. С.23.

тараққиёти ҳунармандӣ, аз ҷумла истеҳсолоти кулолгарӣ, бофандагӣ, сохтани олоти филизии меҳнат барои истеҳсолоти молӣ заминаҳои объективӣ фароҳам оварданд.

Ба вуҷуд омадани хоҷагии истеҳсолкунанда дастоварди бузурги иқтисодиёти ибтидоӣ ва замина барои тамоми таърихи иқтисодии башарият гардид.

Дар натиҷаи зуд-зуд ба даст овардани маҳсулоти изофа табодули мол ба вуҷуд омад. Мубодилаи мол дар марзҳои ҷамоаҳо ба вуҷуд омад. Дар таърихи башарият нахустин шакли муносибатҳои бурунмарзии иқтисодӣ мубодилаи мол ба ҳисоб меравад.

Дар давраи мезолит дастоварди асосии илмӣ ба вуҷуд омадани хат (пиктография) ба шумор меравад. Дар ин давра маълумотҳои зиёд оид ба ҷуғрофия, зоология, ботаника, минералогия, астрономия, метеорология, тиб ҷамъ омада буданд.

Кашфиётҳову ёдгориҳои асри сангин тасдиқ менамоянд, ки одамон дар ҳудуди Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар сарзамини ҳозираи Тоҷикистон аз замонҳои хеле қадим сукунат доранд.

Марҳилаи муҳими таърихи ҷомеаи ибтидоиро **асри биринҷӣ** (охири ҳазораи III асри IX-VIII то мелод) ташкил медиҳад. Дар аҳди биринҷӣ қабилаҳои Осиёи Марказӣ ба дараҷаи хеле баланди пешрафти маданияти моддӣ ва маънавӣ расида, дар байни тамаддуни шаҳрҳои Шарқи Наздику Миёна ва Ҳиндустон, аз як тараф ва қабилаҳои Поволже, Қазоқистон, Сибир, Осиёи Марказӣ ва Хитой, аз тарафи дагар, ҳалқаи пайвандкунанда гардида буданд.

**Асри оҳан** — давраест дар таърихи инсоният, ки ба он кашф гардидани маъдани оҳан ва тайёр кардани маснуоти оҳанӣ хос аст. Ҳамаи мамлакатҳо дар замонҳои гуногун Асри оҳанро аз сар гузаронидаанд. Нимаи якуми ҳазорсолаи аввали то мелод дар Осиёи Марказӣ тағйироти ҷиддие ба вуқӯъ пайваст, ки тамоми ҷанбаҳои зиндагӣ – моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро фаро

гирифт – ин ҳама бо пайдоиш ва паҳншавии маснуоти оҳанӣ алоқаманд буд. Ба ҳамин сабаб ин давраи таърихӣ Асри оҳан ном гирифт.

Дар ҷомеаҳое, ки одамон дар баъзе мавридҳо маҳсулоти изофа ба даст меоварданд, тадриҷан тақсимоти меҳнатӣ пайдо мегардад. Яъне барои тақсими маҳсулот натанҳо сину сол, балки иштироки меҳнат низ ба назар гирифта мешуд. Мунтазам ба даст овардани маҳсулоти изофа сабаби пайдо шудани мубодила гардид ва ин ҳам бошад як ҷабҳаи фаъолият дониста мешуд. Мубодила байни ҷомеаҳои ҳамсоя оиди ба даст овардани неъматҳои табий ба роҳ монда мешуд. Мубодилаи неъматҳо, натанҳо байни тамоми табақаҳои ҷамоа, балки байни шахсони алоҳида низ сурат мегирифт. Чунки шакли мубодила таҳти мубодилаи неъматҳои табиӣ маълум буда, минбаъд ба туфайли таксимоти меҳнат ва фаровонии неъматҳо ба тиҷорат - оварда расонид, ки минбаъд он дар марҳилаи хоҷагии истеҳсолгароӣ торафт рушду нумуъ намуд.

Тараққиёти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳаёти иқтисодӣ ва ҷамъиятии одамон тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд овард.

Чорводорӣ ва кишоварзӣ нақшу мақоми мардонро баланд бардошт ва онҳо дар байни авлод то рафт эътибори махсус пайдо менамуданд. Дар натиҷаи чунин ҷараён авлоди модарсолорӣ аз байн рафта, бар ивазаш авлоди падарсолорӣ фаро расид, ки онро тараққиёти минбаъдаи истеҳсолоти моддӣ имконпазир гардонид.

Агар дар давраи модарсолорӣ сохти ҷомеаи ибтидоӣ ба дараҷаи олии нашъунамои худ расида бошад, дар замони авлоди падарсолорӣ аллакай аввалин аломатҳои вайроншавии ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шуда буданд. Муносибатҳои истеҳсолии ҷамъияти ибтидоӣ ба дараҷаи маҳдуди моликияти ҷомеагӣ ва тақсимоти баробари маҳсулот, дар зинаи охири падарсолорӣ дигар ба қувваҳои нави истеҳсолкунанда мувофиқат намекард.

Ҷудошавии чорводорӣ аз кишоварзӣ, инкишофи хоҷагии қишлоқ ва аз онҳо ҷудо шудани ҳунармандӣ, ба

вуҷуд омадани соҳаи филлизгудозӣ барои қувваи истеҳсолкунадаи иловагӣ шароит фароҳам омад. Инҳо асосан асироне буданд, ки баъдан ба ғулом табдил дода мешуданд. Инкишофи истеҳсолот маҳсулоти изофаро ба вуҷуд овард, ки баъдан объекти мубодила гардид. Дар натиҷаи ин, аввал тиҷорат ва баъдан пул пайдо шуд. Хоҷагиҳои натуралӣ аз субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ иборат буда, дар бунёд ва ташаккули хоҷагиҳои молӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар асоси хоҷагиҳои молӣ бозор ба вуҷуд омада, минбаъд густариш меёбад.

***Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат*** ва мубодила ҷараёни пайдо шудани моликияти хусусиро хеле тезонид. Инкишофи минбаъдаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, тараққиёти истеҳсолоти молӣ ва мубодила ботадриҷ истеҳсолоти ҷомеагӣ ва моликияти коллективиро вайрон менамуд. Дар ҷомеаи ибтидоӣ мавқеи моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот торафт мустаҳкам гардида, қисми зиёди онро аъзоёну ашрофони ҷомеа аз худ менамуданд. Хонаводаҳою аъзоёни ашрофон торафт доротар мегардиданд.

Ташаккули моликияти хусусӣ раванди объективие гардид, ки ба таназзул ёфтани низоми ибтидоӣ-ҷамоавӣ оварда расонд. Ҷамоаи авлодӣ пош хӯрда, мустақилият пайдо кардани оилаҳои ҷудогона ба амал омад, ки онҳо хоҷагии инфиродиро пеш мебурданд. Вусъат ёфтани моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот боиси нобаробарии дороию иҷтимоӣ гардид. Нахустин ҷудошавии ҷамъиятӣ ба синфҳо, яъне ба *ғуломдорон ва ғуломон ба миён омад*. Барои муҳофизати манфиатҳои мулкдорон, ғуломдорон ва ҳимоя аз хатари берунӣ *давлат* ташаккул меёбад.

**Тест**

**1.Муносибатҳои асосии истеҳсолоти сохти ибтидоӣ-ҷамъоавӣ чӣ гуна буданд?**

А) моликияти дастаҷамъӣ;

Б) моликияти шахсӣ;

В) моликияти давлатӣ;

Г) моликияти ҷамъиятӣ;

Д) моликияти хусусӣ.

**2. Ба нобаробарии иҷтимоӣ чӣ боис гардид:**

А) вусъат ёфтани моликияти хусусӣ;

Б) пайдоиши пул;

В) ташаккули давлат;

Г) ба вуҷуд омадани синфҳо;

Д) инкишофи илму техника.

**3. Зиндагии мардум дар ҷомеаи ибтидоӣ вобаста буд аз....**

А) муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

Б) инкишофи хоҷагии қишлоқ;

В) ҳодисаҳои табиӣ, боду ҳаво ва ҳайвоноти ваҳшӣ;

Г) қабилаҳои ҳамсоя;

Д) аз ягон чизе вобаста набуд.

**4. (Ҷумларо ба охир расонед.....) Яке аз созмонҳои таърихан ташаккулёфтаи иҷтимоӣ......**

**5.Вусъат ёфтани моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот боиси чӣ гардид?**

А) таназзули феодализм;

Б) барҳам хӯрдани сохти ғуломдорӣ;

В) баробарҳуқуқӣ;

Г) нобаробарии иҷтимоӣ.

## 1.3. ТАЪРИХИ ИҚТИСОДИЁТИ ШАРҚИ ҚАДИМ

Аз ҷамъияти ибтидоӣ ба ғуломдорӣ гузаштан бори аввал дар кишварҳои Шарқи Қадим ба амал омад. Омӯзиши ҳодисаҳои таърихии кишварҳои Шарқи Қадим, ки дар ҳазораи IV то солшумории мо дар Бобулистон, Миср, Ҳиндустон, Хитой, Осиёи Марказӣ ва кишварҳои дигари соҳили Бахри Миёназамин ба вуҷуд омада буданд, ба мо имконият медиҳанд давраи асосии инкишофи башарият, яъне таназзули сохти авлодӣ, бавуҷудоии синфҳо, ҷамъияти ғуломдорӣ, ташаккули давлатҳо, ташаккули тамаддунҳо ва иқтисодиётро ҳамчун соҳаи созмондодаи фаъолияти инсон омӯзем.

Хоҷагӣ ва маданияти моддӣ асоси иқтисодии ҷамъиятро ташкил медиҳанд. Дар қатори дигар падидаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, онҳо хусусият ва дараҷаи пешрафти ҷамъият, ташаккули он, оила ва муносибатҳои оилавӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятиро муайян менамоянд.

Дар минтақаи Шарқи Қадим пеш аз дигар мавзеъҳои нимкураи Шарқӣ барои инкишофи тамаддуни инсонӣ шароити мусоид ба амал омад. Зироаткорӣ дар ин ҷо бо суръати баланд инкишоф меёфт. Ба ин иқлими гарм, мавҷудияти водиҳои ҳосилхези соҳили дарёӣ, заминҳои ба осонӣ киштукоршаванда мусоидат мекарданд.

Дараҷаи инкишофи муносибатҳои ғуломдорӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим гуногун буд. Дар минтақаҳои нисбатан мутараққӣ ғуломдорӣ бештар инкишоф ёфта буд.

Ғуломдорӣ – шакли таърихан аввалин ва нисбатан дурушти истисмор меноманд, ки мувофиқи он ғулом дар қатори олоти истеҳсолот моликияти хусусии ғуломдор буд. Истифодаи зӯроварӣ ба мақсади истифодаи маҳсули меҳнати истеҳсолкунада, ин як намуди тасарруфи шахсияти истеҳсолкунада аз ҷониби истисморкунанда буд, ба маънои иқтисодӣ ин молик будан ба моликият, ба қобилияти меҳнатии шахс буд.

Манбаи асосии ғуломон асирони ҳарбӣ, одамони озоди қарздоршуда ва фарзандони ғуломон буданд. Қувваи ғуломон дар хоҷагии хона, бунёди объектҳои сохтмони иншоотҳои обёрӣ, сохтани каналу ҷӯйборҳо, инчунин дар хоҷагии қишлоқ васеъ истифода мешуд.

Хусусияти дигари хоҷагии давлатҳои ғуломдории Шарқ, аз он иборат буд, ки бо вуҷуди хеле тараққӣ кардани ғуломдорӣ меҳнати ғуломон асоси ҳаёти хоҷагӣ нагашт. Қувваи асосии истеҳсолкунандаи ҷамъият – деҳқонон буда, ҷомеаи деҳотӣ воҳиди асосии истеҳсолӣ ба шумор мерафт.

Муносибатҳои иқтисодӣ байни ҷомеаи ибтидоӣ ниҳоят маҳдуд буданд. Асоси чунин маҳдудиятро хоҷагии натуралӣ-маҳсулотӣ ташкил медод. Яъне, воситаҳои зиндагӣ

аз ҷониби худи ҷамоаҳо истеҳсол ва истеъмол карда мешуданд. Мубодила ниҳоят суст ва моликият, ба монанди чарогоҳ, қитъаи замин, об ва ғайра мисли давраи ибтидоӣ моликияти коллективӣ боқӣ мемонад. Замин, чарогоҳ, чорвои корӣ ва ғулом, ки дар иншоотҳои обёрӣ истифода мешуданд, моликияти ҷомеа ҳисоб мешуданд. Моликияти давлатӣ ҳамчун, таҷассуми маҷмуи моликияти ҷомеаҳо сурат мегирифт. Мавҷуд будани ин хел шаклҳои моликият натиҷаи низоми зироатчигие буд, ки он дар асоси обёрии сунъӣ қарор гирифта буд.

Пайдоиши шаҳрҳо бо қалъаҳо ва деворҳои муҳофизатӣ, маъбадҳои бузург, иморатҳо барои баргузории ҷамъомадҳои мардум, густариши истеҳсолоти металлургӣ, ихтирои чархи кулолӣ, дастгоҳи бофандагӣ, пайдоиши хат, фаро расидани марҳилаи нави тақсимоти меҳнат-табдил ёфтани ҳунармандӣ ба яке аз соҳаҳои мустақили машғулият ва нишонаҳои зуҳур ва пойдоршавии **тамаддун** мебошанд.

**Деҳқонӣ** - соҳаи асосии хоҷагии қишлоқи кишварҳои Шарқи Қадим бештар инкишоф ёфта буд. Дастоварди азим ба вуҷуд оварда шудани низоми ирригатсионии мураккаби дорои шабакаи густурдаи наҳрҳову обанборҳои сунъӣ гардид. Ирригатсия дар давлатҳои Шарқи Қадим имкон дод, ки дар ин ҷойҳо кишти обӣ, сабзавоткориву боғдорӣ тараққӣ кунад.

Дар зинаҳои аввали инкишофёбии ҷомеаи қадим чорводорӣ мавқеъ гирифта буд. Чарогоҳҳои беканор барои парвариши буз, гӯсфанд ва ҳайвони калони шохдор шароитҳои мусоид фароҳам оварданд. Рамаҳои калони бузу гӯсфанд асоси ба даст овардани ашёи хом гардиданд, ҳайвони калони шохдор бошад, барои кишоварзӣ қувваи кориро ташкил кард. Инкишофи чорводорӣ истеҳсолоти чармгариро бо ашёи хом таъмин менамуд. Чарм дар хоҷагии хонаводагӣ, сохтани лавозимоти ҳарбӣ ва ҳамчун масолеҳ барои навиштани хат васеъ истифода бурда мешуд. Пашми бузу гӯсфанд асоси пайдоиши

истеҳсолоти нассоҷӣ гардид. Матоъ на танҳо аз пашм, балки аз загир ва баъдан аз пахта ҳам истеҳсол мешуд.

Ҳунармандӣ мавқеи муҳим дошт. Ҳунармандони Шарқи Қадим дар истеҳсолоти бофандагӣ, кулолӣ, дар коркарди чӯб, санг, устухон, филизоти қиматбаҳо-тиллову нуқра комёбиҳо ба даст оварданд. Пайдоиши истеҳсоли металлургӣ барои истеҳсоли маснуоти мисӣ, биринҷӣ, оҳанӣ сабаб гардид, ки онҳоро дар хоҷагии қишлоқ, сохтмон ва барои рӯзгори хона истифода мебурданд.

Иқтисодиёт, илм ва маданияти Шарқи Қадим барои инкишофи тамаддуни Шарқи Наздик, минтақаҳои Баҳри Миёназамин ва дар оянда тамоми Аврупо асос гардид.

**Тест ва саволҳо**

**1.Барои инкишофи тамаддуни инсонӣ шароити мусоид ба амал омад дар:**

А) Аврупои Ғарбӣ;

Б) Шарқи Қадим;

В) минтақаҳои Баҳри Миёназамин;

Г) Шарқи Наздик.

**2. Соҳаи асосии бештар инкишофёфтаи кишварҳои Шарқи Қадим:**

А) хоҷагии қишлоқ;

Б) ҳунармандӣ;

В) тиҷорат;

Г) сохтмон.

**4. Манбаи асосии ба даст овардани ғуломон:**

А) асирони ҳарбӣ;

Б) одамони озоди қарздоршуда;

В) фарзандони ғуломон;

Г) ҳамаи ҷавобҳо дуруст.

**5.Нишонаҳои ба зуҳур омадан ва пойдоршавии *тамаддунро* номбар намоед.....**

**6.Нақши низоми ирригатсионӣ дар иқтисодиёти Шарқи қадим...**

## 1.4.ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИСРИ ҚАДИМ

Мисри қадим нахустин давлате буд, ки дар охири асри IV то милод дар водии дарёи Нил ташаккул ёфт. Шохобҳои Нил, заминҳои ин сарзаминро обшор намуда, шароитҳои мусоидро барои пеш бурдани хоҷагии деҳот фароҳам оварда буданд. Аз рӯи қайди мутахассисон дар давраҳои қадим ягон кишвар дар кори обёрӣ ба мисриён баробар шуда наметавонист.

Ҳангоме, ки халқҳои дигар кишварҳо бо шикору ҷамъоварӣ машғул буданд, мисриён соҳаи кишоварзиро аз бар намуда, пешравӣ доштанд. Аз ин лиҳоз, шарти асосии истеҳсолот ва ҳастии мардум танзими низоми обёрӣ ба воситаи бунёди иншоотҳои мураккаби ирригатсионӣ, ки ин хусусият ба тамаддунҳои наздидарёӣ хос буда, такомул ёфта буд.

Миср аз ҳар тараф бо биёбону кӯҳҳо ва ботлоқҳо иҳота шуда, ин омили табиӣ боиси муҳофизат аз душманони беруна гардида буд. Дар натиҷаи муттаҳидии сиёсӣ, ки то он зиёда 40 иттиҳодияҳои ҷомеагӣ вуҷуд доштанд, сонияи тӯли ҳазорсолаҳо ин ягонагӣ бе тағйир монда буд. Таърихи Мисри қадимро шартан ба се марҳила ҷудо мекунанд: Шоҳигарии қадим, Шоҳигарии миёна, Шоҳигарии нав.

Дар тавлиди тамаддуни Миср нақши асосиро омилҳои табиию ҷуғрофӣ бозида буданд. Дарёи Нил бо шахобҳояш, ки зиёда аз 6 ҳазор км ташкил дода, дар ибтидо Мисри Боло ва Поёнро муттаҳид намуда буд. Муттаҳидшавии Мисри Боло ва Мисри Поён ба давлати ягона тақрибан солҳои 3000 то солшумории мо ба вуқӯъ пайваст.

Соҳаи асосии иқтисодиёти Миср кишоварзӣ буда, мисриён гандум, зағир, ангур, хурмо, ҷав, каноб ва сабзавот истеҳсол мекарданд. Олоти меҳнати онҳо каланд, омоч, дос ва ҳоказо буд. Аз Осиё дарахтони анор, бодом, олу, ангур, гелосу себ ва ғайраҳоро оварда, парвариш намуда, майдонҳои калони боғу токзорҳоро ташкил менамуданд.[1] Ба рушди чорводорӣ, маҳдудияти заминҳои корам монеа шуда буд. Мисри Боло ба маркази кишоварзӣ, Мисри Поён бошад ба маркази чорводорӣ ва боғу токпарварӣ табдил ёфт .

Асоси иқтисодиёти Мисри Қадимро соҳаи кишоварзӣ бо иншоотҳои ирригатсионию корҳои обёрӣ бо воситаи техникаи содда ва коркарди замин муттаҳид мекард. Баробари зироаткорӣ чорводорӣ низ ба яке аз соҳаҳои махсуси хоҷагӣ табдил меёфт. Барои рушди соҳаи чорводорӣ ҳатто дар он давра мисриён зотҳои хуби чорворо парвариш намуда, саршумори онҳоро зиёд мекарданд.

Давлат меҳнати аъзоёни ҷамоаро барои корҳои ҷамъиятӣ, ки ҳамчун хидмати меҳнати ҳатмӣ буд, мутамарказ гардонда буданд. Ҳар як деҳқон бояд дар замони муайян корҳои ҷамъиятиро дар маъбади шоҳ ва майдонҳои он, дар сохтмони тартиби обёрӣ, роҳҳо ва ибодатхонаҳо ба анҷом мерасониданд.

Дар баробари ин, давлат ҳам ташаббускори обёрӣ ва тақсимкунандаи об, ҳам молики тамоми замин ва иншоотҳои обёришаванда буд, ки тавассути хоҷагии шоҳ ва маъбадхонаҳо идора мегаштанд.

---

[1] Р.П.Толмачева, Экономическая история, Москва, 2007, стр 25.

Баробари хоҷагии қишлоқ ҳунармандӣ низ ба яке аз соҳаҳои алоҳидаи машғулияти мисриёни қадим табдил меёфт.

Афзоиши ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ барои рушди ҳунарҳои моддӣ замина гузошт. Аҳолии кишвар моҳирона аз истифодаи маводҳои гуногун ашёи хона ва олоти меҳнат истеҳсол мекарданд. Коркарди санг дар сатҳи боло қарор дошт, ки аз он на танҳо корд, табар ва ғайраҳоро истеҳсол мекарданд, балки ҳамчун маводи сохтмонӣ истифода бурда мешуданд. Мисриён сохтмончиёни бомаҳорат буданд.

Аз тахтасангҳои бузурги сунъӣ, ки хело хуб коркард ва ба якдигар мувофиқ мекарданд, мисриёни қадим маъбадҳои боҳашамат, биноҳо ва аҳромҳоро, бунёд карда буданд. Сохтмони чунин иншоотҳои бузург захираҳои меҳнатӣ, маводҳои сохтмонии назаррас ва вақтро талаб мекарданд. Барои мисол, аҳроми Хеопс аст, ки дарозии таҳкурсиаш 232,4 м ва баландиаш 146,7 метрро ташкил дода, аз 2,3 миллион дона сангҳои ниҳоят устокорона суфтакарда сохта шуда, муддати сохтумон 20 солро дар бар гирифтааст. Бояд гуфт, ки сохта шудани чунин биноҳои пурдабдаба ва азим агар аз як тараф шукӯҳу шаҳомати давлати Мисри Қадимро ифода мекарданд, аз тарафи дигар шаҳодати он буданд, ки қувваҳои истеҳсолкунандаи ин кишвар ҳақиқатан ҳам дар ривоҷу равнақ ва тараққиёт қарор дошт. Инчунин, каналҳои киштигузар барои пайваст шудан ба баҳри Сурх сохта шуда буданд.

Дар давраи Шоҳигарии нав ҳунармандӣ ва, пеш аз ҳама, соҳаи металлургия (гудозиши мис ва сурб), заргарӣ хело босуръат рушд карда буд. Кофтуковҳои археологӣ аз сатҳи баланди ҳунарҳои гуногун, алалхусус, заргарӣ ва

коркарди филиз дарак медиҳанд. Гурӯҳи ҳунармандоне, ки хизмати фиръавнҳо ва дарбориёни онҳоро ба анҷом мерасониданд, ба сатҳи воломақом расида буданд. Тафриқаи ҳунарҳои воло аз ҳунарҳои поёнӣ ба амал меояд. Хизматрасонии ҳунармандони табақаи поёнӣ асосан ба қисми аҳолии деҳот нигаронида шуда буд. Ҳунармандони воломақомро давлат дастгирӣ намуда, онҳоро ба низоми хоҷагии шоҳигарӣ дохил карда буданд. Дар ибтидо хоҷагии натуралиро рушди муомилоти пулӣ ҳавасманд намекард. Дар Мисри қадим пул вуҷуд надошт, як мол ба моли дигар иваз мешуд, агар арзиши яксон медоштанд.

Савдо дар аввал хислати мубодила, яъне, иваз намудани як мол ба моли дигарро дошт. Масалан, дар Мисри қадим ғалла хеле арзиши баланд дошта, барои пардохти андозҳо ва мубодилаи дигар молҳо, дос, матоъ ва ғайра васеъ истифода карда мешуд. Вай нақши пулро иҷро мекард. Дар ибтидо нақши пулро ғалла бозида, дертар воҳиди ягонаи пулро дебен (порчаи рехтаи нуқра, ки вазни он 91 гр. буда, он зиёда ба даҳ воҳид тақсим мешуд) адо менамуд. Савдои беруна асосан монополияи подшоҳ ва номарҳҳо буд. Ба хориҷа маҳсулоти ҳунармандӣ торафт бештар бароварда мешуд.

Барои ба даст овардани боигариҳои зиёд фиръавнҳо ва номарҳҳо рӯзи кориро дар корхонаҳои худ хеле дароз мекарданд. Ҳукуматдорон - фиръавнҳо чун худои рӯи замин ниҳоят бой буда, ба онҳо тамоми мамлакат ва аҳолии он тааллуқ дошт. Оилаҳои онҳо дар қасрҳои боҳашамат бо кару фар зиндагӣ намуда, ҳазорон хизматгор доштанд.[1]

[1] Таърихи иқтисод. Боқиев Ҳ., Боқиев М. Душанбе, «Ирфон», 2012. С.57.

Тараққиёти маданияти моддӣ дар пешрафти маданияти маънавӣ нақши калонро иҷро мекард. Инкишофи ҳунармандӣ ва корҳои обёрӣ ба ташаккули нахустин донишҳои илмӣ замина фароҳам меовард. Ба яккаҳукмронии дин нигоҳ накарда, илмҳои ситорашиносӣ, риёзӣ ва тиб хеле пеш рафта буданд. Махсусан, тараққиёти соҳаи иқтисодӣ дар давраи Шоҳигарии Миёна ба пешравии риёзиёт, геометрия ва дигар шаклҳои маданият имконияти хуб фароҳам овард. Дарёнавардӣ дар рушду нумӯи донишҳои ҷуғрофӣ аҳамияти калон бахшид. Мумиё кардани ҷасади марҳум, омӯхтани анатомияи одам ва ғайра рушди илми тибро тезонид. Пайдо шудани донишҳои кимиёвӣ бошад, ба ҷараёни тайёр кардани дорувор ва гудохтани фулузот алоқаи зич дошт.

Давраи гулгулшукуфоии Мисри Қадим ба асрҳои XVI –XII то мелод ҳангоми забт намудани Эфиопия, Фаластин , Сурия ва Либия рост меояд. Бузургии Миср дар шукуфоии иқтисодиёти он асос ёфта буд.

Соли 528 то милод пас аз фавти Фиръавн Амасус шоҳи форсҳо Комбиз лашкари мисриёнро шикаст дод ва давраи аввали (солҳои 528-404 то милод) ҳукмронии форсҳо оғоз ёфта, он нисбатан орому сокит буд. Миср ба хазинаи Эрон ҳар сол дар ҳаҷми 700 талант (зиёда аз 20 тонна) боҷ ва дигар амвол ворид менамуд.

Дар соли 332 то мелод лашкари Искандари Мақдунӣ Мисрро забт намуда, тобеи минтақаҳои худ намуд. Пас аз тақсимоти минтақаҳои забтшуда Миср дар зери итоати фармондеҳ Птоломей Лаго қарор гирифт. Дар давраи сулолаи Птоломейҳо Мисри қадим таҳвилкунандаи асосии нон дар ҷаҳони эллинистӣ табдил ёфта буд. Дар ин давра флоти Миср дар Баҳри Миёназамин ҳукмронӣ

мекард. Вале дар давраи ҳукмронии малика Клеопатра Мисри қадим ба муборизаи сиёсии Рими қадим кашида шуда, баъди шикасти флоти Миср дар баҳр (с.31 то милод) он ба музофоти Рим дар соли 30 то милод табдил ёфт.

**Тест ва саволҳо**

**1.Асоси рушди хоҷагии Мисри қадим аз кадом намуди соҳаҳо вобаста буд?**

А) Соҳаи кишоварзӣ;

Б) Соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи ирригатсионӣ;

В) Соҳаи чорводорӣ;

Г) Соҳаи ҳунармандӣ ва сохтмон.

**2. Дар тавлиди тамаддуни Миср нақши асосиро кадом омилҳо бозида буданд?**

А) Табиию ҷуғрофӣ;

Б) Сиёсӣ-иқтисодӣ;

В) Илмӣ-техникӣ;

Г) Иҷтимоӣ-демографӣ.

**3. Замин ва иншоотҳои обёришаванда ба кӣ таалуқ дошт?**

А) Халқ;

Б) Сарватмандон;

В) Давлат;

Г) Ҳунармандону деҳқонон.

**4. Кадом дастовардҳои мисриёнро, ки то ба рӯзҳои мо боқӣ мондаанд, медонед?**

## 1.5. ИҚТИСОДИЁТИ ХИТОИ ҚАДИМ

Дар ҳазорсолаи III то милод дар водии дарёи Хуанхэ қабилаҳои зироаткори муқимӣ, ки бо зироатҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ бо истифода аз иншоотҳои сунъии обёрикунанда машғул буданд, умр ба сар мебурданд.

Манъбаҳои қадимтарини ҳаёти моддӣ ва маънавӣ пеш аз ҳама дар қисми миёна ва поёнии водии Хуанхэ ва вилоятҳои назди он ба вуқуъ пайвастааст.

Қадимтарин кишвари ғуломдории Хитой давлати Шан-Ин (асрҳои XVIII - XII то милод) бо хоҷагии сустараққикарда ва бартарияти шикору моҳидорӣ буд.

Шароити хуби табиии Хитои Шарқӣ ба аҳолӣ имконият дод, ки аз давраи неолит ҳайвоноти гуногунро ром намуда, бо чорводорӣ ва баъдан бо зироаткорӣ машғул шаванд. Рушди бомуваффақияти хоҷагии қишлоқ аз боду ҳаво, асосан боришот вобаста буд. Номунтазамии боришот дар бисёр ҳолат ба камҳосилӣ ва қаҳтӣ оварда мерасонд. Бинобар ин, аз давраҳои қадим хитоиҳо низоми обёрии сунъиро ба вуҷуд меоварданд. Барои гузаронидани чунин корҳо авлод ва баъдан қабилаҳо, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки муттаҳид гарданд. Ҳамаи ин боиси ташаккули давлати Хитои Қадим гардид.

Ба мисли дигар кишварҳои қадим, асоси иқтисодиёти Хитои Қадимро ҷамоаи деҳот (қишлоқ) (сельская община) ташкил медод. Дар шароити муборизаҳои доимии байни ҷамоаи озод ва табақаи болоии авлоду қабилаҳо заминҳои ҷамоа аз ҷониби сардорони қабилаҳо забт мегардид. Ин ҷараён дар баробари ташаккули давлат ва бавуҷуд омадани ванн (шоҳ), даргоҳи вай, мансабдорон, сарлашкарон суръат ёфт. Қисми ҷамоае, ки аз заминҳои худ маҳрум мешуд, ба ғуломӣ меафтид, асиронро ба ғулом табдил дода, дар замину дарбори ван инчунин сарватмандон онҳоро истифода мебурданд. Дар Хитои Қадим тамоми чизи рӯи замин ба Ванн (шоҳ) тааллуқ дошт. Ван заминҳоро ба мансабдорону сарсипоҳиён бо ҳамроҳии ҷамоае, ки дар он ҷо зиндагӣ мекард, тақсим менамуд.

Соҳаи асосии фаъолияти аҳолии Хитои Қадим хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб мерафт. Дар паҳнкӯҳҳои Хитои Қадим чорводорӣ инкишоф меёфт. Дар водиҳои Хитои Шарқӣ соҳаи асосӣ зироаткорӣ буд, ки ҷав, арзан, гандум

парвариш мешуданд, баъдан аз Ҷануб шолӣ оварда шуд, ки он минбаъд зироати асосӣ гардид. Олоти меҳнат каланд ва сипор буданд.

Асоси иқтисодиётро кишоварзӣ ташкил намуда, давлат ба он аҳамияти махсус медод ва ғамхорӣ зоҳир менамуд. Ба агротехника аҳамияти калон дода мешуд. Хитоиҳо аввалин шуда, моддаҳои органикиро ва тарзҳои мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасонро истифода бурданд. Сатҳи баланди дониш дар соҳаи агротехника ба хитоиҳо имконият медод, ки ҳосили хуби зироатҳои техникӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣро ба даст оранд.

Дар асри I-и то солшумории мо хитоиҳо ба парвариши чой оғоз намуданд. Дар аввал барги чойро ҳамчун растании шифобахш истифода мебурданд. Баъдан дар ҳамаи қитъаҳо ин нӯшокӣ шӯҳратманд гардида, ба хазинаи давлат даромади калон меовард.

Хитои Қадим бо ҳунарҳои волои худ шӯҳрат пайдо намуда, аз давраи неолит дар ин ҷо ба маҳорати баланди коркарди санг, устухон ва чӯб ноил гардида буданд.

Дар кишварҳои нахустини хитоӣ ҳокимон ба инкишофи ҳунармандӣ аҳамияти калон медоданд. Барои ин марказҳои косибии давлатиро ташкил дода, меҳнати кироя ва меҳнати ғуломонро истифода мебурданд. Косибони ихтироъкору боистеъдодро қадршиносиву ҳавасманд мегардониданд. Ҳамаи ин ба навоварӣ, ихтироъкорӣ ва рушди техника мусоидат менамуд. Маҳз Хитои Қадим ба ҷаҳон як қатор кашфиётҳои илмӣ ва ихтироотҳои техникиро дод, ки ба инкишофи илм, техника ва иқтисодиёт таъсири бузург расонид.

Дар асри II мелодӣ аз ҷониби ихтироъкор Чжан Хэн нахустин дар ҷаҳон асбоби силсиласанҷӣ (сейсмограф) ихтироъ шуд, ки он дар масофаи бештар аз 500 км заминларзаро қайд менамуд. Зиёда аз ду ҳазор сол пештар хитоиҳо қутбнаморо (компас) ихтироъ намуданд, ки бе он ҷаҳонкушоиҳо тасаввур нашаванда буданд. Ватани муолиҷа бо сӯзан (акупунктура) низ ба Хитой таалуқ дорад, дар асри VI дар тиб усули беҳамтои муолиҷа бо сӯзан ба вуҷуд омад.

Халқи Хитои Қадим натанҳо асрори абрешимро кашф намуд, балки истеҳсоли боруту қоғаз, китобчопкунӣ, ихтирои қутбнамо, сейсмограф, харитаи ситораҳои осмонӣ ва ғайраро манзури ҷаҳониёни он замон гардонид.

Хитои қадим бо ҳунармандону косибонаш фахр менамуд. Ҳанӯз аз замони инқилоби Неолит ҳунармандон дар соҳаҳои сангтарошӣ ва коркарди устухону чуб шӯҳратманд гардида буданд. Дар Хитой кулолигарӣ авҷ гирифта буд. Гили сафед - коалин фаровон буд. Аз онҳо зарфҳо ва дигар маҳсулоти рӯзгор сохта мешуданд. Дар асоси инкишофи соҳаи кулолигарӣ истеҳсоли навъи зарфҳои фахфури чинӣ ба роҳ монда шуд.

Хитоиҳо аввалин шуда ба кирмакпарварӣ машғул шуданд. Ихтироъ намудани технологияи аз кирмак тайёр намудани ресмони абрешим боиси зуд боло рафтани сатҳи бофандагӣ гардид. Косибони хитоӣ дастгоҳи бофандагиро ихтироъ намуданд, ки дар асоси чархи обӣ кор мекард. Дар асри Х то солшумории мо матоъи абрешимии хитоӣ ба кишварҳои Ғарб ва Миср ворид мегардид.

Вобаста ба он, ки Хитой технологияи истеҳсоли абрешимро махфӣ нигоҳ медошт, монополисти ҷаҳонии истеҳсоли матои абрешимӣ гардида буд.

Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти барзиёд ба пайдоиши тиҷорати муовизавӣ ва баъдан пулӣ оварда расонд. Ба сифати пул дар давраи Шан аввал гӯшмоҳии моллюскӣ (ҷондори обӣ), ки аз кишварҳои ҷанубӣ оварда мешуд, истифода мегардид. Баъдан пулҳои филизӣ ба муомилот баромаданд.

Дар давраи сулолаи Хан дар натиҷаи ҷангҳои бардавом бо гуннҳо хазинаи давлат хароб гардида буд ва император У-Ди пулро, ки аз пӯсти оҳуи сафеди нодир дар шакли чоркунҷаҳо сохта шуда, бо нақшу нигор оро дода шуда буд, ба муомилот баровард. Тақрибан солҳои 800-уми милоди ин иқдом дар Хитой эҳё гардида, пули қоғазӣ интишор гардид. Барои муқоиса бояд қайд намуд,

ки дар Аврупо нахустин пулҳои қоғазӣ дар Шветсия соли 1601 пайдо шуда буданд.

Дар ҳар як шаҳр бозорҳои зиёд таъсис ёфта, амал менамуданд. Давлат тиҷоратро дар зери назорат гирифта буд. Бо қарорҳои давлатӣ нархи молҳо муқаррар мегардид. Фаъолияти тиҷоратӣ бо шиддати баланд зери таъсири боҷҳои давлатӣ қарор гирифта буданд. Бо ин роҳ давлат имконияти молиявӣ пайдо карда, маблағҳои дар хазина ҷамъомадаро, барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ аз ҷумла, корҳои васеи сохтмонӣ сафарбар менамуд. Девори Бузурги Хитой на танҳо дар қаламрави Хитой балки дар тамоми Дунёи қадим аз ҳама иншооти азим ба ҳисоб мерафт ва сохтмони вай дар асри IV то солшумории мо бо мақсади муҳофизат намудани марзу ҳудудҳои шимолӣ аз кӯчманчиён оғоз ёфта буд. Дарозии Девори Бузурги Хитой 3400 км, паҳмии он то 5 метр ва баландиаш то 12 метрро ташкил медод.

Чунин сатҳи хоҷагии қишлоқу ҳунармандӣ ва сохтмонҳо дар асnои рушди илму техника асос ёфта буданд. Ҳанӯз дар миёнаи ҳазорсолаи II хат пайдо шуда буд. Дар замони Шон-Ин илми геометрия ва астрономия пеш рафта буд. Хитоиҳо тақвими мӯҳлати гирифтани офтобу моҳтобро пешгӯи намуда, харитаи осмону ситораҳоро тартиб дода буданд.

Дар асоси рушду нумуи соҳаи тиҷоратӣ муносибатҳои бурунмарзӣ авҷ мегиранд. Корвонҳои Хитой молҳои гуногунро ба Осиёи Марказӣ ва аз он ҷо ба Аврупо ва кишварҳои Осиёи ҷанубӣ мерасониданд. Ба Хитой металҳои гаронбаҳо ва сангҳо, колинҳо, аспҳо, шутурҳо, асал, ворид карда мешуд. Тиҷорати берунӣ барои хазина сарчашмаи мудими вориди даромад ва афзоиши табақаи тоҷирон гардида буд.

Тест ва саволҳо

**1. (Ҷумларо ба охир расонед...)Рушди бомуваффақияти хоҷагии қишлоқи Хитои Қадим вобаста буд аз....**

**2. Соҳаи асосии фаъолияти аҳолии Хитои Қадим:**

А) хоҷагии қишлоқ;

Б) ҳунармандӣ;

В) тиҷорат;

Г) сохтмон.

**3.Дар Хитои Қадим ба навоварӣ, ихтироъкорӣ ва рушди техника чӣ мусоидат намуд?**

**4. Пули қоғазӣ дар Хитои Қадим кай пайдо шуд?**

А) дар асри IX;

Б) дар асри VIII;

В) дар асри X;

Г) дар асри XI.

## 1.6. РУШДИ ИҚТИСОДИИ ЮНОН ВА РИМИ ҚАДИМ

Кишварҳои антиқиро ба мисли кишварҳои Шарқи Қадим аз рӯи анъана кишварҳои ғуломдорӣ меноманд, аммо шакли истеҳсолот дар ин кишварҳо аз якдигар фарқ мекарданд.

Шакли антиқии моликият ба замин, ки он дар айни замон ҳам ба давлат – ҷамъият ва ҳам ба хоҷагиҳои оилавӣ-шахсӣ тааллуқ дошт, яке аз хусусиятҳои шаҳр-давлат (полис) мебошад. Ба ҳамин тариқ, дар ин ҷо анъанаи ба дараҷаи омили истеҳсолот таҳаввул намудани (расидани) замин ба назар мерасад. Кафолати рушди бомуваффақияти ин ҷараён низоми махсус ва ба куллӣ аз кишварҳои Шарқи Қадим фарққунанда буд. Ҳамин низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ минбаъд ба низоми демократӣ асос гардид. Демократия аз калимаи демос – халқ (мардум) гирифта шудааст. Халқ дар ин ҷо маънои *халқ – соҳиби моликияти хусусиро* дорад. Маҳз муборизаи демос барои ба даст овардани ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва сиёсии худ, кафолати густариш ва тақвияти онҳо маҳаки асосии пешрафти таърихии кишварҳои ҷанубу шарқии назди баҳри Миёназамин гардид.

Гарчанде дар ҷомеаи антиқӣ ҳоло ҳам «нишонаҳои авлод» вуҷуд доштанд, тадриҷан мавқеи шахсият афзоиш ёфт. Низоми шаҳр-давлат ба ин падида шароит муҳайё

менамуд. Дар ин гуна шароит, меҳнат низ чун омили истеҳсолот имконияти рушдро молик мешавад. Тадриҷан навъҳои имконнопазири таъсиррасонии иқтисодӣ пайдо шуданд. Ҳамаи ин боиси инкишофи хоҷагидорӣ ва самаранокии он гардиданд; тиҷорат, муносибатҳои бозорӣ ва молияю пулӣ бошиддат пеш рафтанд. Сармояи (капитали) навтавлид низ баръало хусусиятҳои омилҳои истеҳсолотро соҳиб мегардад.

Дар пешрафти ҳамаи омилҳои истеҳсолот муносибатҳои заминдорӣ ва ташаккули таъсиррасонии иқтисодӣ нақши муҳиме бозиданд. Масалан, барои афзоиши сармоя (капитал) гузариш аз мубодилаи мол ба тиҷорат, пешрафту тараққии он аҳамияти калон доштанд. Низоми иқтисоди озоди бозоргонӣ дар Юнони Қадим ва Рими Қадим пайдо шудаанд. Маҳз дар ҳамин давлатҳо барои рушду пешрафти мунтазами хоҷагидорӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва шахсӣ-оилавӣ шароити мусоид фароҳам омад.

Зуҳуроти ин падидаро дар ошкор сохтани марҳалаҳои муайяни тараққии иқтисодиёт – иқтисоди автаркӣ (худтаъминкунӣ), иқтисоди камёб будани ашё (дефитсит), иқтисоди истеъмол, иқтисоди интихоб, иқтисоди пурсамар гузаронидани вақт дидан мумкин аст.

Муносибатҳои озоди бозаргонӣ оҳиста-оҳиста бо мушкилоти зиёде аввалан дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ – кишварҳое, ки иқтисодиёташон дар таъсири тамаддуни қадимии кишварҳои минтақаи баҳри Миёназмин (Мисри Қадим, Юнони Қадим, Рими Қадим) ташаккул ёфтааст, ба миён омаданд.

Рими Қадим нисбат ба Юнони Қадим дар масъалаҳои моликияти хусусӣ будани замин, аввалан, ба шарофати зиёдтар будани он, дуюм кафолати ҳуқуқии ба моликияти хусусӣ доштани он хеле пешрафта ва тараққикарда буд. Маҳз дар Рими Қадим *маҷмӯи илмҳо оид ба ҳуқуқ (юриспруденсия)* пайдо шуд, ки он баъдан асоси *«ҳуқуқи буржуазӣ»* гардид. Дар давраи тараққиёти Рим хоҷагидории латифундӣ (аз калимаи лотинии Latusfundus

– заминдории калон, амлокдорӣ) ба таври васеъ густариш ёфт. Баъзе латифундҳо садҳо ҳазор гектарро дар бар мегирифтанд. Табиист, ки дар ин гуна шароит масъалаи истифодаи пурсамар аз заминҳо яке аз муҳимтарин масъалаҳо ба шумор мерафт. Дар ин замина ғуломдории латифундӣ тараққӣ кард. Низоми ғулом- дории Рими Қадим фарқ мекард; дар Рими Қадим маҳсули кори ғулмон пурсамар буд ва он асоси иқтисодии хоҷагидориро ташкил мекард.

**Хоҷагидорӣ дар Юнони Қадим**

Асрҳои III-II-и ҳазораи то солшумории моро дар минтақаи Юнон асри биринҷӣ меноманд. Дар ин давра олоти меҳнати биринҷӣ дар тамоми ҷазираҳои баҳри Эгей паҳн гардида, ба инкишофи иқтисодиёт ва ташаккули нахустин давлатҳо мусоидат намуд.

Давраи Юнони Қадим ба ду ҷараёни асосӣ, ки ба инкишофи тамаддуни Юнон таъсир расонидааст, ҷудо мегардад:

1) Давраи мустамликакунии бузург - аз худ намудани соҳилҳои баҳрҳои Миёназамин, Сиёҳ ва Азов аз ҷониби юнониҳо;

2) Ташаккул ёфтани полис (шаҳр-давлат) ҳамчун шакли махсусӣ ҷомеа;

3) Дар асрҳои XI-IX то солшумории мо дар иқтисодиёти Юнон хоҷагии натуралӣ ҳукмронӣ мекард ва ҳунармандӣ аз кишоварзӣ ҷудо нагардида буд.

Дар замони антиқӣ асосан се маҳсулоти асосии кишоварзӣ – гандум, зайтун ва ангур парварида мешуд. Аз гандум нон ва пиво, аз зайтун равған, аз ангур шароб ва мавиз истеҳсол мекарданд. Ба ғайр аз ин ҷав, арзан, лубиё, сабзавоту меваҷот мекоштанд. Дар минтақаҳои кӯҳистон чорводорӣ, аз ҷумла парвариши бузу гӯсфанд тараққӣ карда буд.

Олоти меҳнат такмил ёфта, сипори пӯлодин пайдо шуд. Дар хоҷагии қишлоқ чорводорӣ нақши асосиро иҷро мекард, чорво яке аз боигариҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳунарҳои тараққикарда бофандагӣ, коркарди

металл, кулолигарӣ ба ҳисоб рафта, танҳо ба қонеъ намудани ниёзи мардум нигаронида шуда буданд. Аз ин сабаб тиҷорат хело суст инкишоф ёфта, асосан хусусияти мубодилавиро доро буд.

Дар соҳаи киштисозӣ муваффақиятҳои зиёде ба назар мерасиданд. Киштӣ – қалъаҳое, ки барбари хонаҳои 5-7 ошёна буданд, сохта мешуданд, ки дар онҳо то 1000 нафар ҷойгир шуда метавонистанд. Киштиҳои тиҷоратие вуҷуд доштанд, ки то 1000 тонна бор ва 500 нафар одамро мекашониданд. Дар асри IV пеш аз милод катапулта (механизм барои ба қалъаи муосирашуда партофтани сангҳо, ғулачӯбҳо, гулӯлаҳои оташ ва ғайра) ихтироъ карда шуд. Аз соли 400 пеш аз милод юнониён барои шикастани деворҳо аз аслиҳаи махсусе истифода мекарданд. Юнониён барои ба деворҳои баланди шаҳрҳову қалъаҳои муҳосирашуда даромадан бурҷҳои муҳаррик доштанд.

Яке аз сабабҳои пешрафту шукуфоии Афина дар асри VII пеш аз милод ба мавқеи ҷуғрофии он вобаста буд. Мардуми он аз савдои шароб ва равғани зайтун даромади зиёд мегирифтанд. Дар Афина нисбат ба Лакедемона ва Фестилия деҳқонон – кишоварзон дар истеҳсоли маҳсулоташон озод буданд. Ҳунармандон низ озодона ба кори худ шуғл меварзиданд. Дар маҷмӯъ нақши «халқи оддӣ» - демос дар ҷараёни истеҳсолот назаррас буд.

Дар асрҳои VIII -VI то солшумории мо вазъияти иқтисодии Юнони Қадим ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар ин давра ҳунармандӣ аз хоҷагии қишлоқ ҷудо гардид. Дар шаҳрҳои Юнон аз парвариши ғалладонагӣ даст кашида, ба зироатҳое, ки ба шароити табиии Юнон мувофиқат мекарданд аҳамияти махсус медодагӣ шуданд. Дар натиҷа хоҷагии қишлоқ ба бозор нигаронида шуд. Истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ ҳам ба мисли хоҷагии қишлоқ, хусусияти молиро пайдо кард.

Системаи мустамликакунӣ нақши калонро иҷро намуда, ба инкишофи тиҷорат ва васеъшавии заминаи ашёи хом мусоидат кард.

Дар асрҳои VIII -VI то солшумории мо дар ташкили истеҳсолот тағйироти муҳим ба миён меояд, яъне ғуломдории классикӣ ташаккул меёбад. Ин ҷараён бо инкишофи истеҳсолоти молӣ ва афзоиши миқдори ғуломон, ки аз давлатҳои мустамлика оварда мешуданд, вобаста буд. Меҳнати арзони ғуломон имконият медод даромади калон ба даст оварда шуда, фаъолона дар соҳаҳои асосии истеҳсолот истифода гардад. Дар асрҳои II-I то солшумории мо азбаски дар Юнони Қадим хоҷагии натуралӣ ҳукмрон буд ва тиҷорат хело суст инкишоф ёфта буд, нақши пулро асосан чорвои калони шохдор иҷро мекард. Дар давраи мустамликакунии Бузург ба сифати пул муттаасил сабиқаҳои филлизиро истифода мебурданд, дар асрҳои VII-VI то солшумории мо сикказании пул ба вуҷуд омад.

Дар охири асри VII ибтидои асри VI ба сабаби афзоиши зиддият байни аъзоёни оддии ҷомеа ва ашрофон дар Юнони Қадим бӯҳрони ҷиддии сиёсӣ-иқтисодӣ ба вуқӯъ пайваст. Барои пешгирии ҷанги шаҳрвандӣ гузаронидани табаддулоти ҷиддие зарур буд. Масалан, сиёсатмадори афинагӣ Солон (640 ҳ 635 – 559 то милод) бо мақсади ҳимояи ашрофияи навтавлид ва ба тозагӣ ташаккулёфта, баъзе ислоҳот ва гузашт карданро ба аҳли мардуми оддии ҷомеа пешниҳод намуд. Аз ҷумла, ба ғулом табдил додани шахси қарздор манъ гардид, ба шахсони қарздор сабукӣ дода шуд, аз меъёр зиёд (беҳудуд) дар моликияти хусусӣ доштани замин манъ карда шуд, озодии ихтиёрдорӣ ба моликият (аз рӯи васиятнома), ягонагии низоми пулӣ ва вазн, дастгирии ҳамаҷонибаи тиҷорат ва ҳунармандӣ ҷорӣ гардиданд. Ба ҳамин тариқ, сохти авлодӣ ва консепсияи хоҷагии натуралӣ ба шикаст дучор омаданд.

Ҳангоми амали нахустин Иттиҳоди баҳрии Афина аксар деҳқонони аттикӣ (Аттика – яке аз вилоятҳо дар Юнони Қадим) муфлис шуда, заминҳои дар ихтиёр доштаашонро аз даст доданд. Давлат ба онҳо аз заминҳои давлатҳои иттиҳод клерҳо медод ва дар натиҷа

деҳаҳои клерӣ ба миён омаданд. Давлати Афина аз мавқеи худ чун сарвари иттиҳодия истифода намуда, заминҳои аъзои иттиҳодро забт мекард. Дар ин замина байни Афина ва давлатҳои иттиҳодия зиддиятҳо рӯй медоданд. Некӯаҳволии заминдорон – клерҳо ба қудрату тавоноии давлати Афина вобаста буд. Пас аз ҷанги Пелопонес ва аз байн рафтани нахустин иттиҳодияи Афина ва давлатҳои гирду атрофи он аксар клерҳо мебоист ба Аттика бар мегаштанд; аз ҳисоби онҳо шумораи шаҳрвандони безамин ва бекор меафзуд.

**Хоҷагидории Империяи Рим**

Таърихи Рими Қадим яке аз муҳимтарин марҳилаҳои таърихи умумиҷаҳонист, римиҳо сатҳи маданияти моддиву маънавиро ба зинаи нави баландтаре бардоштанд.

Барои ташаккули тамаддуни Рим дигар халқҳо таъсири калон расониданд, аз ҷумла юнониҳо, ки соҳилҳои Италияи Ҷанубӣ ва Миёнаро мустамлика намуда буданд; карфагениҳо ва этрускҳо (дар нимҷазираи Аппенин ҷойгир шуда буданд).

Рим чун шаҳр дар асри VIII пеш аз милод дар Латсия, дар поёноби дарёи Тибр пайдо шудааст. Барои рушду нумӯи ин шаҳр – давлат мавзеи ҷуғрофии ҷойгир шуданаш (соҳили дарёе, ки дар поёнобаш намак истеҳсол мешуд) наздикӣ ба баҳр, ки ба роҳи киштигард бо давлату халқҳои ҳамсоя робита кардан мумкин буд, боду ҳавои мӯътадил ва ғайра мусоидат мекарданд.

Таърихи Рими Қадим ба се давра тақсим мешавад, Рими шоҳӣ, Рим – Ҷумҳурӣ, Империяи Рим (Рими императорӣ). Дар давраи шоҳӣ (асрҳои VIII - VI пеш аз милод) унсурҳои давлат дар шакли махсуси шаҳр – давлати (полиси) антиқӣ, яъне ҷамоаи шаҳрвандӣ пайдо шуданд. Асоси иҷтимоӣ – иқтисодии ин давлат шакли моликияти антиқӣ буд. Соли 510 то милод дар Рим сохти ҷумҳурӣ (республикавӣ – маънояш ҷамъиятӣ, умумихалқӣ) барқарор шуд. Дар давраи ҷумҳурӣ буданаш Рим аксар кишварҳои дар гирду атрофи баҳри

Миёназамин воқеъбударо забт намуд ва ба яке аз давлатҳои пуриқтидори ҷаҳонӣ мубаддал гардид. Дар асрҳои II - I пеш аз милод халқҳои сокини соҳили баҳри Миёназамин бори аввал дар таърих дар ҳудуди як давлати муқтадир – Империяи Рим фароҳам омаданд. Марзи байни давлатҳо, ки бо Рим ҳаммарз буданд, аз байн бардошта шуд, низоми ягонаи пулӣ ҷорӣ гардид, ҷангҳо ва ғоратгариҳо дар баҳр қатъ гардиданд. Барои барқарор гардидани робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни минтақаҳои гуногуни соҳили баҳри Миёназамин, пешрафти хоҷагии халқ, ҳунармандӣ, сохтмон, савдои дохилӣ ва берунӣ шароити мусоид фароҳам омаданд.

Соҳаи асосии хоҷагидорӣ дар нимҷазираи Аппенин (қаламрави Империяи Рим) кишоварзӣ буд. Заминҳои ҳосилхез, боду ҳавои мувофиқ имконият медоданд, ки ҳосили зиёд ба даст оварда шавад. Дар коркарди замин аз сипари пӯлодин ва каланд истифода мекарданд. Дар минтақаҳои пешрафтаи Италия гандум, ҷав, арзан, зиратҳои лубиёгӣ, дар минтақаҳои камтар тараққикарда ҷав, зироатҳои лубиёгӣ, шалғам мекоштанд.

Дар заминҳои беоб ва теппаҳо, ки барои кишоварзӣ номувофиқ буданд, чорводорӣ – бузу гӯсфандпарварӣ, аспрарварӣ тараққӣ карда буд. Баъдан ба ҷойи чорводории саҳроӣ, ки чарогоҳҳои васеъро талаб менамуд, вале даромадаш кам буд, парвариши чорвои парвоӣ дар оғилхонаҳо маъмул гардид. Чорворо бо ғизои махсус парвариш мекарданд ва гӯшташро ба фурӯш мебароварданд. Парвариши мурғи хонагӣ низ ривоҷ ёфт. Барои ривоҷу равнақи босуръати хоҷагии кишлоқ дар Италия дар асрҳои II - I пеш аз милод се сабаби асосӣ – густариши васеи ғуломдорӣ, рушди истеҳсоли оддии молҳо, гузариш аз хоҷагиҳои хурд ба коркарди заминҳои калон ва ҳосили зиёд ба даст овардан мусоидат намуданд. Яке аз навъҳои маъмули хоҷагидорӣ мулки ғуломдории соҳиби якчанд югер замин буд ва дар он 15 – 20 ғулом кор мекарданд. Дар доираи як мулк ҳам истеҳсоли мол ва ҳам хоҷагидории натуралӣ вуҷуд доштанд. Тақсими пораҳои

хурди замин ба шакли иҷора ба ашхоси безамин ва ё камзамин – ба иҷоракорони озод – колонҳо низ ба назар мерасад. Вале ин тарзи хоҷагидорӣ камдаромаду каммаҳсул ва қафомонда буд.

Ғасби марзу ҳудудҳои нав аз ҷониби Рим ба он оварда расонид, ки заминҳои зиёде ба моликияти хусусии ашрофони патритсионӣ ворид гардиданд, дар натиҷа деҳқонони сершумори италиявӣ безамин монданд.

Италия бо суръат ҳам тиҷорати дохилӣ ва ҳам тиҷорати бурунмарзиро инкишоф медиҳад.

Дар давраи мазкур воқеан низоми ягонаи ҳаҷму вазн, пули ягона (тангаҳои тиллову нуқрагӣ ва пораҳо дар қолиб рехта аз ин филиззот) вуҷуд доштанд. Гардиши меҳнат (мутахассисон ва ғайримутахассисон) ва сармоя (капитал) дар байни минтақаҳо сурат мегирифт.

Ривоҷу равнақи киштигардӣ, мавҷуд будани роҳҳои хуб барои рушду нумӯи кори номарасонӣ (почта), мубодилаи илму фарҳанг, ихтироот ва ғайра мусоидат намуданд.

Кишварҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин бо Аврупои Шимолӣ, Африкаи Марказӣ, Осиё ва ба тавассути он бо Ҳиндустону Хитой савдову доду гирифт доштанд.

Яке аз дастоварди бузурги римиҳо сохтмони роҳҳо ба ҳисоб мерафт. Ба сохтмони роҳҳо римиҳо аз асри IV то ҳазораи мо оғоз намуданд. Тахтасангҳоро ба рӯи рег, сангрезаҳо ва гил гузошта кӯчаҳоро обод менамуданд. Ин гуна роҳҳои сахту пурбардошт на танҳо дар дохили шаҳр, балки берун аз он низ сохта мешуданд. Ба шарофати ҳамин гуна роҳҳои ободу зебо хидмати номарасонӣ (почта) дар Италия ривоҷу равнақ ёфт. Ба дараҷа ва сифати номарасонии Рими Қадим давлатҳои аврупоӣ – Англия, Фаронса танҳо дар охири асрҳои миёна расида тавонистанд. Шабакаи нақлиётӣ дар Рими Баҳримиёназамин 80 ҳазор киллометрро ташкил карда буд.

Купрукҳо, каналҳо, туннелҳо, қасрҳо, шабакаҳои обгузаронӣ (водопровод), акведуку виадукҳо сохта шуда буданд.

Барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ чӯб, хишти хом, санг ва санги мармар истифода бурда мешуд. Дар асри III-и то солшумории мо шиша барои тиреза пайдо шуд. Барои сохтмони иморатҳо ҳар гуна техника истифода бурда мешуд. Дар асри II-и то солшумории мо бетон ихтироъ гардид.

Ашёи хомро асосан аз Испания, Британия ва дигар кишварҳо меоварданд. Меҳнати ғуломон дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии Империяи Рим истифода бурда мешуд.

Дар давраи Империя тамаддуни Рим қадами устувор ниҳода, ба дараҷаи шукуфоӣ расида буд. Дар давраи ҳукмронии Август империяи Рим ба авҷи аълои пешравӣ ноил гардид. Август санъату илмро ҳамаҷониба дастгирӣ мекард Давраи ҳукмронии Августро ҳамзамонони вай «асри тиллоӣ» меномиданд.

Асрҳои III-V-и милодӣ-давраи бӯҳронӣ дар инкишофи Империяи Рим буд, ки дар натиҷаи он дар муносибатҳои истеҳсолоти ғуломдорӣ бӯҳрони амиқ ба миён омада буд. Барои идораи чунин минтақаи бузург душвориҳо пеш меомаданд, ки дар натиҷаи онҳо Империяи бузурги Рим дар асри V завол ёфт.

## ТЕСТ

**1.Ташаккули муносибатҳои ғуломдорӣ дар олами антиқӣ алоқаманд аст ба,**

А) инкишофи иқтисодӣ;
Б) ҷангҳои бузург;
В) вусъати моликияти хусусӣ;
Г) инкишофи муносибатҳои феодалӣ;
Д) муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ.

**2. Соҳаи асосӣ дар Рими Қадим:**

А) кишоварзӣ;
Б) ҳунармандӣ;
В) киштисозӣ;

Г) сохтмон;

Д) тиҷорат.

**3.Дар кадом давра Рим кишварҳои гирду атрофи баҳри Миёназаминро забт намуда, ба яке аз давлатҳои пурикҷтидори ҷаҳонӣ мубаддал гардид?**

А) Рим-ҷумҳурӣ;

Б) Рими Императорӣ;

В) Рими Шоҳӣ;

Г) дар асри VI;

Д) пас аз шикасти Империяи Рим.

**4.Асрҳои III-II-и ҳазораи то солшумории моро минтақаи Юнонро меномиданд:**

А)асри биринҷӣ;

Б) асри оҳан;

В) асри санг;

Г) мезолит.

**5.Дар асрҳои II-I то солшумории мо дар Юнони Қадим нақши пулро иҷро мекард:**

А) ҳайвони калони шохдор;

Б) филизоти қиматбаҳо;

В) пулҳои қоғазӣ;

Г) сангҳои қимматбаҳо.

**6. Империяи бузурги Рим завол ёфт дар асри:**

А) асри V милодӣ;

Б) асри II милодӣ;

В) асри IV то милод;

Г) асри VII милодӣ.

## 1.7. ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИҚТИСОДИЁТИ ФЕОДАЛИЗМ

Баъди заволи Империяи бузурги Рим, дар асри V дар Аврупо низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ шакл гирифт. Асрҳои миёна – давраи ташаккул, ҳукмронӣ ва таназзули феодализм ба ҳисоб меравад. Мафҳуми «феодализм» аз лотинӣ – қитъаи замин гирифта шудааст. Оғози феодализмро дар Аврупои Ғарбӣ аз давраи заволи

Империяи Рим ва таназзули онро баъди Инқилоби буржуазии Англия ҳисоб мекунанд.

Дар замони феодализм бисёр давлатҳои хозира ба вуҷуд омаданд, синфҳои нав пайдо шуданд ва шароити гузариш ба тарзи истеҳсолоти капиталистӣ ба вуҷуд оварда шуд. Бисёр муваффақиятҳои бузурги маданияти инсонӣ - ёдгориҳои беҳтарини адабиёт, санъат, меъморӣ, қадамҳои нахустини пайдо шудани донишҳои илмӣ ва кашфиётҳои Бузурги ҷуғрофӣ низ ба давраи феодализм алоқаи зич доранд.

Инкишофи ҷомеаи асримиёнагӣ бо пешравиҳои назаррас дар иқтисодиёт ҳамқадам буд. Феодализм се марҳилаи таърихиро аз сар гузаронидааст:

Феодализми бармаҳал давраи шаклгирии тарзи феодалии истеҳсолот (асрҳои V-X)-маҳсуб гардида, замонеро, ки заминдории бузурги феодалӣ ташаккул меёбад ва тобеияти деҳқонон аз тарафи феодалон ба вуҷуд меояд дар бар мегирад. Дар ин давра хоҷагии натуралӣ пурра ҳукмрон аст;

Феодализми камолёфта (классикӣ) асрҳои XI-XV-ро дар бар мегирад. Дар сохтори иқтисодии феодалӣ хоҷагии қишлоқ соҳаи асосии иқтисодиёт буд;

Феодализми пасин – давраи таназзули феодализм ва ташаккули тарзи истеҳсолоти капиталистӣ (асрҳои XV-миёнаи XVII).

Дар асоси тарзи феодалии истеҳсолот ҳокимияти пурраи феодалҳо ба замин, ҳокимияти нопурра ба кормандон–деҳқонон меистад. Барои феодализм системаи истисмори истеҳсолкунандагони бевосита неъматҳои моддии шахсан ба феодал тобеъ хос аст. Дар шароити тарзи феодалии истеҳсолот деҳқонон соҳиби замин шуда, дорои хоҷагии худ буданд ва феодалҳоро бо кор таъмин мекарданд. Деҳқон ба ҳимояту сарпарастии хӯҷаин дохил шуда, ба пуррагӣ тобеи ӯ мешуд, аз заминҳои худ маҳрум гашта, маҷбур буд ба фоидаи хӯҷаин меҳнат кунад.

Нишонаҳои асосии тарзи феодалии истеҳсолот инҳоанд:

1) Ҳукмрон будани хоҷагии натуралӣ;
2) Ҳиссадор карда шудани истеҳсолкунандаи бевосита ба воситаҳои истеҳсолот ва замин;
3) Вобастагии бевоситаи марди деҳқон ба заминдор;
4) Соддаву кӯҳна будани техникаи истеҳсолӣ.

Сохти феодалӣ, ки дар инкишофи рӯзафзуни ҷамъияти инсонӣ зинаи навбатӣ ба ҳисоб меравад, дар натиҷаи хароб гардидани тарзи ғуломдории истеҳсолот ба миён омад. Аз форматсияи иҷтимоию иқтисодии ғуломдорӣ ба сохти феодалӣ гузаштан аҳамияти прогрессивии таърихӣ дошт. Марди деҳқон, ки хоҷагии худашро дошт, ба самараи меҳнати худ манфиатдор буд, бинобар ин меҳнати ӯ нисбат ба меҳнати ғулом самара - бахштару ҳосилноктар буд.

Шакли асосие, ки дар он деҳқононро истисмор кардани феодалон амалӣ гардонда мешуд, рентаи феодалӣ буд. Рента ифодаи иқтисодии моликияти феодал ба замин ва моликияти нопурраи ӯ ба марди деҳқон буд.

Се навъи рента вуҷуд дошт: баршина, оброк ва пулӣ. Дар ҳудуди амлоки худ феодалон ба пуррагӣ ҳокимияти маъмурӣ ва қазоватро (судиро) дар ихтиёр доштанд. Истеҳсолоти феодалӣ дар ду шакл – хоҷагии баршинагӣ ва хоҷагии оброкӣ пеш бурда мешуд. Дар шакли хоҷагидории баршинагӣ заминҳои амлоки феодалӣ ба ду қисм тақсим карда мешуданд. Қисми якум заминҳои хӯҷаинро дар бар мегирифт, ки дар он деҳқонон бо олоти кишоварзии худ маҳсулот истеҳсол мекарданд. Тамоми ин маҳсулотро феодал мегирифт. Қисми дуюми замин ҳиссаи деҳқон буд. Дар ин ҷо деҳқонон барои худ ва аҳли оилаашон меҳнат мекарданд. Мувофиқи низоми баршинагӣ деҳқонон дар қисме аз рӯзҳои ҳафта дар замини худ, рӯзҳои дигар дар замини хӯҷаин кор мекарданд.

Дар низоми оброк тамоми замин чун ҳисса ба деҳқон дода мешуд. Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар хоҷагии деҳқонон истеҳсол мегардид. Қисми маҳсулотро хӯҷаин мегирифт, қисми дигараш ба деҳқон барои

такроristeҳсоли қувваи корӣ, нав кардани олоти меҳнат ва рӯзгузаронии аъзои оилаи ӯ мемонд.

Дар ҷараёни рушди ҷамъияти феодалӣ шумораи андозҳо афзуд. Феодалон нисбат ба деҳқонон бедодгарии зиёде карда, онҳоро ба андозу пардохтҳои гуногун пойбаст менамуданд.

Дар охири асри X феодалони Франсия ҳуқуқи баналитетиро соҳиб гардиданд, ки маънои он аз ҷониби феодал монополия кардани кӯфтани ғалла, нонпазӣ ва афшурдани ангурро дошт.

Дар марҳилаи мутараққии феодализм инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ба мушоҳида мерасад. Вобаста ба такмил ёфтани олоти меҳнат ва баланд рафтани истеҳсолот тахассусёбии коргарон дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ ба вуҷуд омада, ҳунармандӣ аз кишоварзӣ ҷудо мегардад. Шаҳрҳо ба вуҷуд омада, ба ҷою макони ҳунармандон мубаддал мегарданд. Истеҳсолоти ҳунармандӣ инкишоф ёфт. Афзоиши тахассусҳо ба мубодила ва васеъ гаштани алоқаҳои тиҷоратӣ оварда мерасонад.

Аз охири асри IX ҷоннок гардидани шаҳрҳо ба назар мерасид. Онҳо нақши калони иқтисодиро ба даст оварда, ба марказҳои тиҷоратию ҳунармандӣ мубаддал гардида буданд. Аҳолии шаҳрҳоро асосан феодалон, ашрофон, ҳунармандон, рӯҳониён ва тоҷирон ташкил медоданд. Дар асри XIII вобаста ба кушодашавии донишгоҳҳо (Париж, Оксфорд, Кембриҷ) қисми аҳолии шаҳрҳоро донишҷӯён ва магистрҳо ташкил медоданд.

Инкишофи шаҳрҳо дар асрҳои XI-XV ба пешравии тиҷорати дохилӣ ва бурунмарзӣ мусоидат намуданд.

Дар давраи таназзули феодализм низоми ягонаи пулӣ вуҷуд надошт. Пулро на танҳо шоҳон, балки феодалон, рӯҳониён, шаҳрҳои калон сикка мезаданд. Чунин вазъият сари роҳи инкишофи на танҳо тиҷорати дохилӣ, балки байналхалқиро низ мегирифт. Тоҷирон маҷбур буданд аз хизмати мубодиладиҳандагони пул истифода баранд. Идораҳои мубодилавиро–бонкҳо ва хӯҷаинҳои онҳоро–

бонкирҳо меномиданд. Калимаи бонк аз итолиёвӣ гирифта шуда, маъноаш *мизи судхӯр* мебошад.

Нахустин бонкҳо дар асри XV дар шаҳрҳои Ломбардияи Италияи Миёна пайдо шуданд. Дар бисёр ҳолат шоҳон ва феодалон аз гирифтани қарз даст мекашиданд, ки ин ба муфлисшавии аксарияти идораҳои бонкӣ оварда мерасонд.

Умуман, тараққиёти муносибатҳои феодализм дар давлатҳои алоҳида хусусиятҳои хоси худро дошта бошад ҳам, дар ҳама ҷо дар асоси қонуни умумии тараққиёти ҷамъият пеш мерафт. Натиҷаи аз ҳама муҳими тараққиёти феодализм дар мамлакатҳои Арупои Ғарбӣ аз он иборат буд, ки вай тараққиёти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунандаро таъмин намуда, барои гузариш ба тарзи истеҳсолоти капиталистӣ замина тайёр намуд.

**Тест ва вазифаҳо**

**1.Шакли даромад аз замин дар давраи феодализм:**

А) андоз;

Б) фурӯши замин;

В) иҷора;

Г) рента.

**2. Марҳилаҳои феодализмро номбар намоед....**

**3. Чи гуна навъҳои рента дар давраи феодализм вуҷуд доштанд?**

**4. Пайдоиши бонкҳо дар Аврупои Ғарбӣ бо чи алоқаманд буд?**

**5. Ба пайдоиши рентаи пулӣ кадом омил таъсир расонд:**

А) дар натиҷаи пайдоиши бонкҳо;

Б) инкишофи судхӯрӣ;

В) вусъат ёфтани муносибатҳои феодалӣ;

Г) дар шароити ривоҷ гирифтани муносибатҳои пулию молӣ.

# БОБИ II.ТАҚСИМОТИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МЕҲНАТ ВА ДАВРАИ ЭҲЁИ САНОАТ

## 2.1. ОМИЛҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ КАПИТАЛИЗМ

***Замина ва натиҷаҳои Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ.***

Омиле, ки таназзули феодализмро ба таври назаррас тезонид, Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофии охири асри XV-аввали асри асри XVI буданд.

Киштисозон дар ин давра ба комёбиҳои зиёд ноил гардиданд. Киштиҳое, ки бодбонҳои зиёд доштанд, ҳаҷман калон буданд, мусофирони зиёде дар онҳо ҷой гирифта метавонистанд. Онҳо қудрат доштанд ҳангоми вазидани боди мувофиқи аз паҳлу вазанда ва ҳатто боди муқобил ҳаракат кунанд. Киштиҳои мазкур номи каравелларо гирифта, рамзи ин давра мебошанд. Компас (қутбнамо), секстант (асбоби нишондиҳандаи самти ҳаракати киштӣ дар баҳр), харитаҳои киштӣ такомул ёфтанд. Пас аз ихтирои берути реза мушкетҳо, таппончаҳо, тӯпҳо маъмул гардиданд. Ҷои камонҳои пилтагиро (аркебузаро) камонҳои сернайзадор гирифтанд.

Дар натиҷаи ташаккули Империяи Усмонӣ роҳҳои баҳри Миёназамин баста шуда, дар охири асри XV тиҷорати аврупоӣ бо кишварҳои Шарқ ба бӯҳрон гирифтор мешавад. Аз тарафи дигар, дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ҳиссаи норасоии тиллову нукра ҳамчун васоити муомилот ба вуҷуд омад.

Дворянҳои муфлисшуда, ки қисми асосии конкистадорҳоро ташкил карда буданд, барои дарёфти роҳҳои нави тиҷоратӣ ва тилло, кӯшиш ба харҷ медоданд.

Кашфиётҳои азими ҷуғрофӣ заминаи асосии дастовардҳои илму техникаи аврупоӣ гардид. Аз ҳама, беш инкишофи киштисозӣ ва техникаи баҳрнавардӣ ба ин мисол шуда метавонад. Кашфиётҳои ҷуғрофӣ ба дигаргунии кулли дар иқтисодиёти Аврупо оварда расонид. Кашфиётҳои азими ҷуғрофӣ барои ба вуҷуд

омадани тақсимоти байналхалқии меҳнат, хоҷагии ҷаҳонӣ ва бозор замина ба вуҷуд оварданд. Ҳаҷми тиҷорат зиёд шуд, анвои молҳои он аз ҳисоби молҳои мустамликавӣ ба таври чашмнодид вусъат ёфт. Ба муомилоти тиҷоратӣ молҳои наве ворид гардиданд, ки дар гузашта ба Аврупо маълум набуданд: тамоку, какао, қаҳва, чой, шолӣ, шакар ва ғ.

Ташкил ёфтани бозори ҷаҳонӣ дар сохтор, хусусият ва дар усули амалӣ гардондани тиҷорати байналхалқӣ тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд овард. Дар баробари васеъ шудани тиҷорат, пайдошавии молҳои нав, васеъ шудани истеҳсолоти мануфактурӣ шаклҳои нави тиҷоратӣ пайдо шуданд. Дар Аврупо бозоре, ки доимо дар фаъолият буд, яъне биржа пайдо шуд. Нахустин созмони тиҷоратии биржавӣ дар Антверпен (с.1460) ташкил ёфт. Фаъолияти биржавӣ аз асри XIII сарчашма мегирад, вақте ки таҳвили молу маҳсулот аз ҷониби саррофон дар Голландия ва Италия истифода бурда мешуд. Пайдошавии мафҳуми «биржа» бо хонаводаи фон дер Берзе аз Брюгге алоқаманд аст, хонае, ки ҷои мулоқоту вохӯрии доимии тоҷирон буд. Дар соли 1531 нахустин иморати биржавӣ пайдо шуд.

***Инқилоби нарх.*** Яке аз кашфиёти муҳими иқтисодӣ пас аз Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ, *афзоиши инқилоби нархҳо* дар Аврупои Ғарбӣ мебошад.

Дар 500 соли гузашта нархи молҳои асосии ниёзи мардум бар асари давраҳои ҳафтсолаи хоҷагии қишлоқ дар тӯли муддати зиёде устувор (бесубот) боқӣ монданд. Афзоиши онҳо дар муддати сад сол 20-30% -ро ташкил мекард ва мардум ин афзоишро ҳис намекарданд. Сабаби асосии ин падидаи аҷоиброро дар миқдори кофӣ ва устувори тиллову нуқра дар Аврупои асримиёнагӣ метавон маънидод кард.

Дар асри XVI аз мустамликаҳо ва пеш аз ҳама аз Америка ба Аврупо тиллову нуқраи зиёде оварда шуд; миқдори дар муомилот будаи ин филизоти қимматбаҳо 4 баробар афзуд. Табиист, ки дар ин вазъи ба миёномада

қурби пул паст мешуд, нархҳо ба молҳои саноативу хоҷагии қишлоқ меафзуданд. Нархи маҳсулот 3 - 3,5, баъзе маҳсулоти алоҳида 5-8 баробар зиёд гардид. Афзоиши инқилобии нархҳо ба беҳбуди вазъи дороии савдогарон, фермерҳо ва бюргерҳо (шаҳрнишинон) мусоидат намуд, чунки нархи маҳсулоте, ки истеҳсол мекарданд (меоварданд), чанд баробар зиёд гардид. Вазъи заминдорони калон (феодалҳо) ва коргарони кироя баръакс бад шуд, чунки суръати афзоиши андозаи маблағи иҷоракорӣ ва музди меҳнат хеле паст буд; муоҳидаҳо барои дарёфти онҳо ба муддати тӯлонӣ баста мешуданд.

Испания, ки аз ворид гардидани миқдори зиёди тилло беш аз дигар давлатҳо бурд намуд, баъдан дар муддати тӯлонӣ яке аз давлатҳои ҷабрдида гардид. Рушди иқтисоди дохилии он ба таназзул (пастравӣ) дучор омад ва баъдан умуман футур рафт. Ин давлат аз ҷиҳати сиёсӣ ба бӯҳрони шадиде дучор омад, роҳи иртиҷоӣ дар он пеш гирифта шуд.

Дар охири давраи эҳё давлати қудратманди Испания рӯ ба пастравӣ овард ва ақибмонии он аз давлатҳои дигари аврупоӣ аҳёнтар ба назар мерасад. Воридоти тилло ба ин кишвари католикӣ таъсири бағоят манфӣ расонид. Пулҳо на барои рушди иқтисоди дохилии кишвар, балки барои устувор гардидани ашрофияи мутаассуби калисо харҷ карда мешуданд. Онҳо аз Испания барои ивази молҳои хушсифат, ба Голландия, Фаронса, Италия, Англия рафтанд ва аз ҳисоби онҳо бозори давлатҳои мазкур васеъ гардид, барои пешрафти истеҳсолоти онҳо шароити мусоид фароҳам омад. Ҳатто бори тиллои киштиҳои (галеонҳои) испанӣ ба дасти ғоратгарони баҳрии (корсарҳои) англис, голландӣ, франсавӣ ғорат карда мешуданд. Давлат ба ғоратгарон барои ба яғмо бурдани тиллои Испания иҷозатномаи махсус (каперӣ-ғоратгарӣ дар баҳр) медод.

Дар оғози давраи Эҳё кишвари аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи Аврупо Италияи Шимолӣ буд. Шаҳрҳои

бузурги он Генуя ва Венетсия бо Шарқ савдоро хеле хуб ба роҳ монда буданд. Дар ин шаҳрҳо истеҳсоли матоъ ривоҷ дошт. Вале баъдтар аҳамият ва таъсири шаҳрҳои Италияи Шимолӣ, махсусан пас аз кашфи роҳҳои баҳрӣ ба Ҳиндустон, Индонезия, Хитой, Япония ва Амрико коҳиш ёфт. Ин кишварҳо дар ихтиёри Португалия ва Испания қарор гирифтанд. Вале бояд гуфт, ки Генуя баъди нафас рост кардан аз ҷанги Кйеҷа (солҳои 1557-1627) яке аз марказҳои аврупоии баробар кардани ҳисобу китоб гардид.

Дар ибтидои асри XVI мавқеи Лиссабон (маркази Португалия) баланд шуд. Солҳои 1505-1560 бо шарофати мавқеи мувофиқи ҷуғрофӣ, кӯшишу ғайрати баҳрнавардони португалӣ, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ мешуданд, инчунин инҳисори (монополияи) савдои қаранфул он ба яке аз шаҳрҳои бузурги Аврупо табдил ёфт. Вале Лиссабон дар ин мавқеъ дер напоид.

Пешқадамиро дере нагузашта Антверпен (шаҳр дар кишвари Белгия) соҳиб гардид. Ин шаҳр дар Аврупо ба «анбори тиҷорат» табдил ёфт, солҳои 1530-1650 дар ин ҷо ҳисобу китоби хонадони тоҷирон Фуггерҳо (хазинадорони дараҷаи аввали Империя) сурат мегирифт; мавқеи Генуя, ки маркази ҳисобу китоб дар Аврупо буд, паст гардид.

Баъд аз Антверпен ба саҳнаи ҳаёти иқтисодии Аврупо Амстердам ва умуман, Голландия баромад. Бо вуҷуди масоҳату аҳолии начандон зиёд ин кишвар дар тӯли сад сол яке аз марказҳои муҳими иқтисодии Аврупо буд.

***Ба вуҷуд омадани низоми мустамликадорӣ.*** Муҳимтарин натиҷаи Кашфиётҳои азими ҷуғрофӣ ба вуҷуд омадани системаи мустамликадорӣ ва истисмори мустамликаҳо гардид. Дар асри XVI дар заминҳои истилошудаи мовароиукёнус нахустин империяҳои мустамликавӣ–португалӣ ва испанӣ пайдо шуданд.

Дар охири асри XVI нахустин империяҳои мустамликавӣ–испанӣ – дар Америкаи Лотинӣ ва Марказӣ, португалӣ– марказаш Бразилия таъсис ёфтанд.

Ғосибони испанӣ дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XVI бойтарин ва сераҳолитарин қисми Амрико – давлати атстекҳои Мексика ва инкҳои Перу-маъвои тамаддуни бостониро дар қитъаи Амрико нисбатан осон забт карданд. Дастаҳои камшумори ғосибон бо аслиҳаи оташфишони худ дар миёни мардуми бумӣ даҳшат афканда, мардуми маҳаллиро аз имконияти муқобилат кардан маҳрум сохта, маккорона сарзаминашонро забт ва пешвоёни олирутбаашонро қир мекарданд. Даромади асосиро ба португалиҳову испаниҳо истисмори мустамликаҳо ва тиҷорат меовард.

Мустамликадорон маҷбуран меҳнати ҳиндиҳоро истифода мебурданд. Онҳо мардуми таҳҷоиро бо зӯрӣ ва ба таври оммавӣ ба кори конҳои тиллову нукра, плантатсияҳои найшакар сафарбар мекарданд.

Мустамликадорон норасоии қувваи кориро дар Амрико аз ҳисоби ғуломони зангии аз Африқо оварда пур мекарданд. Африқоиҳои ҷисман пуртоқаттар дар мустамликаҳои испанӣ қувваи истеҳсолкунандаи асосӣ гардиданд.

Аврупо халқҳо ва тамаддунҳои дар масоҳати бузург – аз Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ то Амрико ҷой гирифтаро аз ҷиҳати иқтисодӣ тобеъ кард. Марзҳои қитъаи Аврупо дар тӯли 200 сол хеле васеъ гардида, қариб тамоми сайёраро, ба ғайр аз Австралия, дар бар гирифтанд.

Аз миёнаи асри XVI ба мубориза барои роҳ ёфтан ба бозорҳои берун аз марзи Аврупо давлатҳои Англия, Фаронса, Голландия ворид гардиданд. Рақобати давлат - ҳои аврупой барои афзудани таъсири хеш дар Ҷаҳони Нав (Америка) яке аз ангезаҳои пешрафти онҳо буд. Пешрафти давлатҳои Аврупо оқибатҳои нохуше ба бор меовард, тамаддунҳои қадими Америкаи Ҷанубӣ, тамаддуни инкҳо, аскетҳо аз байн рафтанд; савдои ғуломони сиёҳпусти африкоӣ авҷ гирифт; ба нархи арзон – савдои нобаробар филиззоти гаронбаҳо аз кишвар бароварда мешуд, ки ин ба ғораттарӣ баробар буд. Тамаддуни аврупоӣ ба кишварҳои мустамликавӣ ворид

гардида, рушди табиии таърихии онҳо халалдор мегардид. Дар асри XVI «Ғарб» ба «Шарқ» омада, онро минбаъд мутеи худ сохт ва бе робитаи зич бе онҳо вуҷуд дошта наметавонист. Ҳамкории доимӣ бо кишварҳои мустамликавӣ дар асрҳои XVII – XVIII шарти асосии некӯаҳволии иқтисодии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ гардид.

Инчунин дар айни замон қувваҳои истеҳсолкунанда афзоиш меёфтанд. Олот барои берун баровардани об ва додани ҳаво ба конҳои ангишт (шахтаҳо), реза кардани маъданҳо, кокс кардани ангиштсанг пайдо шуданд. Технологияи омода сохтани чӯян, тунукаи оҳанӣ, сим, кубаҳои пуркудрати обӣ, дастгоҳҳои харротӣ (парма кардан), бофандагӣ ва ғайра ихтироъ гардиданд.

***Ҷараёни андухти ибтидоии сармоя.*** Таназзули муносибатҳои феодалӣ ва барқароршавии тарзи капиталистии истеҳсолот дар ҷараёни андухти ибтидоии сармоя босуръат шакл мегирифтанд.

Андухти ибтидоии сармоя – асоси ба вуҷуд омадани тарзи капиталистии истеҳсолот. Барои он ки истеҳсолоти капиталистӣ амалӣ гардад, ду шарт лозим аст: аввалан, мавҷудияти миқдори зиёди одамони аз ҷиҳати ҳуқуқӣ озоди аз воситаҳои истеҳсолот ва зиндагӣ маҳрум ва ба кор кардан дар дасти капиталист маҷбур ва сониян, андухти воситаҳои зиёди пулӣ барои ба вуҷуд овардани корхонаҳои капиталистӣ зарур.

Ҳамин тариқ, натиҷаи андухти ибтидоии сармоя, аз як тараф, ба ташкилёбии армияи коргарони кироя ва аз тарафи дигар ба ташаккули соҳибкорони капиталистӣ оварда расонид. Дар дасти онҳо манбаъҳои молие, ки барои ташкили истеҳсолоти капиталистӣ зарур буданд, ҷамъ омада буданд. Ба ҷои моликияти хусусии феодалӣ моликияти буржуазӣ ташаккул меёфт.

Сарчашмаҳои андухти ибтидоии сармоя аз инҳо иборатанд:

1) Ғоратгариҳои мустамликавӣ ва тиҷорати мустамликавӣ, инчунин ғуломфурӯши, ки пас аз Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ босуръат рушд ёфтанд;

2) ҷангҳои тиҷоратӣ, андозҳо ва қарзҳои давлатӣ;

3) «инқилоби нарх», ки дар аввал Испания ва Португалия, баъдан Франсия, Англия, Голландия ва қариб дигар кишварҳои Аврупоро дар асри XV дар зери таъсири миқдори зиёди металлҳои қимматбаҳо –тилло ва нуқра, ки бо меҳнати арзони ғуломон дар мустамликаҳо ба даст омада буд, фаро гирифт.

Дар ҷараёни ташаккули истеҳсолоти капиталистӣ сиёсати меркантилизм, ки аз тарафи мамлакати феодалӣ гузаронида мешуд, аҳамияти муҳим дошт.

***Мануфактура.*** Дар ҳамин давраи феодализм шакли нави созмони истеҳсолӣ – мануфактура, ба вуҷуд меояд. Мануфактура корхонаи хурди капиталистие мебошад, ки ба техникаи дастӣ ва тақсими меҳнат асос ёфтааст. Ташкилдиҳандагони аввалини мануфактура аз ҳама бештар тоҷирони шаҳрию судхӯрон буданд, ки васоити кофии пулӣ доштанд. Мануфактураи капиталистӣ дар се шакли асосӣ вуҷуд дошт: пароканда, марказиятёфта ва омехта.

Мануфактураи марказиятёфта ин корхонаи калони капиталистие буд, ки дар он даҳҳо ва ҳатто садҳо коргарон кор мекарданд. Чунин мануфактураҳо аз тарафи соҳибкороне, ки таҷҳизот, асбобу анҷом, моли хоми заруриро харидаанду қувваи корриро киро кардаанд, ба вуҷуд оварда мешуданд.

Мануфактураи пароканда танҳо навъи гузарандаи мураттабан марказиятёбандаи истеҳсолоти капиталистӣ буд. Дар ин навъи истеҳсолоти мануфактурӣ коргарон – истеҳсолкунандагони хурди пролетаргардида, аз ҳама бештар собиқ косибони деҳот – на дар устохонаҳои умумӣ, балки дар хонаи худашон кор мекарданд.

Дар кори мануфактураи омехта- як амалро устоҳои хонагӣ ба ҷо меоварданду дигаривро - коргарони кироя дар устохона.

Мануфактураҳо нахустин бор дар Аврупо дар асрҳои XVI-XVII дар шарҳои Италия, баъдан дар Нидерландия, Англия, Франсия ва дигар кишварҳо пайдо шуданд.

Мануфактура навъи гузариш аз истеҳсолоти хурди ҳунармандӣ ба саноати мошинии бузурги капиталистӣ буд.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1.Омиле, ки таназзули феодализмро ба таври назаррас тезонид:**

А) табаддулоти саноатӣ;

Б) табаддулоти аграрӣ;

В) кашфиётҳои азими ҷуғрофӣ;

Г) андухти ибтидоии сармоя.

**2. (Ҷумларо ба анҷом расонед...) Кашфиётҳои азими ҷуғрофӣ замина гузоштанд барои ба вуҷуд омадани....**

**3.Истисмор, ғорат ва забти мустамликаҳо ба иқтисодиёти Аврупо чӣ гуна натиҷаҳо овард?**

**4. Сарчашмаҳои андухти ибтидоии сармояро номбар намоед...**

**5. Мануфактура ин:**

А) корхонаҳои бузурги капиталистӣ;

Б) ҳимояи бозори дохилӣ аз молҳои воридотии хориҷӣ;

В) корхонаҳои хурди капиталистӣ;

Г) истеҳсолоти дастӣ.

## 2.2. ГОЛЛАНДИЯ – АЗ ФЕОДАЛИЗМ РОҲ БА СӮИ КАПИТАЛИЗМ

Маркази эҳёи капитализм дар ҳаёти иқтисодии Аврупо дар асри XVII дар Аврупои Шимолӣ-Ғарбӣ, пеш аз ҳама дар Голландия ба вуқӯъ пайваст.

Дар асри XVII дар давраи ҷанги ҳаштодсола (ҷанг байни Испания ва Голландия) Фландрия (шаҳр дар Нидерландия) ба сифати маркази асосии тиҷоратии Аврупои Шимолӣ табдил ёфт. Голландия пеш аз дигар

мамлакатҳои Аврупо инқилоби буржуазиро паси сар карда (муқоиса бо Англия, инқилоби буржуазӣ дар ин давлат баъди сад сол сар зад), шароитҳои ба таври кофии рушди ин шакл фарҳам омад. Дар ин минтақа тартиби ҷамъиятӣ-иқтисодии капиталистӣ дар ҷамъият ҳукмрон гардиданд, ҳангоме, ки муносибатҳои феодалӣ, ҳоло ҳам боқӣ монда, дар ҳолати таназзулёбӣ қарор гирифта буданд.

Миллати нав рушду нумуи иқтисодӣ ва фарҳангиро аз сар мегузаронд. Ба муносибати ҳамаи ин дастовардҳо асри XVII-ро асри тиллоии Нидерландия меноманд.

Дар аввали асри XVII дар Голландия рушди иқтисодӣ оғоз ёфт ва Амстердам пойтахти Голландия маркази капитализми Аврупо гардид. Омилҳои зерин боиси рушду инкишофи бомуваффақияти капитализм дар Голландия гардиданд:

- Мавқеи мувофиқи ҷуғрофии ин кишвар, (дар сари роҳҳои тиҷоратии баҳри Балтика ва уқёнуси Атлантика қарор гирифтанаш барои ривоҷу равнақи тиҷорату савдо мусоидат намуданд);
- Ба таври кофӣ рушд накардани ҳуқуқи крепостной (беҳуқуқии деҳқонон) ва созмонҳои феодалӣ. Деҳқонон дар ин ҷо ҳатто дар давраи «тираву торикӣ» асримиёнагӣ аз озодии шахсӣ баҳравар буданд; раҳо ёфтан аз ҳукмронии Испания барои ба сари қудрат омадани буржуазия (дар охири асри XVI) роҳ кушод.
- Бо сабаби камҳосилии замин мардум маҷбур мешуданд дар баҳр комёбӣ ба даст оваранд, хоҷагии кишлоқро такмил диҳанд. 100-120 ҳазор нафар аҳолӣ ба моҳигирӣ шуғл меварзиданд. Голландия тамоми Аврупоро аз моҳии шӯр (селедка) таъмин мекард. Бо ёрии дарғоту бастани роҳи об садҳо километри мукааб заминҳои фоидаовари наздибаҳрӣ (шелфҳо) аз худ карда шуданд;
- Таҳаммул ба эътиқоди гуногуни динӣ барои ба кишвар роҳ ёфтани протестантҳои бомаърифату

соҳибихтисос, кордону сарватманди аз ҷаври католикҳо гурехта; лютеранҳо ва гугенотҳо, инчунин яҳудиён, ки чун қишри миёнаҳоли ҷомеаи Голландия мавқеъ пайдо карданд, мусоидат намуд.

Дар солҳои болоравии иқтисодиёти Голландия истеҳсолоти мануфактурӣ бомуваффақият инкишоф меёфт. Соҳаи асосии иқтисодиёти Голландия моҳутбофӣ буд. Голландиҳо аз ҷиҳати ин соҳа аз Англия пеш истода, сари роҳи тиҷорати моҳути англисиро гирифта буданд. Дар Голландия асосан моҳути тунук барои бодбон, матоъҳои махмал, шоҳӣ ва матоъ аз зағирпоя истеҳсол мегардид. Паниri голландӣ дар ҷаҳон ҳамто надошт. Дар асри XVII Голландия аз рӯи парвариши чорвои зотӣ ҷои якумро дар ҷаҳон ишғол мекард. Дар иқтисодиёти Голландия моҳидорӣ, асосан моҳии шӯр (селёдка) нақши калон дошт. Ба ин кор то 2 ҳазор киштӣ машғул буданд.

Голландия дар соҳаи кишоварзӣ ба дастовардҳои зиёд ноил гардид, аз ҷумла истифодаи нуриҳои органикӣ ва коркарди замин имкон медод, ки ҳосили хуб ба даст оварда шавад. Ҳамаи ин барои афзоиши аҳолии шаҳрҳо, урбанизатсия ва индустриализатсия роҳ кушод. Бояд қайд кард, ки Голландия инқилоби аграриро сад сол пеш аз Англия аз сар гузаронд.

Вале Голландия на танҳо кишвари пешрафтаи аграрии Аврупо, балки маркази саноатӣ низ гардида буд. Пеш аз ҳама рушду нумӯъ соҳаи анъанавии бофандагиро фаро гирифт. Маркази ин соҳа шаҳри Лейдан гардид. Ба ин ҷо аз тамоми гӯшаву канори Испания устоҳо ҷамъ шуда буданд, ки ин боиси кашфи матоъҳои нав гардид.

Соҳае, ки мавқеи дуввумро дар иқтисодиёти Голландия ишғол намуда, яке аз калонтарин соҳаи саноатиро ташкил мекард, киштисозӣ буд. Киштиҳо ба механизмҳои нав муҷҷаҳаз гардида буданд. Солҳои 1630 то 1730 флоти ин давлат аз флоти тамоми давлатҳои Аврупо се баробар калонтар (15000 киштӣ, аз онҳо тақрибан 1000 киштии ҷангӣ) буд. Голландия бо аҳолии

начандон калонаш (2 млн.) барои Англия,Фаронса, Россия ва Полша киштӣ месохт.

Ғайр аз ин соҳаҳои саноатии истеҳсоли қоғаз, тамоку, спирт, хиштпазӣ пайдо шуда, бояд қайд кард, ки соҳаи ҳарбӣ авҷи аълои рушду камолотро аз сар мегузаронд (ба ин ҷанги 80-солаи байни Голландия ва Испания шоҳидӣ медиҳад).

Болоравии иқтисодии Голландия дар асри XVII бо тиҷорат зич алоқаманд буд. Голландия ҳавзаи баҳрҳои Шимол ва Балтикро дар зери назорати худ гирифта буд. Голландия ба кишвари боркашони тиҷоратии ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Савдои хориҷӣ бо Ҳиндустон, Индонезия, Хитой, Япония ва Америка хеле тараққӣ карда буд. Гардиши савдои хориҷӣ дар асри XVII дар як сол ба 75-100 миллион флорин (воҳиди пули Голландия) расид.

Дар соли 1609 нахустин бонки қарзиву арзии Амстердам созмон ёфт. Дар солҳои 1610-1640 амалиётҳои қарзӣ ҳашт маротиба афзуданд. Амстердам ба маркази молиявии ҷаҳонӣ мубаддал гардид. Фоизҳои паст ва бехатарӣ ба аврупоиҳо имкон дода буд, ки сармояи худро дар бонки Амстердам гузоранд.

Мубориза тиҷоратии Голландия оҳиста-оҳиста монополияи мустамликавии Испания ва Португалияро хароб намуда, мустамликаҳои онҳоро ғасб карда, империяи мустамликавии худро созмон дод, ки се қитъаро дар бар мегирифт.

Ба мақсади истисмори мустамликаҳо ширкатҳои махсус ташкил шуда буданд. Соли 1602 ширкати Ост-Индия бо иштироки ҳукумат ташкил ёфт. Ширкат ҳуқуқи монополии тиҷоратро бо кишварҳои ҳавзаи уқёнусҳои Ором ва Ҳиндустон доро буд. Голландиҳо аҳолии кишварҳои мустамликаро ғорат мекарданд, молҳои қиматро кашида мегирифтанд ва нарху наворо дар бозорҳо назорат мекарданд. Дар соли 1621 ширкати Вест-Индия созмон дода шуд, ки он бо ғуломфурӯшӣ,

роҳзании баҳрӣ, ғоратгарӣ машғул буда, то соли 1674 вуҷуд дошт.

Калонтарин бандари Голландия Антверпен-маркази умумиаврупоии тиҷорат, вом ва маркази бузурги саноатӣ ҳисоб мегардид. Дар бандарҳои Антверпен баъзан дар як вақт бештар аз 2 ҳазор киштӣ зери борфурорию боргирӣ қарор доштанд.

Умуман, дар нимаи аввали асри XVII Голландия нуқтаи олии иқтидори тиҷоратии худро ба даст овард ва ба таъбири К. Маркс «мамлакати капиталистии намунавии асри XVII»[1] гардид.

Омилҳои боздорандаи рушди ин кишвар низ вуҷуд доштанд, пеш аз ҳама, моли хом, қувваи корӣ намерасид; дар гирду атроф душманон – Испания, Фаронса мавқеъ гирифта буданд. Неруи ҳарбии Фаронса рӯз ба рӯз меафзуд, он дар хушкӣ борхо бо Галландия ҷанг барангехт. Англия чаҳор маротиба (1652-54, 1665-67, 1672-74, 1782-83) Голландияро ба ҷанги баҳрӣ кашид. Дар савдо бо ин кишвар монеаҳо эҷод мекард. Пас аз комёб гардидан дар истеҳсоли матоъҳои пашмӣ Англия Аврупоро бо матоъҳояш фаро гирифт; Англия харидории молҳоро аз мустамликаҳояш, махсусан матоъҳоро аз Ҳиндустон ба роҳ монд. Ҳамаи ин ба моҳутсозии Голландия таъсири манфӣ расонид. Аз даст рафтани мавқеи пешқадамӣ барои Голландия харобиовар гардид ва ба зуд паст рафтани иқтисодиёташ боис шуд. Буржуазияи Голландия аз усулҳои соф ҳаннотонаи сарватғундорӣ истифода бурда, вазифаҳои инкишоф додани истеҳсолоти саноатиро ба гӯшаи фаромӯшӣ андохта буд. Бинобар ин К. Маркс навишта буд, ки «Таърихи таназзули Голландия чун миллати тиҷоратии ҳоким, таърихи тобеияти сармояи тичоратӣ ба сармояи саноатӣ мебошад»[2].

---

[1] К. Маркс. Капитал, ч. 1, саҳ. 755.

[2] К. Маркс ва Ф. Энгелҳс. Соч., нашри 2, ч. 25. сах. 366.

Вазъи ба миён омада пеши роҳи рушди бошиддати Голландияро гирифт ва Англия дар арсаи иқтисодиёт ба мавқеи аввал баромада, маркази рушди иқтисодӣ дар Аврупо гардид.

Бинобар ин, аз ҷиҳати иқтисодӣ ақиб мондани Голландия дар асри XVIII амри ногузир буд. Аммо дар асри XVII ин кишвар дар таърихи иқтисодиёти Аврупо, аз ҷумла дар инкишофи капитализм нақши барҷастаро иҷро кард.

**Тест ва саволҳо**

**1. Кишвари нахустине, ки дар он капитализм ташаккул ёфт:**

А) ИМА;

Б) Голландия;

В) Англия;

Г) Испания.

**2. Болоравии иқтисодиёти Голландия бо кадом соҳа алоқаманд буд?**

А) киштисозӣ;

Б) баҳрнавардӣ;

В) тиҷорат;

Г) кишоварзӣ.

**3. Соҳае, ки ба рушди иқтисодиёти Голландия оғоз бахшид:**

А) тиҷорати моҳии шӯр;

Б) соҳаи бонк;

В) истеҳсоли қоғаз;

Г) фурӯши ғуломон.

**3. Омилҳое, ки боиси рушду инкишофи бомуваффақияти капитализм дар Голландия гардиданд, номбар намоед...**

**4.Фаъолияти ширкатҳои Ост-Индия ва Вест-Индия аз чӣ иборат буд?**

**5. Аз даст рафтани мавқеи пешқадамии иқтисодии Голландияро фаҳмонед...**

## 2.3. АНГЛИЯ-ВАТАНИ ИНҚИЛОБИ САНОАТӢ

Аллакай дар асри XVII Англия кишвари пешрафтаи ҷаҳон – Голландияро аввал аз рӯи суръати инкишофи мануфактураҳои капиталистӣ ва баъдан аз рӯи тиҷорати ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти мустамликавӣ пеш гузашт. Дар миёнаи асри XVIII Англия ба кишвари пешрафтаи ҷаҳон табдил ёфт. Барои навсозии капиталистии Англия табаддулоти саноатӣ аҳамияти ниҳоят зиёд дошт. Моҳияти табаддулоти саноатӣ дар гузаштан аз мануфактураи меҳнаташ дастӣ ба истеҳсолоти фабрикию заводӣ иборат аст, ки ба истифодаи системаи мошинҳо асос ёфтааст.

Муҳимтарин заминаҳои табаддулоти саноатӣ дар Англия:

- Ғалабаи инқилоби буржуазии соли 1649 ва барқарор шудани низоми нави ҷамъиятию сиёсӣ - ҷумҳурии буржуазӣ. Ин ғалаба дар натиҷаи аз байн рафтани монеаҳо дар роҳи инкишофи минбаъдаи капитализм, ба инкишофи минбаъдаи буржуазии қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакат мусоидат кард.
- Дар давраи аввали ғункунии сармоя ва забти мустамликаҳо барои тадқиқотҳо ва ҷорӣ намудани кашфиётҳои илмӣ дар соҳаи техника маблағҳои кофии пулӣ фароҳам омаданд. Буржуазияи англис аз ҳисоби ғорати мустамликаҳо, ғуломфурӯши, андозҳои гарон, қарзҳои давлатӣ сармояи[1] зиёдро ба даст оварданд.
- Табаддулоти аграрӣ, ки пеш аз табаддулоти саноатӣ рух дода буд. Дар натиҷаи бе замин мондани деҳқонон, ки ин раванд ҳанӯз дар асри XVI вусаът ёфта буд, табақаи деҳқонони Англия ба ҳайати армияи меҳнати кироя дохил шуд, ки бе он истеҳсоли оммавии молҳои фабрикӣ вуҷуд дошта наметавонист.

---

[1] Сармоя – шарти асосии мавҷудияти истеҳсолоти капиталистӣ мебошад. Сармоя чунин воситаҳоро дар бар мегирад - пулӣ ва моддӣ. Сармояи пулӣ – бо воситаи онҳо истеҳсолот тавлид мееёбад; Сармояи реалӣ - (моддӣ) иншоотҳо, мошину таҷҳизотҳо ва г.

• Аз ҳисоби табақаи миёнаи аҳолӣ, ки 30% аҳолиро ташкил медод ва қобилияти дарку истифодаи навгониҳоро дошт, ҷамъияти нисбатан бомаърифат ташаккул ёфт. Барои тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи илму техника дар Донишгоҳҳои Глазго, Эдинбург ва мактабҳои миёнаву марказҳои саноатии кишвар диққати махсус дода мешуд.

•Инкишофи ҳамаҷонибаи истеҳсолоти мануфактурӣ. Дигар нишонаи муҳими иқтисодии табаддулоти саноатӣ васеъ паҳн гардидани истеҳсолоти мануфактурии таърихан пеш аз фабрикаи капиталистӣ бавуҷудомада мебошад.

• Дар саноатигардонии капиталистии Англия сиёсати протексионизм (ҳимояи бозори дохилӣ аз молҳои воридотии хориҷӣ) нақши муҳим бозид. Дар бозори ҷаҳонӣ бо молҳо аз кишварҳои Россия, Шветсия, Ҳиндустон (матоъҳои пахтагӣ, филиззот ва ғ.) Англия дучор гардида, танҳо бо роҳи ба роҳ мондани истеҳсолоти фабрикӣ ва истеҳсоли молҳои рақобатпазир (босифат ва арзон) метавонист рақибонро пеш гузарад.

Табаддулоти саноатӣ дар соҳаҳои бофандагию ресандагӣ оғоз ёфт. Соли 1733 механик Ҷ. Кей «мокуи паррон» (ба маънои босуръати баланд ҳаракаткунанда) ихтироъ намуд, ки ба шарофати он маҳсулнокии меҳнати бофанда ду маротиба афзуд. Соли 1760 дар Шотландия нахустин заводи металлургӣ ба кор шурӯъ намуд. Дар соли 1765 бофанда Ҷ. Харгривс дастгоҳи ресандагӣ ва Т. Хайс соли 1767 мошини бо қувваи об ҳаракаткунандаро ихтироъ намуданд. Соли 1779 С. Кромптон дар асоси мошинҳои нахустин мюл-мошинро ба вуҷуд овард, ки ба ёрии қувваи механикӣ то 400 дукро ба ҳаракат медаровард ва ресмони борику мустаҳкам ҳосил мекард.

Ихтироъ ва ҷорӣ гардидани мошинаҳои ресандагӣ истеҳсоли ресмонро якбора афзоиш дода, ҳамзамон арзиши аслии маҳсулотро паст намуд.

Ҳар қадар бештар ресандагӣ механиконида мешуд, талабот ба бофандагон ба ҳамон миқдор меафзуд,

бинобар ин «камчинии бофанда» рушди иқтидори иқтисодии фабрикадорони англисро бозмедошт. Зарурат ба такмил додани дастгоҳҳои механикии бофандагӣ торафт меафзуд. Соли 1785 Э. Картрайт дастгоҳи механикии бофандагии мукаммалтареро ба вуҷуд овард, ки ҷои меҳнати 40 бофандаро мегирифт ва дар натиҷа маҳсулнокии меҳнат 7 маротиба зиёд шуд.

Васеъ ба кор бурда шудани ин механизмҳо ба он оварда расонд, ки аз соли 1780 то 1820 маҳсулоти матоъҳои пахтагӣ зиёда аз 16 маротиба афзоиш ёфт.

Барои оғози давраи азнавсозии техникии саноатӣ гузаштан ба муҳаррикҳои буғӣ ниҳоят муҳим буд. Дар солҳои 1774-1784 Ҷеймс Уатт мошини буғиро ихтироъ намуда, минбаъд онро муккамал гардонд. Ихтироoти Ҷ. Уатт диққати фабрикантҳоро ба худ ҷалб намуда, аз тарафи онҳо баҳои арзанда гирифт. Бояд қайд кард, ки аввалин мошини буғӣ аз ҷониби ихтироъкори рус И.И. Ползунов ихтироъ гардида буд, аммо ин навоварӣ дар Русияи крепостноӣ дастгирӣ наёфт.

Мошини буғии Уатт дар кулли соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ васеъ истифода мегардид. Баъдтар ин мошин дар соҳаи нақлиёт низ мавриди истифода қарор гирифт. Соли 1800 дар Англия 320 мошини буғӣ мавҷуд буд, дар соли 1826 бошад, адади онҳо ба 15 ҳазор расид. Дар ибтидо дастгоҳҳои техникӣ дар мануфактураҳо ба тариқи механикӣ-дастӣ сохта мешуданд. Бо мурури замон истеҳсоли чунин дастгоҳҳо бо тариқи мошинҳо ба роҳ монда шуданд, дар натиҷа соҳаи нави саноат – мошинсозӣ ба миён омад, ки ин марҳилаи хотимавии табаддулоти саноатӣ дар Англия гардид. Нишондиҳандаи ба хотима расидани табаддулоти саноатӣ ин оғозёбии аз ҷониби мошин истеҳсол намудани мошин гардид. Дар соли 1794 Г. Модсли нахустин дастгоҳҳои коркарди металлро ихтироъ кард.

Соли 1814 Стефенсон нахустин қатораи бо буғ ҳаракаткунандаро сохт. Соли 1825 нахустин роҳи оҳан

дар Англия сохта шуд, ки дорои аҳамияти зиёди хоҷагидорӣ буд.

Табаддулоти саноатӣ дар Англия на танҳо соҳаҳои саноатро, балки тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ, аз он ҷумла хоҷагии қишлоқро низ фаро гирифт, ки ин дар навбати худ ба пайдоиши шаҳрҳо ва зиёдшавии аҳолии шаҳрӣ оварда расонид. Намуди зоҳирии давлат тағийр ёфт. Ин оғози ба вуҷуд омадани тамаддуни нави индустриалӣ буд. Дар шаҳрҳо аллакай 40% аҳолии кишвар умр ба сар мебурданд. Лондон ба бузургтарин шаҳр дар ҷаҳон, ки дорои 0,5 миллион аҳолӣ буд, табдил ёфт, аҳолии Лондон асосан дар саноат, соҳаи тиҷорат ва баҳрнавардӣ машғули кор буданд. Дар ин ҷо созишномаҳои асосии молиявӣ ва тиҷоратӣ қабул мешуданд.

Аксарияти соҳибкорон дар ҳаҷми кофӣ сармоя дар ихтиёр надоштанд. Аз ин лиҳоз пешбарандагони навгониҳои истеҳсолот онҳое шуданд, ки захираҳои молиявӣ ва истеҳсолиро муттаҳид намуданд. Ҳамин тариқ, калоншавии корхонаҳо, тамарказёбӣ ва марказонида шудани сармоя ба вуҷуд омад. Монополияҳо[1] ташаккул меёфтанд.

Дар соли 1825 дар Англия нахустин бӯҳрони истеҳсоли аз меъёр зиёди мол сар зад. Чунин бӯҳронҳо бо ихтисоршавии истеҳсолот, авҷи бекорӣ, пастравии музди кори коргарон ҳамқадам буд.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1. Муҳимтарин заминаҳои табаддулоти саноатии Англияро номбар намоед...**

**2. Моҳияти табаддулоти саноатӣ аз чӣ ибрат аст?**

**3. Дар кадом сол дар Англия аввалин роҳи оҳан сохта шуд?**

---

[1] Монополия – иттиҳоди соҳибкороне, ки истеҳсолот ва фурӯши молро дар зери назорат гирифта, ба молҳо нарх муқаррар менамоянд.

А) 1807;
Б) 1814;
В) 1820;
Г) 1825.

**4. Табаддулоти саноатӣ ба иқтисодиёти Англия чи гуна таъсир расонд?**

**5. Англия ба кишвари пешрафтаи ҷаҳон табдил ёфт дар:**

А) охири асри XVIII;
Б) миёнаи асри XVIII;
В) аввали асри XIX;
Г) охири асри XIX.

## 2.4. ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ САНОАТ ДАР ФРАНСИЯ

Табаддулоти саноатӣ дар Франсия дертар сар шуд ва бештар тӯл кашид. Оғози табаддулоти саноатӣ дар Франсия ба солҳои 1815-1830 мувофиқ омад. Сабаби асосии чунин ақибмонӣ дар он буд, ки сохти ҷамъиятию сиёсии Франсия ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, чунонки дар Англия буд, мусоидат намекард.

Саноати Франсия ба самти нисбатан дигар ва дар муқоиса бо Англия бо суръати пасттаре тараққӣ мекард. Пас аз инқилоби буржуазӣ барои инкишофи мануфактура ва фабрика шароити мусоид ба миён омад. Низоми сехӣ аз байн бардошта шуд. Таназзули режими феодализм ба пайдо шудани бозори меҳнат таъсир расонд.

Соли 1805 Ж. Жаккард барои истеҳсоли матоъҳои нақшу нигордор дастгоҳе ихтироъ намуд. Соли 1810 Ф. Жирар мошинеро барои аз зағирпоя тайёр намудани матоъ ихтироъ кард. Худи ҳамин сол дар Франсия технологияи нигоҳдошти тӯлонии маҳсулот (консерватсия) ихтироъ гардид. Калонтарин маркази истеҳсоли абрешим шаҳри Лион ба ҳисоб мерафт. Дар ин ҷо дар як сол тақрибан 2 млн. пилла коркард мегардид ва

аз 2/3 қисми матои абрешим дар ҳамин ҷо истеҳсол мешуд.

Дар солҳои 50-60-уми асри XIX саноати вазнин бо суръати баланд рушд меёфт. Истеҳсоли чӯян ва ангишт се маротиба афзуда буд.

Умуман, табаддулоти саноатӣ дар Франсия дар охири солҳои 60-ум ба охир расид. Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ 6 маротиба афзуд. Франсия дар ин давра аз рӯи ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва иқтидори умумии иқтисодӣ ҷои дуввумро дар ҷаҳон ишғол намуд. Вале ба ҳамаи пешравиҳову дастовардҳои инкишофи саноатӣ нигоҳ накарда, Франсия ба сифати кишвари аграрӣ боқӣ монд. Аз 8,7 млрд. франке, ки даромади миллиро ташкил медод, 5 млрд. франк ба сектори аграрӣ рост меомад.

Нишонаҳои судхӯронаи капитализми Франсия ҳанӯз дар давраи табаддулоти саноатӣ пайдо шуда буданд, аммо чигунагии ин нишонаҳо дар замони капитализми монополӣ пурратар зоҳир гардид. Суръати рушди сармояи пулӣ нисбат ба сармояи саноатӣ хеле баландтар буд. Дар ибтидои асри XIX якчанд бонкҳо – Бонки Франсия (с. 1800), Қарз барои замин, Қарз барои амволи манқул таъсис ёфтанд, ки дар ташкилёбии онҳо давлат низ саҳм дошт. Соли 1818 нахустин бонки амонатгузорӣ таъсис ёфт. Дар бонки «Кредити Лион», ки соли 1865 ташкил гардид, асосан маблағҳои пулӣ аз мамлакатҳои хориҷӣ ҷой дода мешуданд. Биржаи Париж, ки арзиши қоғазҳои қимматнокаш аз 10 миллиард франк соли 1835 ба 35 млрд. франк расид, соли 1870 ба маркази ҷаҳонии фурӯши қоғазҳои қимматнок табдил ёфт.

Дар охири асри XIX буржуазияи Париж нақши маркази қарзи байналхалқиро ба ҷо меовард. Хислати қарздиҳию судхӯрии капитализми Франсия ба сохтори иҷтимоии ҷамъияти буржуазии Франсия нақш гузошт. Дар Франсия қабати махсуси буржуазия – табақаи мардуми фоидахӯри ба ҳеҷ гуна фаъолияти истеҳсолӣ машғул набуда, ки танҳо аз ҳисоби фоизи сармояи ба

вомбаргҳо гузоштаашон умр ба сар мебурданд, ташаккул ёфтан гирифт.

Ҳал нагардидани бисёр масъалаҳои иқтисодӣ-ичтимоӣ Франсияро дар нимаи дуввуми асри XIX ба ақибмонии иқтисодӣ оварда расонид. Суръати рушди саноатии вай дар муқоиса бо нимаи аввали аср ду маротиба ихтисор ёфт. Аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX кишвар аз чои дуввум ба чои чорум фуромад.

Нақши саноати сабук назар ба саноати вазнин зиёдтар буд. Вале бояд қайд кард, ки муваффақиятҳои назаррас дар сохтмони роҳи оҳан ба даст оварда шуданд. Соҳаҳои нав ҳам пайдо шуда буданд, аз чумла паровозсозӣ, истеҳсоли алюминий, қувваи барқ, автомобилсозӣ ва диг. Аз ҳама пештар Франсия ба истеҳсоли қувваи барқ оғоз намуд.

Дар миёни ашёи содиротии Франсия матоъҳои абрешимӣ, май, мебел, чарм, атриёт, рангубор ва маснуоти заргарӣ мавқеи асосӣ доштанд.

Дар охири асри XIX Франсия яке аз тараққикардатарин мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ буд, ки аз рӯи суръати инкишофи саноаташ дар байни Англия, ИМА ва Германия чои чорумро ишғол мекард.

**ТЕСТ ва вазифаҳо**

**1. Сабабҳои ақибмонии Франсия аз Англияро фаҳмонед...**

**2. Табаддулоти саноатӣ дар Франсия кадом солҳоро дар бар гирифта буд?**

А) 1905-1920;

Б) 1805-1815;

В) 1865-1870;

Г) 1815-1830.

**3. Дастгоҳе барои истеҳсоли матоъҳои нақшу нигордорро дар Франсия ихтироъ намуд:**

А) Ж. Жаккард;

Б) Ф. Жирар;

В) Напалеон;

Г) Ҷ. Уатт.

**4. Рушду пешрафти иқтисодиёти Франсия аз кадом соҳа бештар вобаста буд?**

**5.Капитализми Франсия дар кадом самти иқтисодӣ инкишоф ёфта буд?**

А) кредити байналхалқӣ;

Б) саноатӣ;

В) аграрӣ;

Г) қарзӣ.

## 2.5. ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ КАПИТАЛИЗМ ДАР ГЕРМАНИЯ

Дар аввали асри XIX Германия масъалаҳои асосии марбутаи бартараф намудани ақибмонии иқтисодиро ҳал карда натавонист. Яке аз сабабҳои ақибмонии иқтисодӣ парокандагии давлат буд. Танҳо соли 1815 аз рӯи натиҷаи Конгресси Вена, ки ба ҷангҳои наполеонӣ хотима бахшида буд, оид ба ташкили Иттиҳоди Германия муоҳида ба имзо расид, вале он тавонист танҳо қисми Германияро муттаҳид созад. Дар Германия ҳоло ҳам муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодии феодалӣ ҳукмрон буданд. Сиккаи ягона ва системаи ягонаи ченак вуҷуд

надошт, байни князигариҳо монеаҳои гумрукӣ мавҷуд буданд.

Муттаҳидии сиёсии қатъии Германия фақат дар соли 1871, баъд аз мағлуб гардидани Франсия дар ҷанги Франсия ва Пруссия ба амал омад. Аз сохти феодалӣ ба буржуазӣ гузаштан дар Германия ба усули дигар ҷараён гирифта буд. Бар хилофи Англия ва Франсия бозсозии буржуазии Германия на бо роҳи инқилобӣ, балки бо роҳи ислоҳот сурат гирифт.

Сабаби дер анҷомидани гузариши Германия аз феодализм ба сохти капиталистӣ ба он вобаста буд, ки ин кишвар аз роҳҳои тиҷорати ҷаҳонӣ барканор монда буд. Ҳарчанд барои истифодаи хоҷагидорӣ дарёҳои мувофиқ мавҷуд буданд, вале барои устуворона баромадан ба баҳр дар мамлакат флоту лангаргоҳҳо вуҷуд надоштанд. Дар нимаи дуюми асри XIX соҳаи баҳрнавардии немис акнун ташаккул меёфт.

Ҳар яке аз князигарии Германия сохтмони роҳҳои оҳанро маъмулан дар ҳудуди худашон анҷом медоданд, ки ин раванд ташаккул ёфтани системаи нақлиёти ягонаро бозмедошт. Сарҳадоти гумрукии дохилӣ, парокандагии сиёсии Германия ба он оварда расонд, ки ноҳияҳои асосии саноатии он бо якдигар алоқаи мустаҳкам надоштанд, ин дар навбати худ ба инкишофи муомилоти пулӣ ва ташкил ёфтани бозори дохилии ягона халал мерасонд.

Дар солҳои 30-40 асри XIX дар Германия ҷоннок гардидани хоҷагии қишлоқ ба назар мерасид. Ба шарофати кашфиётҳои муаллифи назарияи ғизои минералии наботот Ю. Либих асосҳои агрохимия ва истифодаи пору ва нуриҳои минералӣ гузошта шуд. Истифодаи зироатҳои техникӣ – лаблабуи қанд, картошка васеъ гардид. Дар баробари инкишофи кишоварзӣ парвариши ҳайвоноти хонагӣ низ инкишоф меёфт. Болоравии тахассусгардонии хоҷагии қишлоқ ва инкишофи ноҳияҳои кишоварзӣ тараққиёти тамоюли иқтисодиётро инъикос менамуданд. Германия аз рӯи

ҷамъоварии картошка ва лаблабуи қанд дар ҷаҳон ҷои якумро ишғол намуд. Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва молҳои саноати хӯрокворин истеҳсолоти Германия қисми муҳими содироти ин кишварро ташкил карда буданд.

Бо вуҷуди ин Германия бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро ҳал карда наметавонист. Аз ҷумла, дар нимаи аввали асри XIX Германия натавонист дар тиҷорати баҳрӣ иқтидори пештараро ба худ баргардонад. Ҳоло ҳам Германия аз роҳҳои баҳрии тиҷоратӣ маҳрум буд.

Инқилоби буржуазии соли 1848 барои инкишофи капитализм, гузаронидани табаддулоти саноатӣ ва барои муттаҳидии сиёсии кишвар шароитҳои мусоид фароҳам овард.

Дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX аллакай дар ҷараёни истеҳсоли саноатӣ немисҳо техника ва технологияи хориҷӣ, асосан англисиро истифода мебурданд. Дар асоси мошинҳои англисӣ соҳаи текстил инкишоф меёфт. Дар Германия дар солҳои 50-уми асри XIX дар соҳаи текстил табаддулоти саноатӣ оғоз ёфт. Дар даҳсолаҳои минбаъда (с. 60-70-ум) соҳаи саноати вазнин-кандани ангишт, металлургия, мошинсозӣ тараққӣ кард. Охири солҳои 70-ум табаддулоти саноатии Германия ба давраи интиҳоии худ расид, ки ин дар як вақт бо инкишофи капитилизми монополистӣ рост омад.

Дигаргуниҳои назаррас инчунин дар саноати вазнин ба вуҷуд омаданд. Пайдо шудани мошинҳои буғӣ талабот ба ангиштро афзун кард. Ба даст овардани ангишт ду маротиба ва коргарони дар ин кор машғул чор баробар зиёд гардид.

Ба сохтмони роҳи оҳан аҳамияти калон дода мешуд. Сохтмони фаъоли роҳи оҳан ба муттаҳидшавии кишвар мусоидат намуд.

Дар солҳои 50-60–ум дар Германия асоси низоми қарзӣ (кредитӣ) гузошта мешавад. Дар Пруссия ширкатҳои саноати кӯҳкорӣ, металлургӣ, суғуртавӣ, роҳи оҳан ва дигарҳо бо сармояи 2,5 млрд марка созмон дода мешаванд.

Дар солҳои 70-ум саноати Германия пешравиҳои беназирро барои асри XIX муваффақ гардид. Германия дар ин давра аз Англия ва Франсия аз рӯи ҳамин нишондиҳанда пеш гузашт. Ҳиссаи Германия дар истеҳсоли молҳои саноатӣ дар миқёси ҷаҳон ба 13% баробар буд. Ҳаҷми гардиши пул аз 6 миллион марка (соли 1850) ба 430 миллион (соли 1870) расид; гардиши мол дар савдои беруна се маротиба афзуд.

Барои пешрафти минбаъдаи кишвар музаффарият дар ҷанг бо Фаронса, забти минтақаҳои аз ангишт ва маъдани оҳан бой Элзас ва Лотарингия, товони ҷанг (контрибутсия) бамиқдори 5 миллиард франк мусоидат намуданд. Шумораи аҳолӣ дар чоряки охирини асри XIX аз 35 миллион ба 50 миллион расид; шумораи коргарони корхонаҳои саноатӣ се баробар афзуд.

Вале доираи бозори дохилӣ хеле танг буд, аз ин рӯ зарурати тавсеаи бозор, роҳ ёфтан ба бозорҳои байналмилалӣ (берунӣ, хориҷӣ) пеш омад. Дертар муттаҳид гаштани давлатҳои хурди марзи Германия (ба замми он дер навсозӣ гардидани саноат) сабаби қафо мондани Германия аз тақсими марзиву иқтисодии ҷаҳон дар байни давлатҳои бузурги ҷаҳон гардид.

Ҳамаи ин сабабҳо, инчунин камчинии (камбуди) моли хоми стратегӣ (нафт, селитра, каучук), маҳдудияти марзӣ ва дар айни замон афзоиши аҳолӣ Германияро ба самти бо роҳи зӯрӣ дигаргун сохтани тартиботи марзиву иқтисодии ҷаҳон мебаранд.

Агар саноати Германия бо пайраҳаи тайнамудаи Британия дар соҳаи индустриализатсия рушд намуда бошад (бояд тазаккур дод, ки дар Германия ба саноати ҳарбӣ диққати бетшаре дода мешуд), дар хоҷагии қишлоқ роҳи нави фарққунанда аз роҳи фермерӣ кашф карда шуд, ки он роҳ пруссӣ ва ё юнкерӣ ном гирифтааст. Моҳияти кашфиёти мазкур аз ин иборат буд, заминҳои калони мулкӣ ба «агрофабрикаҳо» табдил дода шуда, дастовардҳои навтарини илми хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла агрохимия дар онҳо татбиқ карда мешаванд. Ба

механизатсияи меҳнат – истифода аз мошинҳои бо буғ коркунанда барои шудгор, култиватсия, куфтани ғалла ва ғайра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Деҳқонон дар ин вазъ ба муздурон табдил меёфтанд.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1.Сабабҳои ақибмонии иқтисодиёти Германия аз Англияро шарҳ диҳед...**

**2.Сababи дер анҷомидани гузариши Германия аз феодализм ба сохти капиталистӣ аз чӣ иборат буд?**

**3.Табаддулоти саноатӣ дар Германия вусъат ёфт дар:**

А) нимаи якуми асри XIX;

Б) охири асри XVIII;

В) нимаи дуюми асри XIX;

Г) аввали асри XX.

**4. Дар кадом сол дар Германия ҳуқуқи крепостной бекор карда шуд?**

А) 1807;

Б) 1833;

В) 1818;

Г) 1871.

**5. Барои рушди саноати Пруссия мусоидат намуданд:**

А) ислоҳоти замин;

Б) табаддулоти саноатӣ;

В) фаровонии ангишт ва маъданҳои оҳан;

Г) милитаризм.

**6. Германия ба кадом соҳаи саноат диққати бештар медод?**

А) соҳаи саноати матоъбофӣ;

Б) соҳаи саноати ҳарбӣ;

В) соҳаи саноати хӯрокворӣ;

Г) соҳаи киштисозӣ.

## 2.6. ТАШАККУЛЁБИИ ИМА ВА ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИИ ОН ДАР АСРИ XIX

Аз тарафи давлатҳои аврупоӣ мустамлика карда шудани Амрикои Шимолӣ дар давраи кашфиётҳои азими ҷуғрофӣ оғоз ёфта буд. Нахустин мустамликаҳоро дар Амрикои Шимолӣ дар асри XVII муҳоҷирони англис, голландӣ ва франсавӣ ташкил карда буданд. Вале англисҳо Амрикои Шимолиро бошиддатар мустамлика карда гирифтанд.

Хоҷагии қишлоқ дар асоси иқтисодиёти мустамликавӣ қарор дошт. Зироати молии асосӣ тамоку буд, ки ба истеҳсоли он нархҳои баланду талаботи рӯзафзун дар бозорҳои аврупоӣ мусоидат мекард. Шароити табиии мусоид барои тамокупарварӣ дар Ҷануб ба вуҷуд омад. Дар хоҷагии мустамликавӣ маҳсулоти дигари хоҷагии қишлоқ-ҷуворимакка, картошка, каду, помидор, пахта низ аҳамияти зиёд пайдо карданд. Меҳнати ғуломон дар ҷануби Амрикои Шимолӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок буд.

Амрикои Шимолӣ аз рӯи сатҳу хусусияти инкишофи иқтисодӣ ба се минтақа ҷудо гардида буд: ҷанубӣ, шимолӣ-шарқӣ ва марказӣ.

Соҳаи асосӣ дар минтақаи Шимолӣ-Шарқӣ – киштисозӣ буд. Дар асоси инкишофи киштисозӣ соҳаи моҳидорӣ тараққӣ мекард, ки ин машғулияти асосии аҳолӣ ва сарчашмаи ғизо ба ҳисоб мерафт.

Дар мустамликаҳо моҳутбофӣ ва истеҳсоли матоъи зағирӣ инкишоф меёфт. Соли 1609 ба Амрикои Шимолӣ гӯсфанд оварда шуд ва гӯсфандпарварӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод.

Дар заминаи конҳои пурсарвати оҳан дар Амрикои Шимолӣ соҳаи металлургия ва коркарди металл рӯ ба инкишоф ниҳод.

Дар миёнаи асри XVIII хоҷагиҳои мустамликавии англисӣ дар Амрикои Шимолӣ мустаҳкам гардиданд ва бо хоҷагиҳои Англия бомуваффақият рақобат мекардагӣ

шуданд (дар соҳаи моҳигирӣ, киштисозӣ, металлургӣ). Ҷазираҳои Ҳиндустони Ғарбӣ (Вест-Индия)-и ба Англия тааллуқдошта, бо иштироки метрополия бо молҳои саноатӣ таъмин карда мешуданд. Дар байни мустамликаҳои Амрикои Шимолӣ ва Англия ихтилофҳои ҷиддӣ ба миён омаданд. Англия кӯшиш мекард, ки ба мустамликаҳои амрикоии хеш нақши замимаи аграрию молихомиро нигоҳ дорад ва ба ҳар роҳ инкишофи иқтисодии онҳоро бозмедошт, ба робитаҳои тиҷоратии бурунмарзии амрикоӣ бо дигар мамлакатҳо мамониат мекард. Чуноне, ки таърих гувоҳӣ медиҳад, сабабҳои назарногире ба ҷанг оварда мерасониданд. Ҳамин гуна ҷанг солҳои 1775-1783 барои истиқлолият рӯй дод. Дар асари он соли 1776 давлати нави мустақил – ИМА арзи вуҷуд кард. Соли 1789 нахустин Президенти ИМА - Ҷорҷ Вашингтон интихоб гардид.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҳукумати ИМА сиёсати васеи экспансияи минтақаҳоро оғоз намуд. Заминҳои ҳиндуён ба зӯрӣ кашида гирифта мешуд, худи онҳоро ба резерватсияҳо (заминҳои нообдоду барои зиндагӣ номувофиқ) мефиристоданд. Заминҳои аз онҳо гирифташударо ба фермерҳои кӯчида омада медоданд.

Ташкил ёфтани давлати калони буржуазӣ – ИМА барои ба амал баровардани табаддулоти саноатӣ шароити мусоиди иҷтимоӣ, демографӣ ва сиёсати беруна фарҳам овард.

Асри XIX дар таърихи иқтисодиёти ҷаҳон ин давраи ташаккули тамаддуни саноатӣ мебошад. Дар ин давра табаддулоти саноатӣ қариб тамоми кишварҳои Аврупо ва Амрикоро фаро мегирад.

ИМА нисбат ба дигар мамлакатҳо ба марҳилаи мошинӣ дертар ворид шуда таҷрибаи техникии Англияро пурра ба кор бурда, хеле сарват ҷамъ карданд. Ба туфайли ҳамин, табаддулоти саноатӣ дар Амрико фурсати зиёдеро нагирифт ва дар нимаи аввали асри XIX ба анҷом расид (1809-1850).

Аввалин соҳае, ки ба истеҳсолоти мошинӣ гузашт, ин соҳаи ресандагӣ буд. Мошини пахтатозакуние, ки Э. Уитни соли 1793 ихтироъ карда буд, барои ба куллӣ тағйир ёфтани коркарди пахта имконият дода, истеҳсолоти пахтагиро бо ашёи хом таъмин намуд. Коргар-бофандаи англис С. Слейтер нақшаҳои мошинро дар ёди худ гирифта, ба Амрико ҳиҷрат кард ва мошини ресандагиро тартиб дод, ки дар оянда соҳибкори калон гардид ва ӯро «падари саноат»-и Амрико номиданд.

Соҳаи саноати сабук ба ғайр аз соҳаи бофандагӣ боз соҳаҳои хӯрокворӣ, пойафзолдӯзӣ, дӯзандагӣ ва чармгариро фаро гирифт.

Дигар равияи муҳими табаддулоти саноатӣ дар ИМА – инкишофи нақлиёт буд. Дар рафти табаддулоти саноатӣ дар ИМА вусъати роҳҳои оҳан ниҳоят муҳим буд, ки ҳудуди беканорро ба ҳам мепайваст. Дар зарфи бист сол (1830-1850) масофаи шабакаи роҳи оҳан 300 маротиба афзуд. Ҳукумат барои сохтмони роҳи оҳан кӯмак мерасонид.

Дар миёнаи асри XIX дар ИМА заводҳои бузурги металлургӣ вуҷуд доштанд, ки ин аз ба охир расидани табаддулоти саноатӣ, яъне тавассути мошин истеҳсол намудани мошин гувоҳӣ медод.

Тараққиёти капитализм дар ИМА рушди пуравҷи тиҷорати бурунмарзии Амрикоро ба миён овард. Ҳаҷми содирот дар ним аср 3,7 баробар, воридот 4 баробар афзуд. Содирот дар соли 1802 36 миллион доллар, дар соли 1850 135 миллион долларро ташкил медод. Воридот аз 41 миллион доллари соли 1781 дар соли 1850 ба 164 миллион доллар расид.

***Ҷанги гражданӣ ва оқибатҳои он.*** Ба инкишофи босуръати хоҷагидорӣ нигоҳ накарда, дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ИМА як қатор зиддиятҳо ба вуҷуд омада буданд. Ба тарафи Ғарб васеъ шудани заминҳои ИМА баҳсу мунозираҳои зиёдеро оид ба тарзҳои истифода аз замин – фермерӣ ва ё фермерии плантаторӣ ё озод ба миён меовард. Диққати тарафҳои муқобилро на

ҳуқуқҳои инсон, озодии шаҳрвандон, балки мустаҳкам намудани мавқеи ашрофони ҷанубӣ аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ ва ё капиталистони шимолӣ ба худ ҷалб мекард. Ин зиддияту муқобилиятҳо дар натиҷа ба ҷанги гражданин солҳои 1861-1865 оварда расониданд, ки дар он бо мушкилоти зиёде Шимол ғалаба кард. Барои маблағгузорӣ ба амалиёти ҷангӣ ҳукумати Шимол бори нахуст пул – долларро ба муомилот баровард. Дар Ҷануб ҳам пулҳои қоғазӣ бароварда шуданд, вале то мағлубшавӣ онҳо ба тезӣ беқурб мешуданд, чунки онҳо ба мисли доллар асоси тиллоӣ надоштанд. Ин нахустин ҳодисаи гиперинфлятсия (аз меъёр зиёд беқурб шудани пул)-ро ба миён овард.

Соли 1862 президент А. Линколн санади Гомстед-актро имзо кард. Тибқи он ҳар як шаҳрванди ИМА ҳуқуқ дошт ба 10 доллар пораи заминеро (то 65 гектар) бихарад. Баъд аз панҷ сол ин пораи замин мулки хусусии соҳибаш мегардид. Зиёда аз миллион нафар шаҳрванд дар бист соли амалидошти ин қонун соҳиби замин шуданд.

Ҷанги гражданӣ ҳокимияти сиёсиро ба дасти буржуазияи саноатии Шимол дод ва ин ҳукумат ба таҷдиди сиёсиву иқтисодии Ҷануб сар кард.

Дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодие, ки ҷанги ҳамватанӣ пеш оварда буд, дар солҳои минбаъдаи асри XIX рушди нави иқтисодиёти Амрикоро ба вуҷуд овард. Суръате, ки бо он хоҷагиии Амрико дар солҳои 60-уми асри XIX пеш мерафт, суръати баланди дар таърихи капитализм мислаш диданашудае буд. Дар зарфи солҳои 1860-1870 истихроҷи ангишт 5 карат, гудозиши чӯян-3 маротиба, дарозии шабакаи роҳи оҳан 6 бор зиёд шуд. Корхонаҳои нави саноатӣ бунёд гардида буданд, ки дар заминаи навтарин комёбиҳои техника муҷаҳҳаз мешуданд.

Дар миёнаи асри XIX дар Пенсилвания, андаке баъдтар дар дигар иёлотҳо конҳои нафт кашф карда шуданд. Саноати истихроҷу коркарди нафт ба вуҷуд омад, ки ба зудӣ яке соҳаҳои пешбари иқтисодиёти ИМА

гардид. Дар заминаи усули ихтироъгардидаи вулканизатсияи каучук саноати резин ба роҳи инкишоф даромад.

***Вазъияти иқтисодиву-иҷтимоии ИМА дар аввали асри XX.*** Дар ибтидои асри XX ин кишвар аз рӯи гудозиши чӯян, ба даст овардани нафт ва ангишт, истеҳсоли дастгоҳу таҷҳизот мавқеи пешсафро дар ҷаҳон ишғол кард. Шароити мусоиди табиӣ, ҷойгиршавии қуллаи ҷуғрофӣ, мавҷуд будани боигариҳои табиӣ, ҷоришавии муҳоҷирон, вуҷуд надоштани монеаҳои анъанавии табақавӣ рушди босуръати соҳаҳои пешбарандаи хоҷагиро, ки ширкатҳои бузурги автомобилсозӣ («Форд», «Крайслер», «Ҷенерал моторс»), авиатсионӣ («Боинг»), электротехникӣ («Ҷенерал Электрик»), кимиёвӣ («Дюпон») ҳукмронӣ мекарданд муайян намуданд. Сармояи бонкҳои амрикоӣ, ки фаъолона ба бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ ворид мешуданд, бо суръати баланд афзоиш меёфтанд. Хоҷагиҳои фермерӣ, ки бо навтарин агротехника муҷҷаҳазонида шуда буданд, муттасил бозорҳоро бо маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хом таъмин менамуданд.

Вале аз рӯи сатҳи таъсири сиёсӣ ва ҳарбӣ ба рафти ҳодисаҳои аҳамияти ҷаҳонидошта ИМА ҳоло қобилияти рақобат намудан бо мамлакатҳои аврупоӣ надошт ва барои ҳамин аз мудохила ба корҳои онҳо худдорӣ мекард.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1. Аз ҷониби аврупоиҳо мустамлика карда шудани Амрикои Шимолиро шарҳ диҳед...**

**2. Дар кадом сол давлати ИМА ташкил ёфт?**

А) 1789;

Б) 1776;

В) 1862;

Г) 1775.

**3. Ҷанги истиқлолиятхоҳӣ чӣ гуна хусусиятҳо дошт?**

А) феодалӣ, мустамликавӣ;

Б) зиддифеодалӣ, зиддимустамликавӣ.

**4. Нахустин мошинҳо дар Амрико пайдо шудаанд дар:**

А) даҳсолаи охири асри X1X;

Б) миёнаи асри XVIII;

В) даҳсолаи охири асри XVIII;

Г) аввали асри XIX.

**6. Ҷанги ҳамватанӣ кадом солҳоро дар ИМА дар бар гирифтааст?**

А) 1775-1789;

Б) 1861-1865;

В) 1862-1863;

Г) 1871-1875.

**7. Ҷанги гражданӣ ва оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии он дар ИМА-ро шарҳ диҳед...**

**8. Дар остонаи соли 1870 саноати Амрико аз рӯи маҳсулоти тавлидшавандааш баромад ба ҷои:**

А) якум;

Б) дуввум;

В) сеюм;

Г) чорум.

## 2.7. ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИИ ЯПОНИЯ ДАР АСРИ XIX

Дар асри XVIII Япония ҳанӯз пурра кишвари феодалию аграрӣ буд. Аҳолии Японияро асосан деҳқонон (80%) ва самурайҳо (ҳарбиён) ташкил медоданд. Баъдан тоҷирон ва ҳунармандҳо пайдо шуданд. Дастгоҳи ҳарбӣ ва давлатӣ, инчунин ашрофиён аз синфи ҳукмрони самурайҳо ташаккул ёфта буд.

Дар миёнаи асри XVIII муносибатҳои молию пулӣ авҷ гирифтанд, ки ба ҳаёти ҳам шаҳр ва ҳам деҳот, ба хоҷагиҳои феодалӣ ва деҳқонӣ ворид мешуд. Нақши иқтисодии шаҳрвандон баланд мешуд.

Бо мурури инкишофи муносибатҳои молию пулӣ аз тарафи феодалон ва судхӯрони шаҳр истисмор гардидани деҳқонон торафт пурзӯртар мешуд, вазъи ҳунармандони

хурд бадтар мегардид. Таърихи давраи тогукавӣ бисёр шӯришҳои деҳқононро медонад, ки ба муқобили зулми самурайҳо равона гардида буданд. Дар ин давра дар мамлакат заминаҳои асосии инкишофи тарзи капиталистии истеҳсолот мавҷуд буданд. Бӯҳрони иқтисодию сиёсии Япония, дар асари сар даровардани сармояи хориҷӣ ба мамлакат ва маҷбуран ба доираи бозори ҷаҳонӣ кашида шудани он як дараҷа тақвият ёфт.

Дар тӯли бештар аз ду аср ба Япония муяссар гардида буд, ки барои олами беруна дарҳои худро баста дорад. Кӯшишҳои баъзе мамолики капиталистӣ – Англия, Франсия, ИМА, дар бобати «кушодани дар»-и Япония барои олами беруна ба мақсади ба фурӯш расондани молҳои худашон, муддати зиёде бенатиҷа монд.

Дар моҳи марти соли 1854 зери фишори флоти ИМА нахустин қарордоди нобаробар ба имзо расид. Тибқи ин қарордод Япония маҷбур буд барои тиҷорати ИМА бандарҳои худро кушояд. Дере нагузашта ҳамин гуна қарордодҳо аз ҷониби Япония бо Англия, Франсия, Россия, Голландия ва дигар мамлакатҳои капиталистӣ ба имзо расонида шуданд.

Ин қарордодҳои нобаробар барои хоҷагии Япония оқибатҳои ниҳоят номусоид доштанд. Боҷҳои паст ба маснуоти воридотӣ ба сероб шудани бозори Япония аз молҳои арзони хориҷӣ оварда расонд. Ин ба саноати Япония зарбаи сангин расонд, аҳволи ҳунармандону деҳқононро бад кард.

Пас аз инқилоби Мейдзи (1868-1869) дар Япония як қатор дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ ба амал омаданд, ки ин ба дигаргуниҳои куллии хоҷагии Япония оварда расонид. Ҳукумати Мейдзи як қатор табаддулоти муҳим гузаронд, ки барои ба давлати капиталистӣ зуд табдил ёфтани Япония мусоидат кард.

Дар муддати хеле кӯтоҳ Япония табаддулоти саноатӣ ба амал овард. Ҳукумати Япония соҳибкорони хусусиро дастгирӣ намуда, ба онҳо қарзҳои дарозмуддат дода, аз супоридани андоз озод мекард.

Дар ташаккули саноати фабрикӣ бевосита иштирок кардани давлат дар Япония махсусияти фарққунандаи табаддулоти саноатӣ гардида буд. Саноати вазнин бо суръати баланд рушд мекард, агарчи дар истеҳсолоти саноатии мамлакат ҳануз солҳои зиёд саноати сабук бартарӣ дошт.

Аҳди табаддулоти саноатӣ дар Япония як дараҷа бо давраи гузариш ба капитализми монополистӣ рост омад. Ҳануз дар марҳилаи ибтидоии инкишофи капитализм дар ин ҷо як силсила монополияҳо пайдо шуда буданд. Дар соли 1880 иттиҳодияи монополӣ доир ба истеҳсол ва фурӯши коғаз бунёд гардида буд, дар соли 1882 ширкати бофандагии Осак таъсис ёфт, дар соли 1885 иттиҳодияи калони киштисозию нақлиётӣ, ки ба он Митсубиши роҳбарӣ мекард ташкил ёфт. Дар ҳаёти иқтисодии Япония алакай дар ҳамон давра чор ширкати калонтарини тиҷоратию саноатии монополистӣ нақши ҳалкунандаро ба ҷо меоварданд: Митсуи, Сумитомо, Митсубиши, Ясуда аз пуштибонии махсуси ҳукумати Япония бархурдор буданд.

Дар оғози асри XX таҷаммӯъи истеҳсолот, хусусан дар саноати вазнин авҷ гирифт. Дар саноати истеҳсоли семент, нафт ва ангишт монополияҳо ба миён омаданд. Суръати инкишофи саноат баъди ҷанги русу япон зуд баланд рафт, сармоягузорӣ дар саноат афзуд, дар саноат таъминоти энергетикӣ рушд кард. Истисмори синфи коргар бераҳмона буд.

Дар оғози ҷанги якуми ҷаҳон Япония дар қатори мамлакатҳои ҷавони фавқулъода зуд пешрафтаи капиталистӣ буд. Бо вуҷуди ҳамин капитализми монополистии Япония барои мустақилона ба амал баровардани мақсадҳои истилогаронааш ҳоло заиф буд.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1. Кишварҳои капиталистӣ бо кадом роҳ «дарҳои баста»-и Японияро боз намуданд?**

**2. Табаддулоти саноатӣ дар Япония чӣ гуна амалӣ мегардид?**

**3. Табаддулоти саноатӣ дар Япония ба кадом давра рост омада буд?**

А) давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ;

Б) давраи ҷанги русу япон;

В) давраи ташаккули монополизми капиталистӣ;

Г) давраи ислоҳот.

## 2.8. ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ РОССИЯ ДАР АСРИ XIX

Масоҳати Россия дар асри **XIX** ба тариқи назаррас васеъ гардида, аҳолии он афзоиш ёфт. Аксарияти русҳо дар деҳот умр ба сар бурда, асосан дар соҳаи хоҷагии қишлоқ машғул буданд. Вале шаҳрҳо ҳам кам набуданд ва шумораи онҳо босуръат афзоиш меёфт.

Илм ва техника дар Россия аз давраҳои пеш инкишоф меёфт. Ба инкишофи илм ва техника саҳми бузург гузоштааст олими рус М.В. Ломоносов, ки дар соҳаҳои физика, химия, металлургия, геология, кӯҳкорӣ ва дигар илмҳо ихтироотҳои калон намудааст. Дар соли 1763 дар Россия нахустин асосҳои техникаи ҳароратӣ аз ҷониби И.И. Ползунов гузошта шуда буд.

Дастовардҳои илмӣ-техникӣ оҳиста-оҳиста ба ҳаёти Россия ворид мешуданд, ки ин аз паст будани сатҳи соҳаи маориф гувоҳӣ медод. Баъди гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф каму беш пешравӣ ба назар мерасид.

Хоҷагии қишлоқ чун соҳаи асосии хоҷагидории Россия давоми асри **XIX** боқӣ монда буд: дар аввали аср 94% аҳолӣ дар ин соҳа машғул буданд, ва дар охири аср бошад ин рақам 87%-ро ташкил дода буд.

Низоми крепостноӣ сари роҳи пешравии сектори аграриро мегирифт. Оқибат дар соли 1861 ислоҳоти

аграрӣ гузаронида шуд, дар натиҷаи он ҳуқуқи крепостной (беҳуқуқии деҳқонон) барҳам хӯрд. Собиқ деҳқонони крепостной ба шахсони озоди деҳот дохил гардида, метавонистанд озодона дар хоҷагии худ фаъолият кунанд.

Дар чоряки аввали асри XIX суръати инкишофи саноат хело суст ба назар мерасид ва ҳукумати Россия нисбат ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намекард.

Дар бештари бахшҳои иқтисодиёти Россия, масалан дар соҳаҳои косибӣ, ҳунармандӣ, ки якҷоя бо фабрикаҳову заводҳо вуҷуд доштанд, навсозиҳо ҷорӣ нагардида буд. Гарчанде корхонаҳои бузурги саноатӣ дар иқтисодиёти Россия дар мавқеи аввал қарор доштанд, саноати хурд низ дар баробари ин мавқеи назаррасеро соҳиб буд. Дар соҳаҳои нонпазӣ, пойафзолдӯзӣ, сохтмон, дӯзандагӣ, коркарди чарм маҳсулоти корхонаҳои хурд имтиёзи калон дошт. Бартарияти шаклҳои токапиталистии истеҳсолот ба хусусиятҳои хоси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, ба шароити табиӣ ва боду ҳавои кишвар вобаста буд.

*Афзоиши буржазияи саноатӣ ва коргарон*

Дар Россия, чун дигар кишварҳое, ки ба роҳи индустриякунонии корхонаҳо ворид гардида буданд, синфи аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбатан пурзӯр буржуазия ба шумор мерафт. Буржуазияи рус аз гурӯҳҳои ба ҳамдигар нобаробар ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ фарққунанда таркиб ёфта буд, ки байни ҳамдигар бо мушкилоти зиёде созиш мекарданд.

Шикасти комили буржуазияи пешина аз тоҷирон оғоз ёфт. Аксар ширкатҳои савдо бо истеҳсолоти саноатӣ машғул шуда, дар аввал ба корхонаҳои тиҷоратӣ-саноатӣ, баъдан пурра ба корхонаҳои истеҳсоли молҳои саноатӣ табдил ёфтанд ва ба савдои молҳои истеҳсолнамудаи худ машғул мешуданд.

Ба сафи буржуазия намояндагони ашрофия собиқ феодалҳо, хизматчиёни калони давлатӣ, равшанфикрони олимақом дохил гардиданд. Ба вуҷуди ин, аз ҷиҳати

миқдор буржуазияи калон ва миёна камшумор буданд. Буржуазияи олимақом (элита) такягоҳи мустаҳками иҷтимоӣ надошт, чунки дар Россия воқеан буржуазияи хурди дорои мулки хусусӣ мавҷуд набуд.

Давлат роҳи индустриализатсияро пеш гирифта буд ва ба ҳамин сабаб шумораи коргарони муздур афзуд. Коргарон – пролетариати Россия аз ҳисоби аҳолии деҳот, табақаҳои камбизоат зиёд мегардиданд. Онҳо аз деҳа, урфу одат ва рӯҳияи деҳотӣ ҷудо нагардида буданд. Дар байни онҳо камсаводон ва ҳатто бесаводон бисёр вуҷуд доштанд.

Ҳарчанде табаддулоти саноатӣ дар Россия аз Англия дида дертар ба амал омада бошад, Россия дар асри XVIII аз рӯи миқдори истеҳсолоти оҳан, дар ҷаҳон ҷои якумро ишғол мекард

Табаддулоти саноатӣ дар Россия дар солҳои 30-40-уми асри **XIX дар** асоси мошинҳои англисӣ оғоз ёфта буд. Дар миёнаи асри **XIX саноати** сабук бештар инкишоф меёфт. Сохтмони роҳи оҳан омили асосии рушди тамоми соҳаҳои калон, аз он ҷумла металлургияи сиёҳ ва мошинсозӣ гардид. Соҳаҳои саноат аз хориҷа фаъолона сармоягузорӣ мешуданд. Сармоягузории хориҷӣ дар бисёр маврид инкишофи соҳаҳои мошинсозӣ, металлургӣ ва техникиро муайян мекард. Дар Россия минтақаҳои пешрафтаи саноатӣ Санкт-Петербург (маркази мошинсозӣ) ва Москва (маркази текстил) ба ҳисоб мерафтанд. Дигар минтақаҳои рушднаёфта нақши таъминкунандаи моли хомро ба ҷо меоварданд.

Россия асосан бо Англия, Германия, Франсия ва Хитой муносибатҳои тиҷоратӣ дошт. Россия аз кишварҳои Шарқӣ асосан ашёи хом ва аз кишварҳои Ғарбӣ бошад мошину таҷҳизот ворид мекард. Россия ба кишварҳои Ғарбӣ чарм, нон, зағир, бодбон, чӯбу тахта содир мекард. Ҳар даҳсола содироти нони Россия зиёд мешуд ва рақибонаш аз бозори ҷаҳонии нон ИМА, Австралия ва Канада ӯро танг карда бароварда натавонистанд.

Дар солҳои 30-юм сохтмони роҳи оҳан дар Россия оғоз ёфт. Соли 1838 нахустин роҳи оҳан сохта шуд, ки аҳамияти калони иқтисодӣ надошт. Ба сохтмони пуравҷи роҳҳои оҳан Давлати Россия дар солҳои ислоҳот диққати ҷиддӣ дод. Роҳҳо аз маблағҳои хазинаи давлат сохта мешуданд. Дар 40 соли ислоҳот дарозии роҳҳои оҳан 40 маротиба зиёд шуд ва ба 100 ҳазор километр расид.

*Ислоҳоти молиявии С.Витте.*

Давлати Россия ӯҳдадории ба помешикҳо (феодалхо) додани маблағҳоро барои заминҳо бар дӯш дошт; саноат ва сохтмон аз хазина маблағгузорӣ мегардид, инчунин давлат барои нигоҳдории артиши бузург ва флот маблағи зиҳд харҷ менамуд. Ҳамаи ин боиси дар Россия сар задани бӯҳрони ҷиддии молиявӣ гардид. Камомади (дефитсити) буҷет афзуд, қурби пулҳои қоғазӣ паст рафт, пулҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ аз гардиш монданд. Бӯҳрони молиявӣ пеши роҳи рушди шадиди саноати кишварро гирифта метавонист.

Дар ҳамин шароит соли 1892 С.Ю.Витте (1849-1915) ба сарварии Вазорати молияи таъин гардид. Ҳукумат ба ӯ салоҳияти зиҳде дода буд. Ӯ маблағи ниҳоии боҷу хироҷи молҳои хориҷии воридшавандаро дар ҳаҷми 33 % аз арзишашон (нархашон), ба баъзе молҳое, ки ба истеҳсолкунандагони ватанӣ зараровар буданд, то 100-200% тасдиқ намуд.

Соли 1894 ба молҳои мавриди ниёзи мардум (шакар, тамоку, гӯгирд) андози изофии (аксизи) баланде ҷорӣ карда шуд. Дороии боқимондаи (салдои) савдои хориҷӣ имконият дод, ки ба маблағи 3 миллиард пули тиллоӣ ба қарзи хориҷӣ масраф шавад. Соли 1895 инҳисори (монополияи) шароб ҷорӣ карда шуд; даромади он ба хазинаи давлат 20-25% даромади софи онро ташкил медод. Ба Витте муяссар гардид, ки захираи тиллоро ба 2 миллиард расонад; ин маблағ тақрибан ба пули дар гардиш буда мувофиқат мекард.

Ҳамин тариқ, дар охири асри **XIX саноати** Россия бо суръати баланд рушд меёфт, вале аз рӯи сатҳи

инкишофаш аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки аз рӯи маҳсулоти истеҳсолӣ ба сари як одам даҳ маротиба зиёд буд, ақиб мемонд.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1. Сабабҳои ақибмонии Россия аз мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон дар асри XIX-ро шарҳ диҳед...**

**2. Пас аз гузаронидани ислоҳоти замин дар Россия чи гуна тағйиротҳо ба зуҳур омаданд?**

**3.Ислоҳоти аграрӣ дар Россия кадом солҳоро дар бар гирифта буд?**

А) 1861-1865;
Б) 1893- 1895;
В) 1850-1855;
Г) 1800-1830.

**4. Табаддулоти саноатӣ дар Россия кадом солҳоро дар бар гирифта буд?**

А) 1840-1850;
Б) 1800-1825;
В) 1830-1840;
Г) 1861-1865.

**5.Сабабҳои сар задани бӯҳрони ҷиддии молиявӣ дар Россия:**

А) гузаронидани ислоҳоти замин (земство);
Б) таъсири ҷанги ҷаҳонӣ;
В) қарзи хориҷӣ;
Г)маблағгузории давлат барои артиш, флот, саноату сохтмон.

# БОБИ III. РУШДИ ЧАРАЁНҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ ҶАҲОН

## 3.1. ИНҚИЛОБИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ ВА ИНКИШОФИ ҶАҲОНИИИ ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX

Инкишофи ҷаҳонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар охири асри XIX ва аввали асри XX бо суръати баланд амалӣ мегашт, ки дар натиҷа ҳаҷми истеҳсолоти саноатии ҷаҳонӣ афзоиш ёфт.

Дар зарфи асрҳои XIX – XX асосҳои афкори илмӣ ба таври куллӣ дигаргун шуданд; илми табиатшиносӣ давраи гул-гул шукуфоиро аз сар мегузаронд, ташаккули системаи ягонаи илм ба вуҷуд меомад. Ба ин кашфи электрон ва радиоактивият (таҷзияи табиӣ ё сунъии ядрои атомҳои элементҳои химиявӣ, ки дар натиҷа онҳо дигар зарраҳои элементарӣ хориҷ мекунанд) мусоидат намуданд. Инқилоби илмӣ-техникӣ дар физика ба амал омад ва дигар соҳаҳои илмҳои асосиро фаро гирифт.

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX алоқа байни илм ва истеҳсолот боз ҳам мустаҳкам гардида, хусусияти мунтазамро гирифт. Агар то охири асри XIX илм «хурд» боқӣ мемонд (дар ин соҳа миқдори начандон зиёди одамон машғул буданд), пас дар аввали асри XX тарзи ташкилнамоии илм дигар шуд, аз ҷумла созмонҳои бузурги илмӣ, лабораторияҳо, ки дар заминаи пурқуввати техникӣ муҷаҳҳаз шуда буданд, ба вуҷуд омад. Илми «хурд» ба илми «калон» мубаддал гардид-шумораи машғулбудагон дар ин кор афзуда, звеноҳои махсуси фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ пайдо шуданд. Мақсади асосии онҳо аз амалӣ гардонидани назария то ба татбиқи техникӣ иборат буд.

Дар асоси қувваи барқ нерӯи асосии саноату нақлиёт ташаккул ёфт, яъне проблемаи калони техникӣ ҳал гардид. Дар соли 1867 дар Германия В. Сименс генератори электромагнитиро ихтироъ кард. Дар солҳои

70-ум динамо-машина ихтироъ гардид, ки он на танҳо ҳамчун генератори неруи барқ, балки ҳамчун муҳаррике, ки неруи барқро ба механикӣ мубаддал мегардонд истифода бурда мешуд. Соли 1883 Т. Эдисон (ИМА) нахустин генератори муосир ва соли 1891 трансформаторро ихтироъ намуд.

Муҳаррикҳои дарунсӯз аҳамияти махсусро ба даст оварда буданд. Инжинерҳои немис Г. Даймлер ва К. Бенс дар миёнаи солҳои 80-ум модели муҳаррикҳоеро, ки бо бензин кор мекарданд, ихтироъ карданд.

Солҳои 1896-1897 инжинери немис Р. Дизел муҳаррики дарунсӯзи дорои коэффитсиенти калони таъсирнокии фоиданокро ихтироъ кард. Баъдан ин ихтироот дар соҳаи нақлиёт ва саноат васеъ истифода бурда шуд. Дар соли 1906 дар ИМА тракторҳо бо муҳаррикҳои дарунсӯз пайдо шуданд.

Электротехника яке аз соҳаҳои пешбар гардида, зерсоҳаҳои вай рӯ ба тараққӣ мениҳанд. Ихтирои лампаҳои тафсон ба олимони рус А.Н. Лодигин ва П.Н. Яблочков (солҳои 1873-1875) тааллуқ дорад.

Инқилоби илмӣ-техникӣ ин давраи рушду нумӯи ҳам электротехника ва ҳам техникаи воситаҳои алоқа ба ҳисоб меравад. Ихтироъкунандаи телефон А.Г. Белл соли 1786 (ИМА) нахустин патентро мегирад. Алоқаи телефонӣ дар тамоми ҷаҳон зуд паҳн гардид. Нахустин стансияи телефонӣ дар соли 1877 дар ИМА сохта шуд. Яке аз дастовардҳои муҳими ИИТ ихтирои радио ба ҳисоб меравад, ки ин ихтироот ба олими рус А.С. Попов (1885) тааллуқ дорад.

Равияи муҳими ИИТ нақлиёт гардид, аз ҷумла шакли нави нақлиёт пайдо шуда, воситаҳои нақлиётии пештара мукаммал мегардиданд. Нахустин шабакаи электрикии трамваи шаҳрӣ дар соли 1881 дар Германия кушода шуд. Дар Россия сохтмони трамвай дар соли 1892 оғоз ёфта буд. Дар соли 1903 аз тарафи конструкторҳои рус нахустин теплоход – киштии бо муҳаррики дарунсӯз

сохта шуд. Дар Аврупои Ғарбӣ соли 1912 сохтмони теплоход оғоз ёфт.

Дар давраи дуввум ИИТ нақлиёти нав-автомобил тавлид ёфт. Нахустин автомобил аз тарафи инженерҳои немис К.Бенс ва Г. Даймлер дар соли 1890 сохта шуд. Истеҳсолоти саноатии автомобилҳо дар солҳои 90-ум сар шуд.

Аз рӯи хусусияти худ ИИТ-и давраи дуввум аз табаддулоти саноатии асрҳои XVIII-XIX фарқ дошт. Агар табаддулоти саноатӣ ба барқароршавии саноати мошинӣ ва дигаргунии сохтори ҷомеа (шаклгирифтани ду синф-буржуазия ва синфи коргар) ва мустаҳкамшавии ҳукмронии буржуазия оварда расонда бошад, пас ИИТ-и давраи дуввум ба шакли истеҳсолот ва сохтори ҷамъият ва хусусияти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсир нарасонд. Натиҷаҳои вай иборат буд аз дигаргунӣ дар техника ва технологияи истеҳсолот, реконструксияи саноати мошинӣ, ивазшавии илми хурд ба илми калон.

ИИТ ба пайдошавии бисёр соҳаҳои нав дар истеҳсолоти саноатӣ, ки дар таърих маълум набуд, боис гардид. Ба ин дохил мешаванд соҳаҳои электротехника, кимиё, истироҷи нафт, коркарди нафт ва нефтукимиё, автомобилсозӣ, ҳавопаймосозӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи дигаргуниҳо дар техника ва технологияи истеҳсолот ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, барои ба вуҷуд омадани монополияҳо ва гузариши марҳилаи капитализм аз марҳилаи саноатӣ ва рақобати озод ба марҳилаи монополӣ шароитҳои моддӣ ба амал омад.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1.Инқилоби илмӣ-техникӣ ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда бо суръати баланд амалӣ мегаштанд дар натиҷаи:**

А) рушди соҳаи маориф;

Б) ислоҳот дар соҳаҳои хоҷагии халқ;

В) афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатии ҷаҳонӣ;

Г) афзоиши сармояи молиявӣ.

**2. Хусусиятҳои фарққунандаи инқилоби илмии давраи дуввум аз табаддулоти саноатии асрҳои XVIII-XIX-ро шарҳ диҳед...**

**3. ИИТ ба минбаъда рушду пешрафти иқтисодиёт, истеҳсолот, техника ва технологияи ҷаҳон чӣ гуна таъсир расонд?**

## 3.2. ҶАРАЁНИ ҲАМГИРОӢ (ИНТЕГРАТСИЯ) ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН ДАР АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

Яке аз самтҳои асосии дар миқёси байналмилалӣ густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ ҳаракати сармоя (капитал) аз як кишвар ба кишвари дигар мебошад. Сармоя бо он мақсад дар кишвари хориҷӣ ҷой дода мешавад, ки меъёри фоидаи меовардааш дар он ҷо нисбат ба кишвари худӣ бештар аст.

Интиқоли сармоя (капитал) бо сабабҳои зерин сурат мегирад,

1) аз ҳад зиёд шудани сармоя (капитал) дар кишвари воридкунанда;

2) мувофиқат накардани талабот ва арзаи сармоя (капитал) дар зинаҳои гуногуни хоҷагидории ҷаҳонӣ;

3) мавҷудияти маводи хоми нисбатан арзон ва неруи корӣ дар кишварҳое, ки сармоя (капитал) ба он ҷо ворид (экспорт) карда мешавад;

4) байналмилалӣ шудани истеҳсолот.

Сармояро (капиталро) аксаран баъзе дорандагони мулки хусусӣ ва давлатҳо ворид мекунанд; онҳо дар

қатори ҳадафҳои иқтисодӣ инчунин ҳадафҳои сиёсӣ ва баъзан ҳарбӣ-стратегиро пеш мегузоранд. Аз ду шакли асосии воридот (экспорт) соҳибкорӣ ва қарзи пул истифода мешавад.

Дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ муҳоҷирати меҳнатӣ (аз як кишвар ба кишвари дигар ба ҷустуҷӯи кор рафтани меҳнаткашон) нақши муҳим дорад.

***Татбиқи низоми бонкии Англия дар иқтисодиёти кишварҳои мустамлика ва ниммустамлика.***

Дар ибтидои асри XX сармояи (капитали) асосии Англия дар 6 бонки калон, ки садҳо миллион фунт стерлингро дар ихтиёр доштанд, ҷамъ омада буданд. Онҳо дар мустамликаҳо корхонаҳои гуногунро маблағ - гузорӣ мекарданд; шӯъбаҳои бонкҳо дар кишварҳои зиёде амал менамуданд. Ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ шабакаеро ташкил медоданд, ки он аз ҷониби Бонки Англия идора карда мешуд. Гарчанде Англия ҳамчун кишвари саноатӣ дар ҷойи аввал қарор надошт, вале чун маркази молиявии ҷаҳон мавқеи пешқадамиро нигоҳ медошт.

Бонкҳо барои бунёди инҳисорот (монополияҳо) дар киштисозӣ, саноати химия, пӯлодрезӣ, инчунин баъзе соҳаҳои саноати сабук шароити мусоид фароҳам меоваранд. Ҳамаи роҳҳои оҳан дар ибтидои асри XX ба 12 ширкати калон тааллуқ доштанд. Истеҳсоли яроқу аслиҳа ба пуррагӣ дар ихтиёри Виккер ва Армстронг қарор дошт.

Бонкдорон саҳмияҳои ширкатҳои бузургро дар ихтиёр доштанд; дар айни замон соҳибони корхонаҳо дар амалиёти бонкҳо иштирок мекарданд. Мисли кишварҳои дигар дар Англия сармояи пулӣ фароҳам омад, дар натиҷа инҳисори чандгонаи молиявӣ (олигархия) ба миён омад. Дар Англия зуҳуроти ин падида хусусиятҳои фарқкунанда дошт, аввалан, суръати он хеле паст буд, сониян дар он сармояи бонкӣ мақоми аввалиндараҷа дошт. Олигархияи молиявӣ саъю кӯшиш менамуд, ки империяи Британия мустамликаҳои зиёдтаре дошта бошад; роҳи рақибон ба мустамликаҳо баста буд ва

бонкдорон даромади (фоидаи) зиёд гирифта метавонистанд (Масоҳати мустамликаҳо аз масоҳати замини Британия 109 баробар, шумораи аҳолӣ қариб 10 баробар зиёд буд). Қисме аз даромад барои фурӯ нишонидани зиддиятҳои дар ҷомеа ба миён меомадагӣ харҷ мешуд.

**ТЕСТ**

**1. Сармоя ба кадом мақсад дар кишвари хориҷӣ ҷой дода мешавад?**

А) барои он, ки дар кишвари худӣ ба сармоягузорӣ иҷозат намедиҳанд;

Б) барои он, ки меъёри фоидаи меовардааш дар он ҷо нисбат ба кишвари худӣ бештар аст;

В) барои он, ки дар оянда дар ин кишварҳо бонкҳо таъсис дода шаванд.

**2. Дар ибтидои асри XX сармояи (капитали) асосии Англия дар 6 бонки калон, ҷамъ омада буданд ва ин бонкҳо чи қадар маблағро дар ихтиҳр доштанд.**

А) садҳо миллион фунт стерлингро;

Б) як миллион фунт стерлингро;

В) панҷ миллион фунт стерлингро;

Д) панҷоҳ миллион финт стерлингро.

**3. Кадом давлат дар охири асри XIX ва аввали асри XX ҳамчун маркази молиявии ҷаҳон мавқеи пешқадамиро нигоҳ медошт.**

А) Франсия;

Б) ИМА;

В) Россия;

Г) Англия.

## 3.3. ОЛИГАРГИЯИ МОЛИЯВӢ ПЕШБАРАНДАИ АНЪАНАҲОИ ДАВЛАТӢ-МОНОПОЛӢ

***Германия.*** Дар ибтидои асри XX монополияҳо ба нерӯи ҳукмрон дар иқтисодиёт табдил гардиданд. Истеҳсоли ангишту чӯянро 4 монополия, киштисозиро 2

монополия, саноати химияро 2 монополия, истеҳсоли нерӯи баркро 2 монополия дар ихтиёр доштанд.

Иқтидори бонкҳои маблағгузори саноат, махсусан, «Дисконгезелшафт» ва «Дойче банк», ки қисми зиёди дороии молиявии кишварро дар ихтиёр доштанд, афзуд. Соҳибони сармояи (капитали) саноатӣ ва бонкӣ ба дараҷаи олигархҳои молиявӣ расиданд.

***Фаронса.*** Дар охири асри XIX суръати афзоиши қувваҳои истеҳсолкунандаи Фаронса нисбати ИМА, Германия ва Англия дар иртибот бо баъзе сабабҳо дар зинаи пасттар қарор дошт. Иқтисоди мамлакат бар асари мағлубияти кишвар дар ҷанг ба таври ҷиддӣ осеб дид, Фаронса ба миқдори 5 миллиард франк товони ҷанг (контрибутсия) дод, инчунин Элзас ва Лотарингияи Шарқиро, ки макони маъдани оҳан, филизоти ранга ва ангишт буд аз даст дод.

Дар Фаронса кишоварзони камзамин, соҳибкорони хурд, аз ҷумла ҳунармандон (косибон), савдогарон хеле зиёд буданд ва ҳадди аксари аҳолиро ташкил медоданд. Ин қабил кишоварзон ва соҳибкорон ба туфайли заҳмати худ ва аҳли оилаашон, инчунин меҳнати муздуронаашон мавқеашонро устувор карда, хоҷагиашонро пеш мебурданд. Вале қобилияти харидории онҳо паст буда, барои аз ихтирооти техникӣ истифода намудан имкон надоштанд ва барои рушди истеҳсолоти муосир мусоидат карда наметавонистанд.

Дар ибтидои асри XX Фаронса аз ҷиҳати истеҳсоли автомобилҳо ва афзоиши авиатсия дар Европа ба ҷойи аввал баромад. Се монополияи бузурги бонкӣ – Муассисаи (контораи) миллии баҳисобгирӣ, Кредити Лион ва Ҷамъияти генералӣ, ки дар миёнаи асри XIX таъсис ёфта буданд, қисми зиёди саноати вазнин, коркарди маҳсулоти хоҷагии халқро дар ихтиёр доштанд. Нархи маҳсулотро савдогарони миёнарав муайян мекарданд.

Дар ин давра Бонки Фаронса ба такягоҳи асосии сармояи молиявӣ мубаддал гардид. Ба он бонкдорони

муқтадир ва сарварони он шомил буданд. Дар ибтидои асри XX сармояи молиявиро 200 оилаи бонкдорон дар ихтиёр доштанд ва дар ин соҳа онҳо олигарх, яъне ҳукмронони мутлақ маҳсуб мегардиданд.

Дар муддати 25 сол содироти (экспорти) сармояи (капитали) Фаронса се баробар афзуд ва аз ин ҷиҳат Фаронса дар ҷаҳон ҷойи дуввумро ишғол мекард. Сармояи франсавӣ дар хориҷа фоидаи зиёде меовард, чунки он бо фоизи баланд ба қарз дода мешуд.

***Таъсири кишварҳои пешрафта ба раванди ташаккули иқтисодиёти Япония***

Япония аз дастовардҳои кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА ба таври васеъ истифода мекард, аз ҷумла ташкили истеҳсолоти капиталистиро аз онҳо меомӯхт. Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX табаддулоти саноатӣ ба анҷом расид ва суръати истеҳсолоти саноатӣ нисбат ба кишварҳои Европаи Ғарбӣ бештар афзоиш ёфт. Бо вуҷуди ин ҳиссаи Япония дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ зиёд набуд.

«Митсубиши» ва якчанд ширкати дигар иттиҳодия – консерн бунёд карданд. Намояндагони ин консернҳо заминдорони калон, сарватмандон, генералҳо ва афсарҳо буданд. Давлатдорон, низомиёни олирутба – аз сарвазир то ба император бо монополистон робитаи зич доштанд. Аз ҳисоби соҳибони консернҳо олигархияи молиявӣ ташаккул ёфт, ки он ҷилави кишварро дар даст дошт.

***Империализм ва милитаризм***

Консентратсияи (тамаркузи) истеҳсолот ва капитал, тавъам (омехта) шудани онҳо, дур будани макони маводи хом ва бозори фурӯш аз марзу ҳудуди давлат, пешрафти бошиддати тиҷорати ҷаҳонӣ ва сохтмон барои ташаккули ширкатҳои молиявию саноатӣ роҳ кушоданд, вале барои фаъолияти нисбатан пурсамари онҳо марзу ҳудуди кишвар тангӣ мекард. Ин ширкатҳо дар тамоми ҷаҳон бо ҳамдигар мубориза мебурданд, мекӯшиданд ҷойи рақибони худро танг карда, мавқеи монополиро, махсусан дар соҳаи молиявӣ соҳиб шаванд.

Дар ин мубориза онҳо ба ҳукумат, неруҳои низомӣ, махсусан флот такя мекарданд. Онҳо моликияти худро бо моликияти давлатӣ тавъам мешумориданд. Масалан, ширкати «Юнайтед фрутс» Америкаи Марказиро барои худ минтақаи ҳаётан муҳим медонист.

Тақсими ҷаҳон ба марзу ҳудудҳои давлатӣ, ки дар оғози қарни XX анҷом ҳфт, бо тақсимоти иқтисодии он пурра гардид; агар дар баъзе ҳолатҳо ин тақсимот бо тақсимоти марзу ҳудудӣ мувофиқат намояд, дар мавридҳои дигар мувофиқат намекард. Ҳукуматҳои кишварҳои муқтадир бо роҳу воситаҳои дипломатӣ ва ё низомӣ барои густариш ва устувор гардидани монополияҳои худ дар марзу ҳудудҳои манфиатовар мусоидат менамуданд. Масалан, ИМА дар ин давра барои густариши манфиати монополияҳои худ зиёда аз сад маротиба ба корҳои дохилии кишварҳои нимкураи ғарбӣ дахолат намуд. Бо назардошти аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани монополияҳо метавон гуфт, ки «капитализми классикӣ» ба зинаи сифатан нав – *капитализми давлатӣ – монополӣ* қадам ниҳод.

***Милитаризм.*** Дар кишварҳои муқтадири ҷаҳон мубориза барои соҳиб шудан ба захираҳо ба мустаҳкам шудани мавқеи афсарон ва афзоиши саноати ҳарбӣ оварда расонид. Рушди саноати ҳарбӣ афзоиши хароҷоти захираҳо ва маблағҳоро аз буҷет тақозо мекард. Соҳаи мазкур дар Россия, Германия, Япония ба яке аз соҳаҳои мақбули фаъолияти ашрофони феодалии аз ҳуқуқи заминдорӣ маҳрумшуда мубаддал гардид. Азбаски низомиён қобилияти ба ягон касби дигар шуғл варзиданро надоштанд, ҳукумати кишварҳои худро маҷбур мекарданд, ки дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ аз неруҳои низомӣ истифода баранд. Ба назари онҳо ҷанг «кори хайре» буд, инчунин бад-ин васила обрӯи онҳо дар ҷомеа боло мерафт идеология низ барои рӯй овардан ба ҷанг мусоидат мекард, душман чун симои ба давлату миллат таҳдидкунанда тасвир мееёфт.

***Сабабҳои сар задани ҷанги якуми ҷаҳонӣ.*** Сабаби асосии сар задани ҷанг ба талоши монополияҳои кишварҳои гуногун, пеш аз ҳама Германия, барои тақсимоти иқтисодӣ ва марзии ҷаҳонӣ, густариши доираҳои нуфузи онҳо вобаста буд. Барои расидан ба ин мақсад, Германия сохтмони роҳи оҳани Берлин-Истамбул-Бағдодро оғоз намуд. Агар ин кор бомуваффақият ба анҷом мерасид, ӯ имкон меёфт ба минтақаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, яъне ба Халиҷи Форс роҳ ёбад ва аз он ҷо ба доираҳои нуфузи Британия дар Ҳиндустон ва Фаронса дар Африка таҳдид намояд.

Англияву Фаронса ба ҳам иттиҳод (коалитсия) карда мехостанд бо ҷанг пеши роҳи рушди иқтисодии Германияро боздоранд ва онро ба куллӣ аз мустам - ликаҳояш, захираҳои маводи хом, бозори фурӯш маҳрум сохта, худ ва мавқеи аввалиндараҷаро дар ҷаҳон соҳиб шаванд.

Сабаби дигар ба он вобаста буд, ки кишварҳои ҷангкунанда мехостанд бо ангехтани шӯълаи ҷанг ва баъдан аз ҳисоби тақсими ғаниматҳо халқи худро муттаҳид созанд, табақаҳои поёнии ҷамъиятро аз муборизаашон баҳри беҳбуди зиндагӣ боздоранд. Ин равия, махсусан, дар Япония ва Россия баръало ба назар мерасид.

**Конференсияи сулҳи Прага – Муоҳидаи Версал**

Баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914-1918) давлатҳои ғолиб ба тақсими ғаниматҳои бадастоварда шурӯъ намуданд. 18 январи соли 1919 дар Париж Конференсияи сулҳ баргузор гардид. Дар кори он намояндагони 32 давлат иштирок карданд. Россияи Шӯравӣ ба Конференсия даъват нашуд. Ҳайати давлатҳои мағлуб танҳо барои имзои муоҳидаи сулҳ даъват гардиданд.

Вазифаи асосии Конференсия мубориза ба муқобили инқилобҳо дар Россия ва Венгрия буд. Дар ин конференсия дар самти пурзӯр намудани интвенсияи ҳарбӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи артишҳои гвардияи сафед қарорҳо қабул карда шуданд. Масъалаи ба қисмҳои

алоҳида-Сибир, Украина, Қафқоз, Осиёи Миёна ҷудо намудани Давлати Шӯравӣ ва баъдан ба мустамликаҳо табдил додани онҳо мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар рафти Конференсияи сулҳ зиддиятҳо дар ақоиду назариёти давлатҳои дар гузашта иттифоқчӣ рӯи об омаданд. Миллиардерҳои америкой, ки дар замони ҷанг сармояи зиёде ҷамъ оварда буданд, мехостанд ҳукмронии ҷаҳонро ба даст бигиранд ва талаби риояи васеи принсипи «дарҳои кушод»-ро доштанд. Бо мақсади пеши роҳи Фаронса ва Британияи Кабирро гирифтан то ин, ки онҳо дар Аврупо пешсаф нашаванд, ҳайати ИМА ба тарафдории нигаҳдории Германия дар арсаи ҷаҳонӣ овоз доданд. ИМА мақсад доштанд мавқеи худро дар Аврупо нигаҳ доранд, муҳимтар аз он ИМА мехост, Германияи иртиҷоӣ барои ҷангидан бо Россияи Шӯравӣ боқӣ монад.

Дар Аврупо Фаронса бо мақсади соҳиби имтиёзоти бештаре гардидан Германияро сусту нотавон дидан мехост. Вай талаб дошт, ки ҳавзаи кони ангишти Саар ва дигар заминҳои Германия (соҳили чапи Рейн) ба Фаронса дода шаванд. Дипломатҳои Фаронса барои созмон додани блоки зидди Германия дар ҳайати Полша, Чехословакия, Руминия иқдом ниҳоданд.

Иқтидори низомӣ ва иқтисодии Германияро аз байн бурда (киштиҳои ҷангии Германияро нобуд карда), буржуазияи англис мақсад дошт ҳамаи собиқ мустамликаҳои Германияро соҳибӣ кунад. Сарвазири Англия Ллойд Ҷорҷ ба ҳар роҳе мекӯшид пеши роҳи аз ҳисоби Германия бой шудани Фаронсаро бигирад.

Билохира, бо баъзе гузаштҳои байниҳамдигарӣ роҳбарони давлатҳо мураттабсозии муоҳидаи сулҳро ба анҷом расониданд. Ин муоҳида 28 июни соли 1919 дар қасри Версал ба имзо расид, аз ин ҷост, ки он номи Муоҳидаи Версалро гирифтааст. Фаронса аз нав Элзас ва Лотарингияро соҳиб шуд; вилояти Саар ба муддати 15 сол ба Лигаи Миллатҳо дода шуд; конҳои ангишт дар ихтиёри Фаронса қарор доштанд. Германия истиқлолияти Полшаро пазируфт ва ба он минтақаҳои Познан, қисми Силезияи Боло, баъзе ноҳияҳои Пруссияи Шарқиро, ки замоне Пруссия забт карда буд, баргардонд. Полша ба

Поморйиси Шаркӣ соҳиб гашт ва роҳи баромадро ба баҳри Балтика дарёфт намуд.

Тибқи Муоҳида Германия мебоист товон (репартасия) бидиҳад. Дар Конференсия давлатҳои ғолиб оид ба миқдори маблағи товон ба ҳиссаи худ ба мувофиқа омада натавонистанд.

Дар муоҳидаи сулҳи Версал Оинномаи Лигаи Миллатҳо қабул карда шуд. Дар Оиннома ҳадафҳои Лигаи Миллатҳо – рушди ҳамкорӣ байни халқҳо, таъмини сулҳу амният таъин гардида буданд. Дар Оиннома аз истифодаи таҳримот (санксияҳо) ба муқобили давлати таҷовузкор (истилогар) сухан мерафт. Вале дар айни замон дар Оиннома мафҳуми таҷовузгар (истило) ва давлати таҷовуз (истилогар) арҷ наёфта буданд. Давлатҳои капиталистӣ аз ин Оиннома истифода намуда, зиддиятҳои байни давлатҳо бамиёномадаро ба манфиати худ арҷу тафсир менамуданд.

Аз Лигаи Миллатҳо Британияи Кабир ва Фаронса барои ҳифзи низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ истифода мекарданд. Солҳои 20 – ибтидои солҳои 30 фаъолияти Лигаи Миллатҳо нисбат ба нахустин давлати сотсиалистӣ душманона буд.

**Саволҳо**

**1.Вазифаҳое, ки дар Конференсияи сулҳи Версал гузошта шуда буданд ба минбаъда вазъияти сиҳсиву иқтисодии ҷаҳон чӣ гуна таъсир расонид?**

**2. ИМА ба кадом мақсад мехост Германияро истифода барад?**

3. **Сабабҳои асосии сар задани ҷанги якуми ҷаҳониро фаҳмонед…**

## 3.4. БӮҲРОНИ ҶАҲОНИИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОЛҲОИ 1929-1933

Соли 1929 бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ сар зад ва то соли 1933 давом дод. Бӯҳрон дар яке аз давлатҳои пешрави капиталистӣ – ИМА оғоз ёфт ва тадриҷан тамоми давлатҳои капиталистии ҷаҳонро фаро гирифт. Шикаст дар биржаи Нью-Йорк ба бесобиқа паст рафтани қурби умумии саҳмияҳо боис гардид. Маблағи талафот

зиёда аз 15 млрд. долл. ташкил дод. Сабаби дигари сар задани бӯҳрони иқтисодӣ афзоиши ҳаҷми бозори капиталистӣ буд, ки пас аз барқарорсозии хоҷагии аз ҷанг зарардида ба миён омада буд. Барои барқарорсозӣ ва таъмини рушди хоҷагӣ мебоист, ки буржуазия бо мақсади гирифтани фоидаи зиёд маблағгузориҳоро афзун месохт. Пас аз муддате бозорҳо аз мол пур шуда, ва ба фурӯш намерафтанд (харидор намеёфтанд).

Бӯҳрони иқтисодӣ тамоми хоҷагии халқи ИМА-ро хароб кард. Дар тӯли чор сол истеҳсолоти саноатӣ ба миқдори 42% ихтисор ёфт. Аз ҳама бештар соҳаи автомобилсозӣ зарар дид, истеҳсолот дар ин соҳа 80%, чӯянгудозӣ 79%, истеҳсоли фӯлод 76%, истеҳсоли нафт қариб 78%, истихроҷи ангишт 59% кам гардид.

Якбора ихтисор ёфтани истеҳсолот дар соҳаҳои базавӣ ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт таъсири манфӣ расонид. Умуман, дар солҳои бӯҳронӣ дар ИМА 135 ҳазор ширкатҳои саноатӣ, тиҷоратӣ ва молиявӣ, 5760 бонк муфлис гардиданд.

Дар натиҷаи паст рафтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ (58%) сектори хоҷагии қишлоқ ҳам зарари сахт дид. Дар ИМА дар солҳои бӯҳрон қариб 1 млн. фермер муфлис гардид.

Бӯҳрон аҳволи синфи коргар ва фермерҳоро якбора бад кард. Дар солҳои бӯҳрон музди кори воқеии коргарон 60% кам гардид. Дар ИМА бекорӣ авҷ гирифт. Шумораи бекорон дар аввали соли 1933 тақрибан 17 млнро ташкил дода буд.

Азбаски бӯҳрон ҷаҳонӣ буда, бе истисно тамоми мамлакатҳои капиталистиро фаро гирифта буд, робитаҳои бурунмарзии иқтисодии ташаккулёфтаро якбора хароб кард. Муомилоти тиҷорати бурунмарзии ИМА дар зарфи солҳои 1929-1933 3 баробар паст рафт.

***Англия.*** Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии соли 1929 иқтисодиёти Англияро дар охири соли 1930 фаро гирифт. Дар солҳои 1930-1932 ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ 15% паст рафт. Бӯҳрон дар соҳаҳои кӯҳнаи саноат сахт акс

ёфт. Истеҳсолот дар солҳои бӯҳрон то 53% паст рафт. Истеҳсоли қувваи барқ 2,3%, истеҳсоли автомобил – 5,4%, мошинсозӣ 25%, саноати кимиё 20%, киштисозӣ 8 баробар кам шуда буданд.

Оқибатҳои сангини бӯҳрони солҳои 1929-1932 дар кишоварзӣ ҳам зоҳир гардид: нархи маҳсулоти ин соҳа 34% паст фуромад, ки ба муфлисшавии миқдори зиёди фермерон оварда расонд. 70% заминҳои қобили истифодаи хоҷагии қишлоқ, ба тариқи иҷора киштукор мешуданд. Вазни қиёсии хоҷагии қишлоқ дар даромади миллӣ ду баробар паст рафта, 4%-ро ташкил медод.

Англия ба бозорҳои бурунмарзии нафт пурра вобаста буд. Чунин эҳтиёҷотро нисбат ба пахта ва каучук барин навъҳои моли хом низ дошт.

Дар мубориза бахри бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони иқтисодӣ мамлакат маҷбур буд барои кам кардани фарқияти миёни содироту воридот ва қатъиян анҷом додани гузаштан аз тиҷорати озод ба сиёсати протексионизм як қатор тадбирҳоро пеш гирад. Дар Конфронси Империи соли 1932 дар ш. Оттава барпошуда ба мақсади таҳким додани тиҷорати байниҳамдигарии дохили империя системаи кам кардани пардохт аз тарифҳои гумрукӣ муқаррар карда шуд. Ин тадбирҳо ба Англия мадад карданд, ки дар ибтидои оғози ҷанги дуюми ҷаҳон истеҳсоли саноатро барқарор кунад ва ҳатто як дараҷа афзун гардонад.

***Германия.*** Бӯҳрони иқтисодӣ дар Германия соли 1932 авҷ гирифт. Истеҳсолоти саноатӣ дар муқоиса бо соли 1929 40% паст рафт. 68 ҳазор корхона муфлис гардид. Аз ҳама беш соҳаҳои саноати вазнин зиён диданд. Даҳҳо ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ фурӯхта шуданд. Тиҷорати бурунмарзӣ 60% ихтисор ёфт. Як қатор бонкҳои калон муфлис гардиданд. Шумораи бекорон пурра ё қисман дар соли 1932 ба 8 млн. мерасид. Буржуазияи монополистӣ рӯз аз рӯз ақидаи заруриати диктатураи ҳарбиро тарафдорӣ карда, оқибат ба ҳаракати фашистӣ рӯй овард.

Маҳз ҳамин раванд барои ба сари қудрат омадани фашистон мусоидат намуд.

***Франсия.*** Дар Фаронса бӯҳрон соли 1930 авҷ гирифта то соли 1936 давом кард. Бӯҳрони иқтисодӣ аз ҳама бештар саноати сабукро хароб кард. Истеҳсоли матоъҳои пашмию абрешимӣ дар солҳои бӯҳрон ду баробар ихтисор ёфт. Сатҳи умумии истеҳсолоти саноат дар мамлакат 1/3 паст рафт. Бӯҳрон дар саноат бо бӯҳрони аграрӣ дарҳам омехт, истеҳсоли молҳои хоҷагии қишлоқ 40% кам шуд. Алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ қатъ гардида буданд ва муомилоти тиҷорати бурунмарзии Франсия 60% кам гардид.

Кам шудани истеҳсолот бекории зиёдеро ба бор овард, ки дар натиҷа шумораи бекорон ба ним миллион нафар расид, даромади деҳқонон қариб сеяк паст рафт ва даҳҳо хоҷагии деҳқонӣ бо сабаби қарздор шуданашон ба фурӯш рафтанд.

***Япония.*** Бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодии солҳои 1929-1933 Японияро дар нимаи дуюми соли 1929 фаро гирифт. Дар ҷараёни бӯҳрон соли 1931 маҳсулоти саноати Япония дар қиёс бо соли 1929 дар ифодаи арзишӣ 1/3 ихтисор гардида бошад, ҳаҷми содирот қариб ки 2 баробар кам гардид.

Бӯҳрони иқтисодӣ на фақат саноат, балки хоҷагии қишлоқро ҳам хароб кард. Ин ба хона-хароб гардидани оммавии табақаи деҳқонон оварда расонд. Деҳқонони иҷоракор қобилияти пардохтани музди иҷораи феодалонро надоштанд. Дар натиҷа соли 1932 як қатор ноҳияҳои Японияро қаҳтӣ фаро гирифт.

Бӯҳрони иқтисодӣ мухолифатҳои синфиро дар шаҳру деҳот то ҳадди интиҳо тезу тунд кард. Дар ҳамин гуна шароит табақаи болоии монополистии ҳукмфармои самурайии Япония аз густариш ҳфтани ҷунбишҳои инқилобӣ ба таҳлука афтода, роҳҳои аз бӯҳрон баромаданро дар тариқи милитарикунонии иқтисодиёт (омодагӣ ба ҷанг, мусаллаҳшавӣ), мусаллаҳшавии бошитоб ва истилои ҳарбӣ меҷуст. Ғасби ҳарбӣ бо минбаъда милитарӣ гардонда шудани иқтисодиҳти

мамлакат ҳамқадам буд. Аз ибтидои солҳои 30-юм иқтисодиёти Япония комилан ба роҳи милитарикунонӣ шудан ворид гардид.

**«Роҳи нав» -и Ф. Рузвелт**

Дар интихоботи ноябрии соли 1933, ки дар вазъияти нооромии сиёсӣ барпо гардида буд, тарафдорони ҳизби ҷумҳуриҳо (республика) шикаст хӯрданд. Намояндаи ҳизби демократӣ, либералӣ буржуазӣ Франклин Делано Рузвелт (1882-1945) Президенти ИМА интихоб гардид. Таззакур бояд дод, ки дар таърихи Амрико кам шахсиятҳое ёфт мешаванд, ки бо 32-юм президенти ИМА Ф.Д. Рузвелт баробар шуда тавонанд. Солҳое, ки Ф. Рузвелт дар Қасри сафед ба сифати Президенти ИМА қарор дошт, на фақат дар қисмати амрикоиён, балки дар сарнавишти тамоми инсонияти ҷаҳон давраи дигаргунии қатъӣ ба ҳисоб меравад.

Аз тарафи Ҳукумати Рузвелт ислоҳотҳои азиме, ки дар таърих номи «Роҳи нав»-и Рузвелтро гирифта буд, гузаронида шуда буданд.

Рузвелт мақсади асосии барномаашро шарҳ дода гуфта буд: «Ман мехоҳам системаи худамон, системаи капиталистиро наҷот диҳам». Аммо Рузвелти сиёсатмадори зираку оқил, ки маҷбур буд ба синфи коргару табақаи меҳнаткаши фермерон баъзе гузаштҳо кунад, ба умеди халосӣ аз таҳдиди бӯҳрони нав табаддулоти иҷтимоию иқтисодиро пеш гирифта, дар соҳаи сиёсати хориҷӣ чорабиниҳои муҳимеро ба амал баровард. Ҳокимияти монополияҳо дар мамлакат заррае коҳиш надида, ҳукмронии худро дар ҳаёти иқтисодию сиёсӣ боз бештар вусъат бахшиданд ва фоидаи бадастомадаашонро афзунтар гардонданд. Тамоми бадбахтии капитализми муосир, ба ақидаи Ф. Рузвелт аз барзиёд тавлид кардани маҳсулоти молӣ иборат буд. Аммо сабаби барзиёд истеҳсол карданро Ф. Рузвелт на дар табиати худи капитализм, балки дар вайрон шудани муҳити муомилот медид. Бинобар ин, Ф. Рузвелт ҳангоми

ба амал баровардани сиёсати «Роҳи нав» ба соҳаи кредит ва тиҷорат диққати махсус дод.

«Роҳи нав» дар таърихи ҷаҳон яке аз машҳуртарин ва самараноктарин ислоҳотҳо ба ҳисоб меравад. Рузвелт мақсад гузошта буд, ки бӯҳронро бо роҳи банақшагирии хоҷагӣ, барқарор намудани сулҳу субот дар байни қишрҳои ҷомеа дар дохили кишвар ва сиёсати ба истилоҳ «ҳамсояи нек» бо кишварҳои ҳамсоя, паси сар менамояд.

Мақсади асосии ислоҳоти Рузвелт ин фаъолона дахолат намудани давлат ба ҷараҳни такрористеҳсоли иҷтимоӣ буд.

Нахустин чорабинии Рузвелт дар маҷмӯъ ба солимгардонии низоми бонкӣ ва молиявӣ нигаронида шуда буд. Рузвелт ба Конгресс нахустин қонуни зидди бӯҳрон - «Қонуни фавқулъода доир ба бонкҳо»-ро пешниҳод кард. Дар аввали соли 1933 Конгресс Қонун «Дар бораи ба танзим даровардани соҳаи кишоварзӣ»-ро қабул намуд. Моҳи июни соли 1933 Қонун «Дар бораи барқарорнамоии саноати миллӣ» қабул гардид. Тибқи ин қонунҳо маҷбуран картел кардани корхонаҳои саноатӣ ва танзими давлатии сатҳи истеҳсолоти саноатӣ, ба мақсади ихтисор намудани он ба амал бароварда шуда буд. Тамоми саноати ИМА ба 17 гурӯҳ тақсим мешуд, ки дар ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳо мафҳуми ба истилоҳ «кодекси рақобатӣ аз рӯи виҷдон» ҷорӣ гардид ва он сиҳсати ягонаи нархро муқаррар мекард. Барои ҳар корхона ҳаҷми истеҳсолот муайян гардида, бозори фур.ш тақсим карда шуд, инчунин сатҳи музди меҳнати коргарон таъйин гардид.

Дар соҳаи кишоварзӣ «Роҳи нав» аз кӯшишҳои боздоштани ҷараёни хонахаробшавии фермерон ва бо роҳи ихтисор намудани истеҳсолот ва кам кардани замини кишт баланд бардоштани нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ иборат буд, ки барои ин ба фермерҳо ҷубронпулӣ пардохта мешуд. Ин ҳама дар шароите ба миён меомад, ки дар мамлакат миқдори бенавоёни гирифтори гуруснагӣ ба миллионҳо мерасид.

«Роҳи нав» инчунин як қатор тадбирҳои иҷтимоиро пешбинӣ мекард, ки онҳо пеш аз ҳама ба кам карда шудани бекорӣ равона гардида буданд. Ҳукумат бо мақсади кам кардани сафи бекорон барномаи корҳои ҷамъиятиро амалӣ мекард. Ҷавононро ба лагерҳои меҳнатӣ, корҳои сохтмонӣ ва аз ҳама бештар ба иншоотҳои ҳарбӣ мефиристоданд. Системаи додани ҳадди ақалли ёрдампулӣ ба бекорони қашшоқ ҷорӣ гардид.

Моҳи июни соли 1935 қонуни Вагнер «Дар бораи муносибатҳои меҳнатӣ» қабул шуд, ки мувофиқи он коргарон ҳуқуқ пайдо намуданд иттифоқҳои касаба ташкил намуда, бо корфармоён муоиҳидаи дастаҷамъӣ банданд. Бори нахуст дар ИМА қонун «Дар бораи суғуртаи иҷтимоӣ» қабул карда шуд. Коргарон барои гирифтани кӯмакпулӣ ҳангоми бекор мондан ва нафақа дар пиронсолӣ ҳуқуқ пайдо карданд. Тавассути қонуни мазкур ҳадди ақалли музди меҳнат ва ҳадди ниҳоии давомнокии ҳафтаи корӣ муқаррар гардид (инчунин масъалаи тадриҷан ба ҳафтаи кори 40 – соата гузаштан пешбинӣ шуда буд).

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1.Сабабҳои сар задани бӯҳрони иқтисодии ҷаҳониро шарҳ диҳед...**

**2. Чорабиниҳое, ки Ф.Д. Рузвелт барои барқарор намудани соҳаҳои хоҷагии халқ дар давраи бӯҳрони иқтисодӣ гузаронид номбар намоед...**

**3. Дар мубориза баҳри бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони иқтисодӣ Англия чӣ гуна тадбирҳоро пеш гирифт?**

**4. Истеҳсолоти саноатии ИМА дар давраи бӯҳрони иқтисодӣ ихтисор гардид:**

А) 46,2%;
Б) 56,2%;
В) 76,2%;
Г) 55%.

## 3.5. ИҚТИСОДИЁТИ ИҶШС ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Дар натиҷаи иҷро гардидани нақшаҳои панҷсолаи пешазҷангӣ Иттиҳоди Шуравӣ ба кишвари индустриалӣ мубаддал гардид. Рушди иқтисодӣ ва иқтидори ИҶШС, боиси баланд шудани обрӯи байналхалқии кишвар гардида, он ба тимсоли ибратомӯзи нахустин давлати коргару деҳқон табдил ёфт. Ин дар навбати худ хусумати кишварҳоеро, ки мақсади азнавтақсимкунии ҷаҳонро доштанд, ба вуҷуд овард.

Баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ буржуазияи бузурги Германия ба худ омада, натиҷаҳои сулҳи Версалро инкор карда, дар самти аз нав дида баромадани марзҳо, бозгардонидан ва азнавтақсимкунии мустамликаҳо талаботҳои нав пешниҳод кард. Германия дарк мекард, ки танҳо бо роҳи ҳарбӣ метавонад талаботҳои худро қонеъ гардонад, чунки кишварҳои ғолиб мустамликаҳои худро ба вай гузашт намекарданд.

Шароити бамиёномадаро ба ҳисоб гирифта, империализми Германия ҷанги навро оғоз намуд. Артиши Германия, ки идеологияи фашистиро асос интихоб намуда буд, соли 1941 ба ИҶШС ҳуҷум кард. Забти минтақаҳои бегона мақсади марказии сиёсати Германияи гитлерӣ қарор гирифт.

Германия тавонист назар ба ИҶШС, иқтисодиёти худро пештар ҳарбӣ кунонида, иқтидори иқтисодиашро инкишоф диҳад ва аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳо дар соҳаи ҳарбӣ аз Иттиҳоди Шуравӣ пеш равад. Дар охири солҳои 30-юм ва аввали солҳои 40-ум Германия аз рӯи истихроҷи ангишти бӯр, истеҳсоли алюминий, баъзе маҳсулоти кимиёвӣ, таҷҳизотҳои коркарди металл ҷои якум ва дар соҳаи истеҳсоли қувваи барқ ҷои дуввумро дар ҷаҳон ишғол мекард. Германия аз рӯи истеҳсоли фӯлод, чӯян, қувваи барқ, кандани ангишт дар оғози ҷанг аз ИҶШС якуним ду баробар бартарӣ дошт.

Барои инкишофи иқтидори иқтисодии Германия ва истифодаи он дар рафти ҷанг бар зидди ИҶШС забт ва ғорати Австрия, Чехословакия, Полша, Франсия ва дигар кишварҳои аврупой аҳамияти муҳим дошт. Дар кишварҳои забтшуда барои иҷрои фармоишҳои ҳарбии Германия 5 ҳазор корхона кор мекард.

Соли 1941 Германия артиши бузургеро омода карда, бо шариконаш барои забти ИҶШС 5,5 млн нафар одамро равона намуд. Бар зидди ИҶШС 4980 самолет, 4300 танк, зиёда аз 47 ҳазор яроқу аслиҳа равона гардид. Бояд зикр намуд, ки артиши фашистӣ назар ба ИҶШС пештар ба ҳолати ҳарбӣ гузаронида шуда, бо яроқу аслиҳаи нав муҷҷаҳаз гардонида шуда буд.

Иттиҳоди Шӯравӣ бар зидди Германияи фашистӣ дар солҳои аввали ҷанг қариб 3 млн. афсар, 1540 самолети замонавӣ, 1800 танк ва 34500 яроқу аслиҳа гузошта буд. Дар маҷмӯъ артиши гитлерӣ назар ба қувваҳои ҳарбии ИҶШС аз рӯи шумораи аскарон 2 баробар, танкҳо-3 баробар, самолётҳои ҷангии замонавӣ 3 баробар, артиллерия-25% бартарӣ дошт.

Ҳамин тариқ, ҳамаи ин афзалиятҳо ба Германия имконият дод, ки дар солҳои аввали ҷанг дар хоки ИҶШС амалиётҳои ҷангӣ гузаронида муваққатан онро ғасб намояд.

Бояд қайд намуд, ки дар заминҳои муваққатан забтшуда соли 1941 88 млн одам ё ин, ки 40% аҳолии ИҶШС, аз инҳо 32% коргар ва хизматчӣ зиндагонӣ мекард. Дар ин ҷо 32% фондҳои асосии корхонаҳо мавҷуд буданд, ки 33% маҳсулоти умумии тамоми саноати мамлакатро истеҳсол мекарданд.

Ҳукумати ИҶШС вазъи бамиёномадаро ба назар гирифта 27 июни соли 1941 қарор оид ба эвакуатсияи миқдори калони корхонаҳоро қабул кард. Эвакуатсияи (кӯчонидани аҳолӣ, молу анҷом ба ҷои бехавф) корхонаҳои саноатӣ ба минтақаҳои шарқӣ аҳамияти бузурги иқтисодӣ ва амниятӣ дошт. Ин ба ИҶШС

имконият дод, ки қисми зиёди иқтидори ҳарбию иқтисодиро эмин дорад.

Заводу фабрикаҳои эвакуатсияшуда асосан ба минтақаҳои Шарқии ИҶШС, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркменистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон интиқол шуданд. Дар моҳҳои июл-ноябри соли 1941 1523 корхонаҳои саноатӣ кӯчонида шуданд.

Ташаккули заминаи нави саноатӣ боиси таъминкунӣ бо тамоми маҳсулотҳои зарурӣ гардид. Соли 1942 корхонаҳои саноатии эвакуатсияшуда 100% трактор, 99% кокс, 97% маъдани оҳан, 97% чӯян, 87% фӯлод, 82% ангишт, 52% таҷҳизот ва 59% қувваи барқ истеҳсол мекарданд.

Агар дар аввали солҳои ҷанг иқтидори ҳарбии Германия аз ИҶШС 2,5-3 баробар бартарӣ дошта бошад, пас баъдан заводҳои ҳарбии эвакуатсияшуда қувваи истеҳсолиро ривоҷ доданд, дар натиҷа Германия бартариятро аз даст дод.

Ба ҳамаи душвориҳои давраи ҳарбӣ ва харобиҳои зиёд дар хоҷагии халқ нигоҳ накарда, сарчашмаи даромади буҷаи давлатӣ-воридот аз корхонаҳои давлатӣ боқӣ монда буд.

Халқи ватандӯсти шуравӣ дар давраи ҷанг «Фонди Армияи Сурх»-ро ташкил дод. Ба ин фонд маблағҳои шахсӣ, ҷавоҳирот, қоғазҳои қиматнок, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ғ. ворид мешуданд. Тамоми қишрҳои аҳолӣ дар ин ҳаракати ватандӯстона саҳм гузоштанд. Дар солҳои ҷанг аз аҳолӣ дар шакли пардохтҳои ихтиёрӣ ҳамагӣ 94,5 млрд. руб., 130,7 кг тилло, 13 кг платина, 9,5 т нуқра ворид гардид.

Дар натиҷаи амалиётҳои ҳарбӣ, ғоратгариҳо ва несту нобуд кардани молу мулк, Иттиҳоди Шуравӣ дар давраи ҶБВ қариб 30% боигарии миллиро аз даст дод.

Оид ба талафоти моддии кишварҳое, ки дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ иштирок намудаанд, маълумоти ҷолиброро иқтисодчиёни Ғарб пешниҳод кардаанд. Онҳо шаҳодат

медиҳанд, ки талафоти аз ҳама зиёд дар ин давра ба ИҶШС рост омада буд.

Иқтисодчии немис Б. Эндрукс талафот ва хароҷотеро, ки дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба амал омада буд, ҳисоб ва муқоиса карда, ба хулосае омад, ки дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ барои амалиётҳои ҷангӣ 260 млрд. доллари амрикоӣ харҷ шуда бошад, пас дар Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ин хароҷот 3300 млрд. доллари амрикоиро ташкил намуд. Хароҷот аз ҳисоби буҷа барои мақсадҳои ҳарбӣ дар ИМА-275 млрд; Германия-272 млрд; Англия ва Канада-120 млрд; Франсия-15 млрд ва дар ИҶШС-357 млрд долларо ташкил дод.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1. Фароҳам омадани заминаҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз чӣ иборат буд?**

**2. Агар дар аввали солҳои ҷанг иқтидори ҳарбии Германия аз ИҶШС 2,5-3 баробар бартарӣ дошта бошад, пас бо кадом сабабҳо Германия бартарияти иқтисодӣ-ҳарбиро аз даст дод?**

**3. Дар аввали солҳои ҷанг иқтидори ҳарбии Германия аз ИҶШС чанд баробар бартарӣ дошт?**

А) 2,5-3 баробар;

Б) 1 баробар;

В) 5 баробар;

Г) 4 баробар.

## 3.6. НАҚШАИ МАРШАЛЛ

5 июни соли 1947 ба сифати «барномаи эҳёгардонии Аврупо» пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ нақшаи Маршалл пешниҳод гардид. Котиби давлатии ИМА Ҷорҷ Маршалл, вазъи бамиёномадаи Аврупоро ба назар гирифта нақшаи ёрӣ расонданро ба кишварҳои аврупоӣ пешниҳод намуд. Ин нақша чорабиниҳоро оид ба барҳам задани харобаҳо, устувор намудани вазъи молиявӣ, аз

байн бурдани ташаннуҷ дар ҳаёти сиёсӣ дар бар мегирифт. Моҳи апрели соли 1948 Конгресси ИМА қонуни ёрӣ расонидан ба давлатҳои хориҷиро қабул карда, ба ҳаёт татбиқ намудани нақшаи Маршалл оғоз ёфт.

Аз соли 1948 то соли 1951 кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ба миқдори 17 миллиард доллар кӯмак гирифтанд. Аз 2/3 ҳиссаи ин маблағ ба Британияи Кабир, Фаронса, ҶФГ ва Италия рост омад. Содироти ИМА дар ин давра ба 60%, содироти кишварҳои Аврупо ба 50% расид. Истеҳсоли молҳои муҳими саноатӣ дар Аврупо 60-200% афзуд. Соли 1955 маҳсулоти умумии Аврупо аз истеҳсолоти давраи пешазҷангӣ 15% зиёдтар шуд. Дар баробари ин бизнеси амрикоӣ бо назардошти манфиатҳои худ корхонаҳои Аврупои Ғарбиро харидорӣ мекард.

Ба давлатҳо ба шарте кӯмак расонида мешуд, ки аз давлатӣ кунонидани истеҳсолот даст бикашанд, соҳибкорӣ озод бошад, тарифҳои гумрукӣ паст карда шаванд.

Баъдан шартҳои дигар, аз қабили савдо ва доду гирифт накардан ба кишварҳои сотсиалистӣ, дар ҳудудашон ба ҷойгир кардани пойгоҳҳои (базаҳои) низомии ИМА иҷозат додан илова гардид.

Нақшаи Маршалл яке аз муваффақтарин барномаҳои иқтисодӣ дар таърих маҳсуб гардида, ҳамаи аҳдофи ошкор ва ниҳоиии он амалӣ гардиданд:

- иқтисодиёти кишварҳои Аврупои Ғарбӣ барқарор карда шуд;
- кишварҳои Аврупо ҳама қарзҳои берунии худро пардохт намуданд;
- таъсири ҳизби коммунистӣ ва ИҶШС суст карда шуд;
- дар атрофи ИҶШС "девори оҳанин" кашида шуд;
- ИМА ва Канада бозори калони фурӯши молҳояшонро ба даст оварданд;

• соҳибкорони миёнаҳоли Аврупо – кафили устувории сиёсӣ ва рушди мунтазам қомат рост карданд.

**Саволҳо**

**1. Нақшае, ки Котиби давлатии ИМА Ҷорҷ Маршалл пешниҳод намуда буд, чи гуна чорабиниҳоро дар бар мегирифт?**

**2. Мувофиқи Нақшаи Маршалл ба кадом мақсад барои барқароркунии иқтисодиёти Аврупои Ғарбӣ кӯмак расонида шуд?**

## 3.7. ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар марҳилаи охирини Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар соли 1944 дар Аврупо барои амалӣ намудани ҳамгироии иқтисодии Аврупо қадамҳои нахустин гузошта шуданд. Аввалин дар ин самт кӯшиш ба қарори ҳукуматҳои Белгия, Германия, ва Англия вобаста буд, ки тибқи он 1 январи соли 1948 Иттиҳоди гумрукиро ташкил намуданд. Ин иттиҳод дар оянда бо номи БЕНИЛЮКС машҳур гардид. Солҳои 1949-1950 ба воридоти маҳсулоти саноатӣ маҳдудиятҳо бекор карда шуданд. Дар миёнаи солҳои 50-ум дар ҳудуди БЕНИЛЮКС гардиши сармоя ва қувваи корӣ озодона сурат мегирифт.

Минбаъд раванди ҳамгироӣ амиқ гашта, доира ва ҳавзаҳои гуногуни иқтисоди ҷаҳонро фаро мегирад. Моҳи марти соли 1948 ба мисли БЕНИЛЮКС Франсия ва Италия иттиҳоди гумрукии ФРАНСИТАЛ-ро созмон доданд. Дар ҳамин давра ИМА ва Англия доир ба назорати байналхалқии саноати вазнини Германия қарор қабул намуданд. Онҳо маъмурияти байналхалқӣ ташкил намуданд, ки ба он на танҳо аъзоёни ИМА ва Англия, балки Франсия ҶФГ ва давлатҳои БЕНИЛЮКС дохил шуданд. Дар Аврупои Ғарбӣ дар нимаи дуюми асри XX муносибатҳо миёни давлатҳо ба ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ мубаддал мегаштанд ва набзи нави рушду

нумӯъро пайдо намуданд. Аз нигоҳи таърих ҳамгирой аз якчанд зинаҳо иборат аст ва ин зинаҳо барои пайдоишу шаклбандӣ ва такмили худ давраи муайянеро аз сар мегузаронанд. Яке аз зинаҳои махсуси чараёни интегратсия ташкили бозори ягона, таъсиси иттифоқи гумрукӣ, гузариш ба сиёсати ягонаи иқтисодӣ, асъорӣ, буҷетӣ, пулӣ, ҷорикунии асъори ягона мебошад.

**Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ** – ин раванди муттаҳидшавии мамлакатҳо дар асоси инкишофи алоқаи амиқу пурқувват ва тақсими меҳнат байни хоҷагиҳои миллӣ, ҳамкорӣ доир ба аз нав ба вуҷуд овардани сохторҳо дар ҳар гуна сатҳ ва шакл мебошад.

Ба ҳамгироии иқтисодӣ чунин омилҳо таъсир мерасонанд:

- пешравиҳо дар структураи тақсимоти байналхалқии меҳнат;
- ҳамгироигардонии истеҳсолот ва ташкилёбии монополияҳо;
- инқилоби илмию техникӣ;
- либерализми иқтисодӣ.

Ҳамгироии иқтисодӣ як қатор шароитҳои мусоидро бахри тарафҳои бо ҳам таъсиррасон таъмин менамояд. Ҳамкориҳои интегратсионӣ ба субъектҳои молистеҳсолкунандагон барои дастрас намудани захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ, технологӣ, моддӣ, ва истеҳсоли маҳсулоту дарёфти бозори калон имконият медиҳад. Барои мамлакатҳо наздикшавии иқтисодӣ дар доираи минтақа ба ширкатҳои кишварҳои аъзои ҳамгироии иқтисодӣ шароити афзалиятнок таъмин намуда, онҳоро аз рақобати дигар кишварҳо ҳифз менамояд.

Тавассути тараққиёти босуръати мамлакатҳои саноатӣ ва такмилёбии воситаҳои нақлиётии байналхалқӣ ва коммуникатсионӣ дар нимаи дуввуми асри XX тараққиёти пуравҷи савдои байналхалқӣ ба амал омад. Савдои байналхалқӣ то рафт бо шаклҳои гуногуни

ҳаракати омилҳои истеҳсолот пурратар гардид. Натиҷаи қонунии тараққиёти савдои ҷаҳонӣ ва ҳаракати байналхалқии омилҳои истеҳсолот ба ҳамгироии иқтисодӣ оварда расонд, ки он давраи махсуси ҳамгироигардонии ҳаёти хоҷагиро ифода менамояд.

Соли 1957 як қатор мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ Ҷумҳурии Федеративии Германия, Франсия, Италия, Люксембург, Нидерландҳо ва Белгия Иттиҳоди иқтисодии аврупоиро таъсис намуданд. Аз 01.01.1994 дар асоси қарори Конфронси Маастрих иттиҳоди иқтисодии Аврупоро Иттиҳоди Аврупоӣ номиданд (Европейский Союз). Ҷараёни ҳамгироӣ дар иттиҳоди Аврупоӣ аз рӯи ду самт; амиқ ва паҳноӣ сурат мегирад. Айни замон Иттиҳоди Аврупоӣ аз 27 кишвари Аврупои Ғарбӣ иборат мебошанд. Инчунин байни солҳои 1991 – 1995 шартномаҳо оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва савдо бо мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ баста шуда буданд.

Пайдоиши Иттиҳоди иқтисодии Аврупо мақсади ташкил намудани бозори умумӣ ва дар асоси он баланд бардоштану мӯътадилгардонии дараҷаи зиндагиро дорад.

Дар қитъаи Аврупо дар баробари Иттиҳоди Аврупоӣ (ЕС), соли 1960 дар асоси созишномаи Стокголмӣ ташкилоти дигар-Ассотсиатссияи Аврупоии савдои озод (АЕСО) пайдо гардид. Бо ташаббуси Англия ин ташкилоти тиҷоративу иқтисодӣ таъсис дода шуд. Асоси иттиҳодияро минтақаи озоди савдо ташкил додааст, аммо дар ассотсиатсия тарифи ягонаи гумрукӣ вуҷуд надорад.

Соли 1992 **Ассотсиатсияи савдои озоди Америкои Шимолӣ** (НАФТА) таъсис ёфт ва ба он ИМА, Канада ва Мексика шомил гардиданд. Созишнома соли 1994 қувваи ҳуқуқӣ пайдо кард.

Дар доираи НАФТА чораҳо оид ба озодгардонии ҳаракати молу хизмат, сармоя ба воситаи сарҳадҳо пешбинӣ карда шудааст. Созишнома оид ба барҳамдиҳии аксари тарифҳо ба маҳсулотҳои кишоварзӣ, инчунин тадриҷан барҳамдиҳии монеаҳои гумрукӣ дар савдои

автомобилу газвор ба имзо шуд. Мувофиқи ҳисоботи мутахассисон, НАФТА имрӯз 375 млн. нафар аҳолиро дар бар гирифтааст ва вазни қиёсии он дар ҳаҷми савдои ҷаҳонӣ 20 дар садро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки дар доираи НАФТА мисли Иттиҳоди Аврупо механизми махсуси танзимкунандаи ҳамкорӣ ташкил карда нашудааст.

**Ассотсиатсияи Осиё** – ҳамкориҳои иқтисодии уқёнуси Ором соли 1989 ташкил ёфтааст. Ҳоло ба ҳайати он 17 мамлакати Осиё, Амрикои Шимолию Ҷанубӣ, Канада, ИМА, Мексика, Зеландияи Нав, Австралия, Бруней, Индонезия, Малайзия, Сингапур, Тайланд, Филиппин, Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Чин, Ҷопон, Чили, Папуа-Гвинеяи Нав шомиланд. Хусусияти ассотсиатсия аз мансубияти ҷуғрофии мамлакатҳои ба вай дохилбуда, ки дар масофаҳои хеле дур аз ҳамдигар ҷойгиранду фақат бо баромадҳо ба Уқёнуси Ором муттаҳид мешаванд, иборат аст.

Яке аз хусусияти он аз нигоҳи иқтисодӣ аз он иборат аст, ки ба он ҳам мамлакатҳои калони тараққикардаи саноатӣ ва ҳам кишварҳои нисбатан сусттараққикарда дохил шудаанд. Ба ин иттиҳод 55% МУД, 40% савдои ҷаҳонӣ ва беш аз 40% аҳолии дунё рост меояд.

Соли 1993 Низомномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул карда шуд. Дар асоси ташкилхбию инкишофи ИДМ пешравиҳои назаррас ба даст оварда шуд. Шартнома оид ба ташкили иттифоқи иқтисодӣ (соли 1993) аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Созишнома оид ба ташкили иттифоқи пардохтии давлатҳои ИДМ (соли 1994), Созишномаи Иттифоқи гумрукии байни Россия ва Белоруссия (соли 1995), ки ба он баъдан Қазоқистон ва Қирғизистон ҳамроҳ гардиданд низ аҳамияти калон дошт. Ғайр аз ин, Бонки байнидавлатии ИДМ ва кумитаи байнидавлатии асъорӣ ташкил карда шуданд.

Монеаи асосии наздикшавиҳои иқтисодӣ дар ИДМ айни замон ба тафовутҳои ҷиддӣ дар давраҳои ислоҳот

дар мамлакатҳои алоҳида алоқаманд мебошад, ки ба он номувофиқӣ ва муқобили ҳамдигар будани манфиатҳои иқтисодӣ дар дохили ИДМ боис шудааст.

Дар ҳама ҳолатҳо дар мамлакатҳои ҳамгироишаванда бояд се вазифаи муҳимтарин ҳал карда шавад, яке аз ин вазифаҳо ба тадриҷан фароҳам овардани фазои ягонаи иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мебошад. Баробари фароҳам овардани фазоҳои ягона дар соҳаҳои зикргардида дар давраи якуми ташаккули муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дар самти ҳамгирой ташкил ва рушди минтақаҳои савдои озод, иттифоқи гумрукӣ, иттифоқи пардохтӣ, бозори умумии меҳнат, бозори умумии аграрӣ зарур аст. Ҳамзамон, минбаъд фазои умумии инвеститсионӣ ва илмӣ-техникӣ, системаҳои муттаҳидаи нақлиётию энергетикӣ ва бозори захираҳои энергетикӣ таъсис дода мешаванд.

**ТЕСТ ва саволҳо**

**1. Омилҳоеро, ки ба ҳамгироии иқтисодӣ таъсир мерасонанд номбар намоед...**

**2. Ҳамкориҳои интегратсионӣ барои субъектҳои молистеҳсолкунандагон чӣ гуна имкониятҳо медиҳад?**

**3. Зинаҳои махсуси ҷараёни интегратсияро номбар намоед...**

**4. Низомномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар кадом сол қабул карда шуд.**

А) соли 1993;

Б) соли 1990;

В) соли 1991;

Г) соли 1999.

## 3.8. БУНЁДИ СОЗМОНИ МИЛЛАЛИ МУТТАҲИД

25 апрели соли 1945 дар шаҳри Сан – Франсискои ИМА конференсияи Милали Муттаҳид – ҳамоиши (форуми) бузургтарини он замон баргузор гардид. Дар ин форум 800 намоянда аз 50 кишвар ҷамъ омаданд. Асосан ин намояндагони бисёр кишварҳое буданд, ки ба

муқобили Германияи фашистӣ ва Японияи милитаристӣ меҷан-гиданд. Онҳо мебоист масъалаи бунёди созмони байналмилалии таъминкунандаи сулҳ ва бехатарии халкҳоро пас аз ҷанг ҳаллу баррасӣ мекарданд. Конференсияи Сан – Франсиско дар кори бунёди СММ иқдоми ҷиддие буд. Вай муборизаи тӯлонӣ ва мушкили дипломатиро, ки тағйироти ҷиддии пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар арсаи олам рӯйдодаро инъикос менамуд, ҷамъбаст кард.

Ташаббускори бунёди созмони байналмилалии муҳофизи сулҳ ва бехатарӣ давлатҳои абарқудрати эътилофи (коалитсияи) зиддигитлерӣ – ИҶШС, ИМА ва Британияи Кабир буданд. Аъзои СММ ӯҳдадор шуданд, ки барои пешгирӣ ва аз байн бурдани хатари сулҳу оромӣ дар ҷаҳон пеши роҳи ҳар гуна таҷовузро хоҳанд гирифт; аз ҷумла онҳо ба мувофиқа омаданд, ки баҳсу мунозираҳоро бо роҳи гуфтушунид, даст кашидан аз таҳдид ва истифода аз зӯроварӣ ҳал хоҳанд кард. Онҳо қарор карданд, ки муносибатҳои дӯстонаро байни ҳамдигар дар заминаи арзи эҳтиром нисбат ба баробарӣ ва таъини сарнавишти худ аз ҷониби халкҳо густариш диҳанд, дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамкорӣ намоянд, ҳуқуқҳои инсонро (аҳли башарро) ҳифз намоянд

Самти муҳими фаъолияти СММ мубориза барои аз байн бурдани мустамликадорӣ ва шаклҳои тазоҳуроти он гардид, аз ҷумла, Эъломия (Декларатсия) оид ба истиқлолият бахшидан ба кишварҳои мустамлика ва халкҳои онҳо (1960), эъломия оид ба барҳам задании ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ (1963) ва ғайра қабул гардиданд. СММ дар озод гардонидани як қатор кишварҳои Африқо ва Осиё аз юғи мустамликавӣ, дар муборизаи аҳли ҷомеаи тараққихоҳи ҷаҳон ба муқобили табъизи нажодӣ дар Африкаи Ҷанубӣ саҳми арзанда гузошт, дар фурӯ нишонидани чанде аз низоъҳои байналмиллалӣ нақши сазоворе дошт.

## 3.9. ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ
(солҳои 1950-1980)

Дар Тоҷикистон ба мисли тамоми ҷумҳуриҳои шӯравӣ, баъди бо муваффақият анҷом ёфтани нақшаи панҷсолаи азнавбарқарорсозии баъдиҷангӣ, барои бунёд ва рушди соҳаҳои гуногуни саноатӣ шароитҳои мусоид фароҳам омаданд.

Тоҷикистон чун узви таркибии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ саноати худро дар заминаи техникаи нав ва технологияи муосир пеш мебурд.

Барқароршавии хоҷагии халқ бо зиёд шудани синфи коргар ва интелегенсияи истеҳсолию техникӣ, баланд шудани дараҷаи ихтисосонокӣ ҳамқадам буд.

Дар солҳои нақшаи 4-уми панҷсола дар Тоҷикистон чордаҳ корхонаи саноатӣ бунёд гардид. Дар солҳои 50-ум шумораи коргарон ва хизматчиён нисбат ба солҳои .тоҷангӣ 19% афзоиш ёфт. Азбаски, аксарияти корхонаҳои саноатии Иттиҳоди Шӯравӣ аз якдигар вобаста буданд, ҳар як корхона маҷбур буд нақшаи давлатиро иҷро намояд. Яъне, аз маҳсулоте, ки як корхонаи саноатӣ истеҳсол мекард, фаъолияти якчанд корхонаҳои дигар вобастагӣ доштанд. Аз ин лиҳоз, дар баробари тартиб додани нақшаҳои панҷсола маблағгузории онҳоро низ аз ҳисоби буҷаи умумии мамлакати ҳукумати Иттифоқ ба нақша мегирифт.

Дар солҳои 50-ум соҳаи саноати металлургӣ рӯ ба тараққӣ ниҳода, дар асоси он соҳаҳои нави саноат-саноати мошинсозӣ ва электротехника ба вуҷуд омаданд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо соли 1950 дар нақшаи панҷсолаи 5-ум 84% афзоиш ёфт.

Мувофиқи нақшаи ҳафтсола (1959-1966) тараққиёти хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар Анҷумани XXI соли 1959 Ҳизби коммунист қабул карда шуда буд, дар ҷумҳурӣ як қатор корхонаҳои саноатӣ, ба монанди комбинатҳои қолинбофӣ, чӯбу тахта, хонасозӣ, «Текстилмаш», заводи «Яхдон», мебелбарорӣ, истгоҳҳои

барқии Шаршар, Сарбанд сохта ба кор даровarда шуданд.

Дар солҳои 50-80-ум дар Тоҷикистон пахтакорӣ соҳаи асосии кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ ба ин соҳа беҳтарин заминҳои ҳосилхези обӣ муайян карда шуда буданд. Таи ин солҳо афзоиши истеҳсоли пахта ба назар мерасид. Дар солҳои 1958 ҷамъоварии пахта 421,2 ҳазор тонна ташкил дода, нисбат ба соли 1950 132,5 ҳазор тонна зиёд гардида буд. Дар ҷумҳурӣ ғаллакорӣ соҳаи муҳим ба ҳисоб мерафт ва сол аз сол истеҳсоли ғалла афзоиш меёфт. Агар дар соли 1965 225,8 ҳазор тонна ғалла истеҳсол шуда бошад, пас дар соли 1987 истеҳсоли ғалла ба 358,6 ҳазор тонна расида буд.

Дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои дигари хоҷагии қишлоқ рӯ ба инкишоф ниҳода буданд. Чорводорӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини кишоварзон ба ҳисоб рафта, тамоми колхозу совхозҳо соҳиби чорвои калони шохдор ва бузу гӯсфанд буданд. Ғайр аз ин паррандапарварӣ ва истеҳсоли пилла ҳам инкишоф ёфт.

Солҳои 50-уми асри XX дар масъалаи сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда шуд. Соли 1948 НБО Варзоб-2 ва соли 1952 НБО Варзоб-3 ба кор даромад. Дар соли 1957 сохтмони НБО Қайроқум ба итмом расид. Соли 1963 НБО Сарбанд, бо иқтидори 210 ҳазор кВт ва соли 1964 НБО марказӣ бо иқтидори 18 ҳазор кВт ба истифода дода шуданд.

Аз аввали солҳои 60-ум барои сохтмони НБО Норак аз буҷаи Иттифоқ маблағ ҷудо гардид ва соли 1961 сохтмони он оғоз гардид. Дар соли 1972 агрегати аввал ва дар соли 1979 агрегати охирини нерӯгоҳ ба кор даровarда шуд. Иқтидори ҳар як агрегати он 300 ҳазор кВт буда, дар маҷмӯъ 2700 ҳаз.кВт ва иқтидори солонааш тақрибан 11 млрд кВт соатро ташкил менамояд.

Дар муддати 35 сол дар Тоҷикистон истеҳсоли қувваи барқ 100 маротиба зиёд гардида, қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ нерӯгоҳҳои барқии обӣ пурра фаъолият мекарданд. Дар ҳамин давра дар ҳудуди

Тоҷикистон аввалин хатҳои баландшиддати барқӣ кашида шуданд. Агар соли 1950 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 169,5 млн кВТ соат қувваи барқ истеҳсол карда шуда бошад, пас соли 1985 истеҳсоли қувваи барқ ба 15,710,1 млн кВт соат расид.

Обанбори ин нерӯгоҳ имкон медиҳад қариб як миллион гектар заминҳои бекорхобидаро обшор намояд. Дар асоси НБО Норак комплекси минтақавии Тоҷикистони Ҷанубӣ ташаккул ёфт: соли 1967 нахустин корхонаи бузурги кимиёвӣ – заводи азотии Вахш, комбинатҳои коркарди кӯҳиву металлургии Анзоб ва электромеханикӣ Ёвон ба кор дароварда шуд. Ғайр аз ин роҳи оҳани Тирмиз – Қӯрғонтеппа-Ёвон сохта ба истифода дода шуд.

Металлургияи ранга дар Тоҷикистон таърихи дуру дароз дорад. Дар нимаи асри XX дар Тоҷикистон истеҳсоли тилло, сурб, арзиз ва дигар металлаҳо ба роҳ монда шуда буд. Дар соли 1965 сохтмони заводи арзии тоҷик оғоз гардид. Заводи арзии тоҷик, дар баробари НБО Норак бузургтарин корхонаи саноатии сохташудаи Комплекси минтақавӣ истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ ба ҳисоб меравад. Аввалин корпуси электролизии ин завод моҳи марти соли 1975 ба кор дароварда шуд. Охири соли 1977 дар завод яке аз калонтарин сеҳҳои истеҳсоли анодҳои пухта ба истифода дода шуд. Дар ин давр боз чор корпуси электролизии дигар ба кор даромад. Маҳсулоти завод аллакай аз соли 1977 ба чунин мамлакатҳои ҷаҳон, ба монанди Англия, Чехословакия, Венгрия, Руминия, Олмон ва ғайра фиристода шуд. Иқтидори солонаи завод 517 ҳазор тонна арзиз муайян шуда буд. Дар замони Шӯравӣ барои завод нуқтаи баландтарини истеҳсолот соли 1989 ба ҳисоб меравад. Завод бо технологияи навтарини ҷаҳонӣ таҷҳизонида шудааст ва яке аз корхонаҳои бузургтарини истеҳсоли арзиз дар миқёси ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Он дар ҳудуди Осиёи Миёна ягона чунин завод мебошад.

**Саволҳо**

1.Сохтмони нахустин НБО дар Тоҷикистон кадом солҳоро дар бар гирифта буд?

2.Нақшаи ҳафтсолаи, ки (солҳои 1959-1966) дар Тоҷикистони Советӣ гузаронида шуда буд, кадом масъалаҳоро дар бар мегирифт?

3. Кадом объектҳои бузурги саноатӣ дар давраи Шуравӣ бунёд гардиданд?

## Ҷадвали хронологии таърихи иқтисодиёти ҷаҳон

| | |
|---|---|
| Энеолит. Ҳазораи IV-III то солшумории мо | Оғози гузариш ба муносибатҳои байниқабилавӣ. Нахустин тақсимоти ҷамъиятии меҳнат (кишоварзӣ аз чорводорӣ ҷудо мегардад) |
| Асри биринҷӣ. Охири ҳазораи IV-аввали ҳазораи I то солшумории мо | Пайдоиши нахустин тамаддунҳо. Дуввум тақсимоти ҷамъиятии меҳнат (ҳунармандӣ аз кишоварзӣ ҷудо мегардад). Кашфи хат |
| Асри оҳан. Аввали ҳазораи I то солшумории мо | Истифодаи оҳан боиси инкишофи ҷамъият гардид. |
| Охири ҳазораи IV то солшумории мо-с. 476 милодӣ | Ҳукмронии сохти ғуломдорӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим ва ҷаҳони антикӣ |
| Охири асри V миёнаи асри XVII | Давраи феодализм дар Аврупои Ғарбӣ |
| Охири асри V-X | Марҳилаи феодализми бармаҳал |
| Асрҳои XI - XV | Марҳилаи феодализми мутараққӣ |
| Асрҳои XV – XVII | Таназзул ва поёнёбии феодализм |
| Охири асри XV – XVII | Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ |
| с. 1492 | Кашфи Амрико аз ҷониби Христофор Колумб |
| 1497 – 1499 | Кашфи роҳи баҳри ба Ҳиндустон аз ҷониби Васко да Гама |
| солҳои 30-юми асрҳои XIII - XV | Юғи тотор-муғулҳо |
| с. 70-уми асри XV | Феодализми мутараққӣ дар Россия. Ташаккули давлати марказонидашудаи Россия |
| с.1535 | Ташкили низоми ягонаи пулӣ дар Россия |
| 1519-1522 | Саёҳати ҷаҳонии экспедитсияи Фернанд Магеллан |
| асри XVI – миҳнаи асри XVII | Марҳилаи таназзули феодализм ва ташаккули капитализм дар Аврупои Ғарбӣ |
| Солҳои 1566-1609 | Инқилоби буржуазӣ дар Нидерландҳо |
| с.1601 | Пайдоиши нахустин пулҳои когазӣ дар Шветсия |
| с.1649 | Ба охир расидани шаклгирии ҳуқуқи крепостной |
| асрҳои XVI – XVII | Пайдоиши мануфактураҳо |
| асри XVII | Инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ ва ташаккули бозори умумирусиягӣ |
| Нимаи дуввуми асри XVII | Барқароршавии капитализм дар асри XVII дар Голландия |
| Миёнаи асри XVI | Муттахидшавии Украина бо Россия |

| | |
|---|---|
| с. 1642-1649 | Инқилоби буржуазӣ дар Англия |
| Охири асри XVII- чоряки аввали асри XVIII | Сиёсати иқтисодӣ ва ислоҳоти Пётри I |
| с.1765 | Ихтирои нахустин дар ҷаҳон мошини бугии универсалӣ аз ҷониби И. Ползунов |
| с.1769 | Ба муомилот баровардани нахустин пулҳои қоғазӣ дар Россия |
| Нимаи сеюми асри XVIII – нимаи якуми асри XIX | Табаддулоти саноатӣ дар Англия |
| солҳои 1775-1783 | Ҷанг бахри истиқлолият дар байни мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ ва Англия |
| с. 1789-1794 | Инқилоби буржуазӣ дар Франсия |
| с. 30-юми асри XIX | Оғози табаддулоти саноати ва истифода бурдани муҳаррикҳои бугӣ ва низоми мошинҳои корӣ дар Россия |
| с.1825 | Сохта шудани нахустин роҳи оҳан дар Англия |
| с.30-юми асри XIX | Нахустин роҳи оҳан дар Россия – байни Петербург ва Деҳаи Шоҳӣ |
| с.1807 | Бекор кардани ҳуқуқи крепостной дар Германия |
| Нимаи якуми асри XIX | Аз ҷониби Англия муқаррар намудани монополияи ҷаҳонӣ ба саноат ва тиҷорат |
| с. 1831 – 1834 | Шуриши бофандаҳои Лион (Франсия) |
| с. 1848-1849 | Инқилобӣ буржуазӣ дар Германия |
| с.1861-1865 | Ҷанги гражданӣ дар ИМА |
| 19 феврали с.1861 | Бекор кардани ҳуқуқи крепостной дар Россия |
| с.1862 | Қабули Гомстет –акт дар ИМА |
| с.1864 | Таъсиси нахустин бонки хусусии тиҷоратӣ дар Россия |
| солҳои 1870-1871 | Ҷанг байни Франсия ва Пруссия |
| с.1873 | Нахустин бӯҳрони иқтисодӣ дар Россия, ки асосан соҳаи саноати сабукро хароб кард. |
| Охири сеяки асри XIX | Гузариш ба капитализми монополистӣ |
| Чоряки охири асри XIX | Аз даст додани пешбарии саноатии Англия ва ба ҷои аввал баромадани ИМА аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ |
| солҳои 70-90-уми асри XIX | Инқилоби техникӣ |
| Чоряки охири асри XIX | Бунёди соҳаҳои нави саноатӣ (электротехникӣ, кимиёвӣ, коркарди нефт, автомобилӣ) |
| с. 80-ум ва 90-уми асри XIX | Бо суръат рушд ҳфтани ҷамъиятҳои |

| | |
|---|---|
| | саҳомӣ. Инкишофи монополияҳо дар истеҳсолот ва умури бонкӣ. |
| миҳнаи асри XIX | Ба ҷои 1-ум баромадани Германия дар соҳаи саноатӣ дар Аврупо. |
| Охири асри XIX | Ба маркази рушди иқтисодиёти ҷаҳон табдил ёфтани ИМА<br>Ба охир расидани тақсимоти марзии ҷаҳонӣ. Оғози тақсимоти иқтисодӣ |
| Охири асри XIX | Таъсиси нахустин дар Россия иттиҳодияи монополӣ – «Иттиҳоди роҳсозон» |
| с.1895-1897 | Ислоҳоти пули С.Ю. Витте |
| Охири с. 90-уми асри XIX | Ба бузургтарин содиркунандаи ҷаҳонии маҳсулоти хоҷагии кишлоқ табдил ёфтани Россия |
| с. 1903 | Ҳавонавардӣ |
| с.1905-1906 | Инқилоб дар Россия |
| с.1906-1910 | Ислоҳоти аграрии Столипин |
| с.1907-1908 | Бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ |
| с. 1914-1918 | Ҷанги якуми ҷаҳонӣ |
| с.1917 | Инқилоби феврал ва Инқилоби октябр дар Россия |
| 28 июни с.1919 | Ба имзо расидани шартномаи сулҳи Версал |
| с.1922, декабр | Таъсиси ИҶШС |
| с.1923 | Ислоҳоти пулӣ дар Германия |
| с. 1924-1929 | Нақшаи Дауэс |
| с.1929-1931 | Нақшаи Юнг |
| с. 1929-1933 | Бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ |
| с. 1929-1936 | Ба анҷом расидани индустриализатсия дар Япония |
| с.1933 | Ба анҷом расидани ташаккулёбии диктатураи фашизм дар Германия |
| с. 1933-1938 | «Роҳи нав»- и Рузвелт |
| с.1933 | Қабул намудани қонун оид ба барқарор намудани саноат ва хоҷагии кишлоқ |
| с. 1939-1945 | Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ |
| с. 1941-1945 | Ҷанги бузурги ватанӣ |
| с. 1947, август | Эътироф намудани истиқлолияти Ҳиндустон |
| с. 1948-1951 | Нақшаи Маршалл |
| с. 1948 | Ислоҳоти пулӣ дар ҶФГ |
| с.1949, январ | Таъсиси Шурои Ҳамёрии Иқтисодӣ |
| с. 1949 | Таъсиси Созмони шартномаи шимолиатлантикӣ (НАТО) |
| с. 1950 | Таъсиси Ҷумҳурии Ҳиндустон |
| с. 1951-1952 | Таъсиси Иттиҳоди Аврупоии ангишт |

| | |
|---|---|
| | ва пӯлод |
| с. 1956-1958 | Сиҳсати «ҷаҳиши бузург» дар Хитой |
| с. 1957 | Ба имзо расидани шартнома оид ба таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Аврупо («Бозори умумӣ») |
| с. 1958 | Таъсиси Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо |
| с. 1960 | Аз мустамлика озод шудани кишварҳои Африка «Соли Африка» |
| с. 1960 | Таъсиси Созмони кишварҳои содиркунандаи нефт (ОПЕК) |
| с. 1961 | Қабули барномаи ёрии иқтисодии ИМА ба кишварҳои Амрикои Лотинӣ «Иттиҳод баҳри рушд» |
| с. 1962 | Ба ҷои дуввум баромадани ҶФГ дар истеҳсолоти саноатӣ дар байни мамлакатҳои капиталистӣ |
| с. 1969 | Ба ҷои дуввум баромадани Япония дар ҷаҳон аз рӯи истеҳсолоти саноатӣ дар байни мамлакатҳои капиталистӣ |
| с.1978 | Ислоҳотҳо дар Хитой |
| Охири с. 70-ум | Аз рӯи пешниҳоди Конгресси ИМА коркардшуда баромадани барномаи тадқиқотии навоварӣ барои бизнеси хурд |
| с. 1973-1975 | Бӯхрони иқтисодии ҷаҳонӣ |
| с. 1980-1982 | Бӯхрони иқтисодии ҷаҳонӣ |
| с. 50-70-уми асри XX | Инқилоби илмӣ-техникии муосир |
| с. 50-70-уми асри XX | Аз байн рафтани низоми мустамликадорӣ |
| с. 50-уми асри XX | Ташкили низоми ҷаҳонии сотсиализм |
| с. 90-уми асри XX | Аз байн рафтани низоми сотсиализм |
| с. 1992 | Ислоҳотҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар Россия |

# АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАБУРДАШУДА


1.Бор М. З. История мировой экономки. Конспект Лекций. М., «Дело и сервис», 1999.

2.Васильев Л.С. История Востока, В 2 т. Т. 1, Учеб. по спек. «История». -М., Высш. шк., 1998

3.История мировой экономики. Под. Ред. ак. Г.Б. Поляка, проф. А.Н. Марковой. ЮНИТИ -1999

4. К. Маркс ва Ф. Энгельс. Соч., нашри 2, ч. 25.

5.Румянцева Е.Е., Новая экономическая энциклопедия. Вт.изд. Москва ИНФРА-М, 2006

6.Таърихи иқтисодии мамлакатҳои хориҷӣ. Исломов С. ва Фузайлов А. Душанбе-2003

7. Таърихи иқтисодии мамлакатҳои хориҷӣ. Исломов С. Душанбе-2007

8. Экономическая история капиталистических стран. Под. ред. П.В. Кривля и др. М., Высшая школа 1986.

9. Экономическая история СССР и зарубежнїх стран. Под. ред. П.Н. Шемякина, А.А. Успенского, В.Т., Чунтулова М. Высшая школа, 1979

## Мундарича


Сарсухан.......................................................................5

**Боби I. Таърихи ташаккулёбии иктисодиёт**

1.1. Фан ва методи омўзиши таърихи иқтисодиёт..............................7
1.2. Хоҷагии ҷомеаи ибтидоӣ....................................................16
1.3. Таърихи иқтисодиёти Шарқи қадим .......................................21
1.4. Хусусиятҳои рушди иқтисодиёти Мисри қадим..........................25
1.5. Иқтисодиёти Хитои қадим.....................................................30
1.6. Рушди иқтисодии Юнон ва Рими қадим....................................35
1.7. Хусусиятҳои асосии иқтисодиёти феодализм..............................44

**Боби II. Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва давраи эҳёи саноат**

2.1. Омилҳои асосии ташаккулёбии капитализм..................49
2.2. Голландия – аз феодализм роҳ ба сўи капитализм ....................56
2.3. Англия-ватани инқилоби саноатӣ.............................................62
2.4. Хусусиятҳои рушди саноат дар Франсия....................................66
2.5. Пайдоиш ва инкишофи капитализм дар Германия..............................69
2.6. Ташаккулёбии ИМА ва инкишофи иқтисодии он дар асри XIX..........................................................................74
2.7. Инкишофи иқтисодии Япония дар асри XIX.................................79
2.8. Инкишофи иқтисодиёти Россия дар асри XIX................................82

**Боби III. Рушди ҷараёнҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳон**

3.1. Инқилоби илмӣ-техникӣ ва инкишофи ҷаҳонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар охири асри XIX ва аввали асри XX..................................................................................87
3.2. Ҷараёни ҳамгироӣ (интегратсия) дар иқтисодиёти ҷаҳон дар асри XIX – ибтидои асри XX.............................................90
3.3. Олигархияи молиявӣ пешбарандаи анъанаҳои давлатӣ-монополӣ..........................................................92
3.4. Бўҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ дар солҳои 1929-1933......................98
3.5. Иқтисодиёти ИҶШС дар давраи Ҷанги бузурги ватанӣ..........................................................................105
3.6. Нақшаи Маршалл................................................................108
3.7. Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ.........................................110
3.8. Бунёди созмони Миллали Муттаҳид.........................................114
3.9. Тоҷикистон дар марҳилаҳои инкишофи хоҷагии халқ......................116
Ҷадвали хронологии таърихи иқтисодиёти ҷаҳон............................120
Адабиёт ва сарчашмаҳои истифодабурдашуда..................................124